ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ БОХТАР БА НОМИ НОСИРИ ХУСРАВ

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**ВБД:339.727.2 (575.3)**

**КАБИРОВ ШАРОФУДИН РАҲМУДИНОВИЧ**

# ТАЪСИРИ РАВАНДҲОИ МУҲОҶИРАТ ДАР БАХШИ КИШОВАРЗИИ БОЗОРИ МЕҲНАТИ МИНТАҚАВӢ

**(дар мисоли вилояти Хатлон)**

# ДИССЕРТАТСИЯ

**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ**
**аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ**

Роҳбари илмӣ:
номзади илмҳои иқтисодӣ,
дотсент Мирзоалиев А.А.

Бохтар – 2023

## МУҚАДДИМА


**НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО**........................................................................ **3**

**МУҚАДДИМА**........................................................................................ **4**

**БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАҲҚИҚИ БАХШИ КИШОВАРЗИИ БОЗОРИ МЕҲНАТ ДАР ЗАМОНИ МУОСИР ВА АЛОҚАМАНДИИ ОН БО МУҲОҶИРАТИ МЕҲНАТӢ**

1.1. Асосҳои назариявии таҳқиқи бозори меҳнат ва муҳоҷират дар соҳаи кишоварзӣ........................................................................ 14

1.2. Методикаи арзёбии равандҳои муҳоҷирати меҳнатӣ дар соҳаи кишоварзии минтақа...................................................................... 31

1.3. Истифодаи таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ оид ба таъсири муҳоҷират ба бахши кишварзии минтақа............................................................ 46

**БОБИ 2. ТАҲЛИЛИ РАВАНДҲОИ МУОСИРИ МУҲОҶИРАТ ДАР БОЗОРИ МЕҲНАТ ВА ТАЪСИРИ ОН БА БАХШИ КИШОВАРЗИИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

2.1. Ҳолати муосири муҳоҷирати меҳнатӣ дар минтақа ва таъсири он ба бахши кишоварзӣ....................................................................... 62

2.2. Таҳлил ва муайян намудани омилҳои таъсиррасон ба афзоиши муҳоҷират дар бозори меҳнат.......................................................... 78

2.3. Кластерикунонӣ ҳамчун усули коҳишдиҳии таъсири номатлуби муҳоҷирати қувваи корӣ ба бахши кишоварзии вилояти Хатлон.......................................................................................... 94

**БОБИ 3. РОҲҲОИ ТАКМИЛДИҲИИ МЕХАНИЗМИ ИДОРАКУНИИ РАВАНДҲОИ МУҲОҶИРАТ ДАР БОЗОРИ МЕҲНАТИ МИНТАҚАВӢ ВА КОҲИШДИҲИИ ТАЪСИРИ ОН БА БАХШИ КИШОВАРЗӢ**

3.1. Самтҳои афзалиятноки идоракунии муҳоҷират дар бозори меҳнати кишоварзӣ........................................................................... 110

3.2. Такмили механизми идоракунии раванди муҳоҷират дар бозори меҳнати кишоварзии вилояти Хатлон................................................ 125

**ХУЛОСА**.............................................................................................. 146

**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот**...................... 149

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ**........................................................................... 153

**Феҳристи корҳои чопшудаи муаллиф доир ба мавзуи диссертатсия**.... 174

# НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО

**БМР** – Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи солҳои 2016-2021

**АМИТ –** Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

**БРИИВХ** – Барномаи рушди иҷтимоӣ-иқтисодии вилояти Хатлон

**ИДМ** – Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

**ИМА** – Иёлоти Муттаҳидаи Амрико

**КАС** – комплекси агросаноатӣ

**ҶТ** – Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ИҶШС** – Иттиҳоди Ҷамоҳири Шуравии Сотсиалистӣ

**СМХ** – Сармоягузории мустақими хориҷӣ

**СБМ** – Созмони байналмилалии меҳнат

**МИҲД** – Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ

**СМР** – Стратегияи милли рушди Ҷумҳури Тоҷикистон барои давраи то соли 2030

**ҲҶТ** – Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ФР** – Федератсияи Россия

**МММ** – маҷмуи маҳсулоти миллӣ

**НТҶ** – ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ

**ВМКБ** – Вилояти мухтори кӯҳистони Бадахшон

**ММД** – маҷмуи маҳсулоти дохилӣ

**М.С.А. Ҳамадонӣ** – Мир Саид Алии Ҳамадонӣ

**ХБА** – Хазинаи байналхалқии асъор

**СААД** – Созмони аҳдкунии амнияти давлатӣ

## МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ба сифати мушкилоти калидии рушди минтақавӣ инҳоро ҷудо кардааст: «Барои тамоми кишварҳо заминаи асосии таъмини рушди устувор ва мутавозин ин рушд додани минтақаҳои онҳо мебошад. Таҳлил нишон дод, ки ислоҳоти аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалишудаистода бештар дар сатҳи марказӣ амалӣ шудааст. Дар робита бо ин, "дар ҷойҳо" (дар минтақаҳои кишвар) масъалаҳои зиёди ҳалношуда боқӣ мондаанд»[1]. Яке аз ҳамин масъалаҳо механизми идоракунии раванди муҳоҷират дар бозори меҳнати кишоварзии минтақаҳо мебошад. Зеро дар шароити дигаргуниҳои куллӣ дар раванди муҳоҷирати аҳолӣ, омили ҷиддии ташаккули бозори меҳнат, таъмини муҳоҷирон бо ҷойҳои корӣ, бахусус дар бахши иқтисодиёти кишоварзии минтақаҳо мегардад.

Аммо раванди идоракунии муҳоҷират дар бозори меҳнати кишоварзӣ бо бисёр омилҳо ва пеш аз ҳама, музди меҳнати паст дар соҳаи кишоварзӣ, зиёдшавии аҳолӣ, бекорӣ, афзоиши шумораи корхонаҳои кишоварзии зарардида ва қарздор, инчунин ҳодисаҳои фавкулода, алоқаманд мебошад.

Вобаста ба зиёдшавии аҳолӣ ҳамчун омили афзоиши муҳоҷират Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми соли 2022 қайд намуданд, ки «...роҳбарону мутахассисони Вазорати кишоварзӣ, Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ, Агентии беҳдошти замин ва обёрӣ, Академияи илмҳои кишоварзӣ, вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳоро зарур аст, ки бо дарназардошти афзоиши аҳолӣ ҷиҳати зиёд кардани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳо ва таҷдиду барқарорсозии иншооти обёрӣ эътибори аввалиндараҷа диҳанд»[2]. Дар ҳолати беэътиноӣ ин

---

[1] Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. С.42.

[2] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» [захираи электронӣ] реҷаи дастрасӣ: www.prezident.tj (санаи мурочиат: 12.02.2023)

вазъият метавонад боиси тезутундшавии мушкилиҳои бо кор таъмин будан ва бекорӣ дар байни аҳолӣ гардад, ки ангезандаи равандҳои муҳоҷират мешавад.

Вилояти Хатлон дар самти шаҳрнишиншавии (урбанизатсияи) аҳолӣ аз дигар минтақаҳои кишвар каме ақиб мондааст, зеро дар он бартарии аҳолии деҳот мушоҳида мегардад. Бинобар ин, сарфи назар аз мавҷудияти омилҳои мухталифи муҳоҷиратро ба вуҷудоваранда, сатҳи пасти зиндагии мардуми деҳот, рушд наёфтани инфрасохтори деҳот, ба мисли пешина сабабҳои калидии дарёфти рӯзии бештар аз ҷониби сокинон боқӣ мемонанд. Бо вуҷуди ин, имкониятҳо ва иқтидорҳои мавҷуда барои рушди иқтисодиёти минтақа воқеан бузурганд. Дар ин ҷо иқтидорҳои азими гидроэнергетикӣ, иқлими мусоид барои истеҳсолоти кишоварзӣ мутамарказ шудаанд, дар ин ҳудуд иншооти калонтарини кишоварзӣ, заминҳои ҳосилхез ва ғ. ҷойгир шудаанд. Дар мавриди самаранок истифода бурдани ҳамаи омилҳои инкишоф, дар баробари дигар вазифаҳои хоҷагидорӣ, инчунин мушкилоти муҳоҷиратро низ ҳаллу фасл кардан мумкин аст.

Дар робита ба ин, омӯзиши равандҳои муосири муҳоҷират, таҳлили миқёс, самтҳо ва омилҳое, ки онҳоро муайян мекунанд, инчунин муайян кардани ҷанбаҳои гуногуни таъсири муҳоҷират ба бозори меҳнати кишоварзии минтақа, мубрамии мавзуи таҳқиқ ва сабаби интихоби онро нишон медиҳад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуъ.** Саҳми назаррасро барои рушди назарияи бозори меҳнат ва раванди муҳоҷират олимони хориҷӣ: Алексеенко И.Г., Бизин С.В., Богданов А.А., Бондаренко Л.В., Буланова В.С., Ванкевич Е.В., Злобин Е.Ф., Калинчик Н.В., Капелюк С.Д., Каратаев Г.С., Кейнс Ҷ., Ковалская Н.Я., Козлов А.В., Козова О.А., Коротких Ю.С., Кулистикова Т., Кучковская Н.В., Лебед А.В., Лишук Е.Н., Максимова Е., Маркс К., Маршалл А., Оганесян Л.О., Позубенков П.С., Позубенкова Э.И., Покшишевский В.В., Полухина М.Г., Пуляев Н.Н., Студенникова Н.С., Трунин С. Н., Чугай Д.Ю., Шаклеин Ф.А. ва дигарон гузоштаанд.

Таҳқиқи ин мушкилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар корҳои олимони зерин: Р.К. Раҳимов, Н.Қ. Қаюмов, Т.Ҷ. Усмонова, Д.Б. Қодирзода, Қ.Х.

Хушвахтзода, Н. Хоналиев, Х.У. Умаров, М. Исмоилов, С.И. Исломов, М.Р. Кошонова, Р. Хуҷамқулов, Р.М. Бобоҷонов, Ю.Р. Юсуфбеков, У.С. Раимдодов, З. Халимхонов, А.Ҷ. Гадоев, М.Н. Тоҷибоева, К.С. Одиназода, М.Ф. Ҳакимова, Н.С. Саъдуллозода, А. Абдуллоева, М.У. Мирзоева, Ш.М. Саидмуродов, А.Б. Гулов, А.А. Бобоев, Н.Н. Умаров ва дигарон инъикос ёфтааст.

Аммо таъсири равандҳои муҳоҷират дар бахши кишоварзии бозори меҳнати минтақавӣ дар мисоли як минтақаи алоҳидаи ҷумҳурӣ ҳанӯз ба таври кофӣ таҳқиқ нашудааст ва роҳҳои ҳалли худро талаб менамояд.

**Робитаи таҳқиқ бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Рисолаи илмӣ дар доираи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи солҳои 2021-2025, Барномаи ислоҳоти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020, Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон дар давраи солҳои 2021-2025, Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2023-2025, Консепсияи рушди шуғли пурмаҳсул барои давраи то соли 2040, Стратегияи давлатии рушди бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 ва нақшаи дурнамои корҳои илмӣ-тадқиқотии кафедраи назарияи иқтисоди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав робитаи бевосита дорад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот** аз омӯзиш ва таҳқиқи асосҳои назариявии бозори меҳнат ва муҳоҷират дар соҳаи кишоварзӣ, муайян намудани омилҳои таъсиррасон ба афзоиши муҳоҷират дар бозори меҳнат, дарёфти роҳҳои такмили механизми идоракунии раванди муҳоҷират дар бозори меҳнати кишоварзии вилояти Хатлон иборат аст.

**Вазифаҳои таҳқиқот**. Вобаста ба ин ҳадафҳо дар таҳқиқот вазифаҳои зерин гузошта ва ҳал карда шуданд:

- таҳқиқи ҷанбаҳои назариявии бозори меҳнат ва муҳоҷират ва муайян намудани методикаи арзёбии равандҳои он дар соҳаи кишоварзии минтақа;

- омӯзиши таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ оид ба идоракунии муҳоҷират дар бахши кишоварзии минтақа;

- муайян намудани вазъи кунунии муҳоҷират дар минтақа ва таъсири он ба рушди истеҳсолоти кишоварзӣ;

- ошкор намудани омилҳои таъсиррасон ба зиёдшавии муҳоҷирон дар соҳаи кишоварзии минтақа ва роҳҳои ҳалли он;

- пешниҳоди самтҳои афзалиятноки идоракунии муҳоҷират дар бозори меҳнати кишоварзии минтақа;

- такмили механизмҳои идоракунии муҳоҷират ва таъсири он дар беҳтар намудани соҳаи кишоварзии вилояти Хатлон.

**Объекти таҳқиқот** маҷмуи равандҳои ташаккули бозори минтақавии меҳнат дар шароити серҳаракатии қувваи корӣ ва ҷараёни таъсиррасонии муҳоҷирати қувваи кориро ба соҳаи кишоварзии вилояти Хатлон дар бар мегирад.

**Мавзуи таҳқиқот** механизми идоракунии равандҳои муҳоҷират дар бозори меҳнати кишоварзии минтақа ва муҳоҷирати қувваи корӣ дар низоми омилҳои таъсиррасон ба бозори минтақавии меҳнати вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Фарзияи таҳқиқот.** Фарзияи таҳқиқот дар пояи муқаррароти ибтидоие асос ёфтааст, ки таъсири номатлуби равандҳои муҳоҷиратро дар бахши кишоварзии бозори меҳнати минтақавӣ дар як минтақаи алоҳидаи аграрӣ-саноатӣ, ки вилояти Хатлон ба он мансуб меёбад, бо роҳи омӯзиши амиқи асосҳои назариявии таҳқиқи бозори меҳнати минтақавӣ ва муҳоҷират, истифодаи методикаи илман асоснокшудаи таҳқиқи равандҳои муҳоҷирати меҳнатӣ дар соҳаи кишоварзӣ, истифодаи таҷрибаи судманди мамлакатҳои хориҷа, таҳқиқи ҳолати муосири муҳоҷирати меҳнатӣ дар минтақа ва таъсири он ба бахши кишварзии минтақа, бо роҳи таҳияи механизми идоракунии раванди муҳоҷират дар бозори меҳнати кишоварзии вилояти Хатлон кам кардан имконпазир аст.

**Асосҳои назариявии таҳқиқотро** пажӯҳишҳои олимони хориҷӣ ва ватанӣ доир ба масъалаи механизми идоракунии раванди муҳоҷират дар бозори меҳнати кишоварзии минтақа ташкил дода, маълумотҳои марказҳои таҳқиқотӣ, сомонаҳои интернетӣ, мақолаҳои нашршуда дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, авторефератҳо, диссертатсияҳои илмӣ, маводи конференсияҳои илмӣ-амалӣ доир ба масъалаи таҳқиқшаванда ҳамчун пойгоҳи назариявии ин таҳқиқот хизмат кардаанд. Инчунин, таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳлил ва омӯзиши асосҳои назариявӣ ва илмии бисёрсолаи муаллифро доир ба ҷанбаҳои гуногуни муаммоҳои механизми идоракунии раванди муҳоҷират дар бозори меҳнати кишоварзии минтақа фаро гирифтааст.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Дар ҷараёни таҳқиқот барои ноил шудан ба ҳадафҳо ва вазифаҳои гузошташуда усулҳои иқтисодию оморӣ, монографӣ, абстрактӣ ва мантиқӣ, гурӯҳбандии ҳисобҳои конструктивӣ ва дигарҳо истифода карда шуданд.

**Сарчашмаи маълумот.** Сарчашмаҳои иттилоотии диссертатсияро асарҳои илмии олимони ватанию хориҷии марбут ба мавзуи таҳқиқот, маълумотҳои омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон, Раёсати кишоварзии вилояти Хатлон, Раёсати беҳдошти замин ва обёрии вилояти Хатлон, маводи Интернет ва коркардҳои шахсии муаллиф ташкил медиҳанд.

**Пойгоҳи таҳқиқот**. Диссертатсия дар заминаи кафедраи назарияи иқтисоди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлати Бохтар ба номи Носири Хусрав» дар давоми солҳои 2016-2022 иҷро гардидааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот** аз омӯзиш ва таҳқиқи асосҳои назариявии бозори меҳнат ва муҳоҷират дар соҳаи кишоварзӣ, ошкорнамоии омилҳои таъсиррасон ба афзоиши муҳоҷират дар бозори меҳнат, мукаммалгардонии механизми идоракунии равандҳои муҳоҷират дар бозори кишоварзии меҳнати вилояти Хатлон иборат мебошад. Унсурҳои асосии навгонӣ инҳо мебошанд:

- дар доираи омӯзиши таҳқиқотҳои назарияи олимони хориҷӣ ва ватанӣ оид ба идоракунии раванди муҳоҷират дар бозори меҳнати кишоварзии минтақа таърифи нав, дар шакли зайл «...бозори меҳнати соҳаи кишоварзии минтақа як системаи динамикӣ мебошад, ки маҷмуи муносибатҳои иҷтимоию меҳнатиро оид ба шароити киро, истифода ва мубодилаи қувваи корӣ барои воситаҳои зиндагӣ ва механизми худтаъминкунии он (механизми тақозо ва арза), ки дар асоси он фаъолият мекунад, дар бар мегирад», пешниҳод ва методикаи арзёбии он муайян карда шудааст;

- дар натиҷаи таҳқиқи таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ, аз ҷумла ИМА, Канада, Мексика, Юнон, Шветсия, Норвегия, Ирландия, Дания, Олмон, Фаронса, Британияи Кабир, Испания, Федератсияи Россия истифодаи механизми идоракунии раванди муҳоҷират дар бозори меҳнати кишоварзии мамлакатҳои Олмон, Фаронса, Россия барои ҷалби коргарони маҳаллӣ ба корҳои мавсимӣ, сохтани платформаи онлайн бо ҷой додани эълон дар он бораи ҷойҳои кори холӣ ва дигар маълумоти марбут ба корҳои саҳроӣ тавсия карда шуд;

- дар асоси таҳлили вазъи кунунии муҳоҷират дар бозори меҳнати минтақа муайян карда шуд, ки афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар давраи мавриди таҳлил нишондиҳандаҳои рушди устуворро дар вилояти Хатлон таъмин намудааст, ки яке аз сабабҳои асосиаш, ба андешаи муаллиф, паҳншавии бемории COVID-19 мебошад. Тадбирҳои маҳдудсозии кишварҳои ҷаҳон ҷиҳати пешгирии паҳншавии COVID-19 боиси буҳрони шадид дар иқтисоди ҷаҳонӣ гардида, ба тамоми соҳаҳои ҳаёти ҳаррӯзаи мардум, новобаста аз вазъи иҷтимоӣ ва мақоми онҳо, таъсир расониданд. Ин амалҳо боиси тағйироти ҷиддӣ дар соҳаи кишоварзии вилояти Хатлон шуд. Зеро маҳдудиятҳо ва низомҳои карантинии кишварҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ, ки қабулкунандаи муҳоҷирон аз вилояти Хатлон мебошад, ҳанӯз аз моҳи феврали соли 2020 ҷорӣ гардида, то охири моҳи марти соли 2020 сарҳадҳо барои дохил ва хориҷ аз ҷониби ҳамаи кишварҳои ИДМ баста шуданд. Дар ин ҳолат дар

вилояти Хатлон барзиёдии қувваи корӣ ба вуҷуд омада, қисми бештари он ба кишоварзӣ машғул шуд;

- ҳодисаҳои фавқулода, музди меҳнати паст дар соҳаи кишоварзӣ, зиёдшавии аҳолӣ, бекорӣ, афзоиши шумораи корхонаҳои кишоварзии зарардида ҳамчун омилҳои таъсиррасон ба зиёдшавии муҳоҷирон муайян ва ҳалли масъалаҳои мураккаби иҷтимоию иқтисодӣ дар самти таъсири муҳоҷират ба рушди иқтисодиёти кишоварзӣ бо усули кластерӣ пешниҳод карда шуд;

- зиёд намудани муассисаҳои таълимӣ, аз ҷумла донишгоҳу донишкадаҳо ва коллеҷҳо бо мақсади тайёр намудани кадрҳои болаёқат дар соҳаи кишоварзии вилояти Хатлон аз ҳисоби муҳоҷирон, таъсиси ҷойҳои корӣ, омӯзиши муҳоҷирон ба технологияҳои инноватсионӣ ва ҷорӣ намудани он дар бозори меҳнати кишоварзии минтақа, сармоягузорӣ бо мақсади ташкили ҷойҳои корӣ ва кам намудани сафи муҳоҷиршавии аҳолии минтақа ҳамчун самтҳои афзалиятноки идоракунии муҳоҷират дар бозори меҳнати кишоварзии минтақа пешниҳод карда шуд;

- сохтори такмилёфтаи механизми идоракунии раванди муҳоҷират дар бозори меҳнати кишоварзии минтақа ҳамчун омили мусбати рушди кишоварзии минтақа пешниҳод карда шуд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

- таҳқиқи ҷанбаҳои назариявии бозори меҳнат ва муҳоҷират дар соҳаи кишоварзӣ дар сатҳи минтақа ва пешниҳоди таърифи нави он, инчунин муайян кардани методикаи арзёбии равандҳои муҳоҷират дар бозори меҳнати кишоварзии минтақа;

- пешниҳодҳо оид ба истифодабарии таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ (таҷрибаи кишварҳои Олмон, Фаронса, Федератсияи Россия) доир ба истифодаи механизми идоракунии раванди муҳоҷират дар бахши кишоварзӣ;

- муайян намудани ҳолати муосири муҳоҷирати меҳнатӣ дар минтақа ва таъсири он ба бахши кишварзии минтақа;

- таҳлил ва муайян намудани омилҳои таъсиррасон ба афзоиши муҳоҷират дар бозори меҳнат ва пешниҳоди роҳҳои ҳалли он;

- муайян ва пешниҳод намудани самтҳои афзалиятноки идоракунии муҳоҷират дар бозори меҳнати кишоварзии минтақа;

- такмили механизми идоракунии раванди муҳоҷират дар бозори меҳнати кишоварзии вилояти Хатлон.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки он корҳои олимони маъруфи ватанӣ ва хориҷиро оид ба ташаккули фаъолияти бозори меҳнат дар бахши кишоварзии минтақа дар бар гирифтааст. Ҳангоми баррасии мавзуъ муаллиф ба равияҳои консептуалӣ, ки дар монографияҳои илмӣ, маводи конференсияҳои илмӣ-амалӣ, ҳисоботи илмии марказҳои намоёни илмӣ баён гардидаанд, инчунин, ба қонунҳо, стратегияву барномаҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон такя намудааст.

Хулоса ва тавсияҳои дар таҳқиқоти диссертатсионӣ овардашударо дар фаъолияти амалӣ ҳангоми идоракунии муҳоҷират дар бозори меҳнати кишоварзии минтақа ба таври васеъ истифода бурдан мумкин аст. Онҳоро, инчунин, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои такмили қонунгузорӣ ва таҳияи тадбирҳо дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ истифода бурда метавонанд.

Илова бар ин, маводи таҳқиқотро ҳангоми хондани лексияҳо оид ба курси «Бозори меҳнат», «Иқтисодиёт ва идоракунӣ», «Менеҷмент» ҳамчунин, ҳангоми хондани маърӯзаҳо дар курси махсус дар ихтисосҳои иқтисодии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав истифода бурдан мумкин аст.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** бо гузаронидани таҷрибаҳо, саҳеҳияти маълумот, ҳаҷми кофии маводҳои таҳқиқот, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот тасдиқ мегардад**.** Дар таҳқиқоти гузаронидашуда масоили мубрами самти такмили равандҳои муҳоҷират таҳлил шуда, бо маълумоти дақиқи таҷрибавӣ асоснок гардида, пайдарҳамии таҳқиқоти назарияи ва амалия дар сатҳи зарурӣ арзёбӣ карда шудааст. инчунин, ҳамаи масъалаҳо ва пешниҳодот бо рақам ва маълумоти оморӣ, ҳисоботи вазорату идораҳои дахлдор оид ба мавзуи таҳқиқ мустаҳкам

гардидаанд. Хулоса ва натиҷаҳои диссертатсияи мазкур аз ҷониби Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (Суратмаҷлиси №1/105, аз 28.01.2022) барои истифода пешниҳод шуда, санад оид ба татбиқи амалии онҳо мавҷуд аст.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Муқаррароти назариявӣ ва методологии диссертатсия, объект, мавзуъ, навгониҳо ва муҳтавои он ба бандҳои шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мувофиқат менамояд, аз ҷумла: 7. Бозорҳои локалӣ (маҳаллӣ), ташаккулёбии онҳо, амалкард ва ҳамкорӣ; савдои байниминтақавӣ. Назарияи ҷуғрофиёи нави иқтисодӣ; 15. Мақсадҳо ва механизмҳои сиёсати давлатии тараққиёти минтақаҳо. Шаклҳо ва механизмҳои баҳамтаъсиррасонии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми ҳалли масъалаҳои асосии рушди иҷтимоию иқтисодӣ. Проблемаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии худидоракунии маҳаллӣ; 19. Самаранокии истифодаи омилҳои истеҳсолот дар рушди иқтисодиёти минтақавӣ. Қонуниятҳо ва хусусиятҳои ташкил ва идоракунии сохторҳои иқтисодӣ дар минтақаҳо. Бартариҳои мутлақ ва нисбии кластерҳои иқтисодии минтақавӣ; 22. Инкишофи бозори минтақавии меҳнат. Иқтидори меҳнатӣ дар минтақаҳо ва вижагиҳои идоракунии он. Муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар минтақаҳо. Вижагиҳои ҷойгиркунии минтақавии иқтидори меҳнатӣ; 24. Рушди комплекси агросаноатӣ дар минтақаҳо, вижагиҳои минтақавӣ ва ҳудудии рушди кишоварзӣ.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Ҳамаи даврaҳои иҷроиши нақшаи кори илмӣ, таҳияи мавзуъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, мақсадгузорӣ ва иҷрои вазифаҳо аз ҷониби муаллиф ба анҷом расонида шудааст. Дар ҷараёни таҳқиқ муаллиф ҳолати муосири муҳоҷирати меҳнатӣ дар минтақа ва таъсири он ба бахши кишварзӣ омӯхта, омилҳои таъсиррасон ба афзоиши муҳоҷират дар бозори меҳнат муайян ва механизмҳои идоракунии муҳоҷирон дар беҳтар намудани соҳаи кишоварзии вилояти Хатлонро пешниҳод намудааст. Натиҷаҳои таҳқиқотро дар шакли хулоса ва пешниҳодҳо дар мақолаҳои илмӣ пешниҳод намудааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия**. Нуктаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ (солҳои 2016-2022) пешниҳод гардида, дастгирӣ ёфтаанд. Аз ҷумла дар конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Рушди гидроэнергетика - Рушди Тоҷикистон» (20-уми декабри соли 2018) дар Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон, конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Истифодаи самараноки захираҳои обӣ ва нақши он дар рушди соҳаҳои хоҷагии халқи давлатҳо» бахшида ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» (27 декабри соли 2021, шаҳри Кӯлоб) мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқот 13 мақолаи илмӣ дар ҳаҷми 5,0 ҷузъи чопӣ, аз ҷумла 11 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз тарафи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшаванда ба нашр расидааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, ҳашт зербоб, 27 ҷадвал, 10 расм, 3 диаграмма, хулоса, пешниҳод иборат буда, бо истифода аз 217 сарчашма таҳия карда шуда, дар 176 саҳифаи компютерӣ омода гардидааст.

# БОБИ 1.
# АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАҲҚИҚИ БАХШИ КИШОВАРЗИИ БОЗОРИ МЕҲНАТ ДАР ЗАМОНИ МУОСИР ВА АЛОҚАМАНДИИ ОН БО МУҲОҶИРАТИ МЕҲНАТӢ

## 1.1. Асосҳои назариявии таҳқиқи бозори меҳнат ва муҳоҷират дар соҳаи кишоварзӣ

Бозори меҳнат муҳимтарин соҳаи иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоии ҷомеа мебошад. Меъёрҳои арзиши меҳнат дар бозори меҳнат ба чунин омилҳо ба монанди шароити кирояи қувваи корӣ, дараҷа ва андозаи музди меҳнат, шароити кор, бехатарии кор, имкониятҳои таҳсил, такмили ихтисос ва ғайра арзёби карда мешавад.

Барои дуруст фаҳмидани мафҳуми «бозори меҳнат дар соҳаи кишоварзӣ» сараввал мафҳуми он ва мафҳумҳои асосии мавҷудаи фаъолияти бозори меҳнатро баррасӣ мекунем.

Дар мавриди мафҳуми «бозори меҳнат» дар шароити имрӯза андешаи ягона вуҷуд надорад. Асоси назариявии таълимотро оид ба бозори меҳнат намояндагони мактаби классикӣ дар иқтисодиёт гузоштаанд.

Консепсияи классикии фаъолияти бозори меҳнатро дар асарҳои А.Смит, Д.Рикардо, Ҷ.Б. Сей, А.Маршалл, Д.Кларк, А.Пигу вохӯрдан мумкин аст. Ба ақидаи онҳо меъёри асосии иқтисоди бозорӣ ин шуғли пурра ва беҳтарин сиёсати иқтисодӣ ин сиёсати дахолат накардани давлат мебошад. Тарафдорони ин консепсия чунин мешуморанд, ки бозори меҳнат мисли ҳамаи бозорҳои дигар дар асоси мувозинати нарххо амал мекунад, яъне танзимгари асосии бозор нарх - дар ин маврид меҳнат (музди меҳнат) мебошад. Бо ёрии музди меҳнат талабот ва пешниҳоди меҳнат ба танзим дароварда шуда, мувозинати онҳо нигоҳ дошта мешавад. Агар дар бозори меҳнат мувозинат вуҷуд дошта бошад, бекорӣ имконнопазир аст[3]. Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки шуғли пурра

[3] Трунин, С. Н. Экономика труда: С. Н. Трунин. - М.: ЗАО «Издательство «Экономика»», 2009.

мувофиқи назарияи классикӣ мавҷуд набудани бекорӣ нест, балки вазъияте дар бозори меҳнат аст, ки ҳар шахси хоҳишманд метавонад ҷойи кор пайдо кунад.

Мувофиқи модели классикӣ, талабот ба қувваи корӣ аз ҷониби корфармоён пешниҳод карда мешавад ва пешниҳоди қувваи корӣ аз ҷониби кормандон амалӣ карда мешавад.

Тибқи консепсияи классикии фаъолияти бозори меҳнат, коргарон на ба эквиваленти пулии музди меҳнат, балки ба ҳаҷми молу хизматҳое, ки онҳо метавонанд бо эквиваленти пулии музди меҳнат харидорӣ кунанд, манфиатдоранд. Ба андешаи классикон, коргарони кироя, ки бо корфармоён шартномаи меҳнатӣ мебанданд, метавонанд ба арзиши музди меҳнати воқеӣ таъсир расонанд. Онҳо аз он бармеомаданд, ки меъёрҳои ҳақиқии музди меҳнат хеле тағйирпазиранд ва метавонанд афзоиш ҳам ёбанд. Ба туфайли ин дар бозори меҳнат мувозинат ба даст оварда мешавад.

Мувофиқи назарияи марксистии бозори меҳнат ва бекорӣ, ки онро К.Маркс дар нимаи дуюми асри XIX асоснок карда буд, меҳнат дар истеҳсолоти молӣ мушаххас ва абстрактӣ мебошад, яъне характери дугона дорад. Таълимот дар бораи характери дугонаи меҳнат ба К.Маркс имконият дод, ки мафҳуми арзиши изофаро, ки манбаи фоидаи капиталист аст, ба илми иқтисодӣ дохил кунад. Аз ин рӯ, ба андешаи ӯ қувваи корӣ моле аст, ки қодир ба эҷод кардани арзиши бештар аз арзиши қувваи корӣ мебошад[4].

Аз гуфтаҳо хулоса мебароям, ки муҳимтарин хусусияти назарияи марксистии шуғл дар он аст, ки коргари музднок дар бозор меҳнати худро не, балки қувваи кориро мефурӯшад.

Ҷ.Кейнс таъкид мекард, ки иқтисодиёти бозории капиталистӣ механизме надорад, ки шуғлро танзим кунад ва бо ҳамин хотир назарияи классикии шуғлро рад мекард. Ба андешаи ӯ, давлат метавонад ба танзими иқтисоди мутавозин ҳам дар сатҳи бекорӣ ва ҳам дар сатҳи таваррум нақши назаррас

[4] Маркс, К. Капитал. Критика политической экономии / К. Маркс. - М., 1983. - Т. 1. - Кн. 1. Процесс производства капитала.

дошта бошад[5]. Мувофиқи ин назария, пурра бо кор таъмин шудани аҳолӣ на ҳамчун як кори муқаррарӣ, балки ҳодисаи тасодуфӣ ба ҳисоб меравад. Дар баробари ин капитализм ба назорат ва танзими доимии давлат ниёз дошт. Бекорӣ ва таваррумро Ҷ.Кейнс ҳамчун хусусиятҳои табиии капитализм ҳисоб мекард, ки давлат онро тавассути танзими пасандозҳои аҳолӣ ва сармоягузории соҳибкорӣ идора карда метавонад.

Барои ба низом даровардани мафҳумҳое, ки имрӯз истифода мешаванд, метавон аз таснифоти муҳаққиқи фаронсавӣ Р. Бойе[6] истифода кард, ки панҷ мафҳуми асосии бозорро муайян кардааст (ҷадвали 1.1).

**Ҷадвали 1.1. - Назарияиҳои Олими Фаронсавӣ Р. Бойе оид ба бозор**

| | |
|---|---|
| Бозор ҷойест, ки дар он фурӯшандаҳо ва харидорон мунтазам вомехӯранд ва раванди савдо ба роҳ монда мешавад. | Бозор ҳудуди муайяне мебошад, ки дар он амалҳои хариду фурӯш сурат мегиранд. |
| Бозор – ин талаботи умумии самаранок ба намуди муайяни маҳсулот ва хизматрасонӣ мебошад. | Бозор механизми худтанзимкунандаи талабот ва пешниҳод мебошад. Дар ин ҷо худи агентҳои иқтисодӣ қарор медиҳанд, ки чӣ истеҳсол кунанд ва бо кадом нарх фурӯшанд. |
| Бозор системаи иқтисодист, ки дар он механизми худтанзимкунандаи бозор шакли бартаридоштаи иқтисодиёт мебошад. | |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси маводҳои Солодовников, С.Ю. Социальный потенциал Республики Беларусь: теория, методология, практика / С.Ю. Солодовников; науч. ред. П.Г. Никитенко. - Минск: Беларус. навука, 2009. – С.96-97.

Аз назарияи аввали Р. Бойе бармеояд, ки ин назарияи қадимтарин идеяи аз ҷиҳати ҳудудӣ муайяншудаи бозор амебошад, ки ҳанӯз дар асри XII ба вуҷуд омадааст, аммо то ҳол дар ҳаёти ҳаррӯза истифода мешавад. Масалан, дар суханронии ҳаррӯза мо то ҳол бозорҳои кушодро ҳамин тавр меномем, яъне ҷойҳое, ки савдо берун аз мағозаҳо ташкил карда мешавад. Мо илова мекунем, ки чунин ҷойҳо метавонанд доимӣ ва муваққатӣ бошанд, танзимшаванда ва стихиявӣ ташкил карда шаванд - ин моҳияти таърифро тағйир намедиҳад.

---

[5]Кейнс, Дж. М. Общая теория занятости, процента и денег/ Дж. М. Кейнс. - М.: Экзамен, 1978.

[6] Boyer, R. The Variety and Unequal Performance of Really Existing Markets: Farewell to Doctor Pangloss / R. Boyer // Contemporary Capitalism: The Embeddedness of Institutions / J.R. Hollingsworth, R Boyer (eds.). - Cambridge: Cambridge University Press, 1999. - P. 6265.

Назарияи дуюме, ки пешниҳод гардидааст – ин назария васеътарин таърифи «ҷуғрофӣ» мебошад, ки мафҳуми бозорро бо шаҳрҳо, кишварҳо, қаламравҳо, қитъаҳои алоҳида мепайвандад. Масалан, «Бозори Тоҷикистон», «Бозори Ӯзбекистон» ва ғайраҳо.

Андешаи сеюм - ин назарияи бозор акнун на қаламравро, балки маҷмуи харидорони маҳсулоти мушаххасро ифода мекунад. Дар ин сурат, дар бораи бозорҳои алоҳида сухан ронда, мо талабот – ба меҳнат, ба саҳмия, молҳои истеъмоли аҳолӣ ва ғайраро дар назар дорем.

Дар назарияи чорум худи агентҳои иқтисодӣ қарор медиҳанд, ки чӣ истеҳсол кунанд ва бо кадом нарх фурӯшанд. Ба ибораи дигар, бозор ҳамчун соҳае тавсиф мешавад, ки дар он рақобати байни агентҳои мустақил ва нархгузории озод бартарӣ дорад. Дар ин таъриф ҳама гуна маҳаллисозии ҳудудӣ, муваққатӣ ё предметӣ аз байн меравад, ҷойи онҳоро моделе ишғол мекунад, ки шароитҳои ба даст овардани мувозинати бозорро муқаррар мекунад. Назарияи панҷум бошад, принсипҳои бозории ташкили иқтисодӣ ба тамоми ҷомеаҳо, ки онро «ҷомеаҳои бозорӣ» меноманд, муқаррар мекунанд.

Ба андешаи В.С. Буланова маҷмуи муносибатҳои молӣ-пулӣ, ки талабот ва пешниҳоди қувваи корӣ, киро кардани он ва мубодилаи воситаҳои зиндагиро дар бар мегирад, бозори меҳнат мебошад[7].

Қувваи меҳнатӣ, чунон ки маълум аст, қобилиятҳои гуногуни меҳнатро дарбар мегирад, вале на ҳамаи онҳо дар раванди меҳнат истифода мешаванд. Дар айни замон на иқтидор, балки қувваи кори амалкунанда мукофотонида мешавад; на тамоми маҷмуи қобилиятҳо, балки танҳо қобилиятҳои ибтидоии касбӣ, ки дар он меҳнат талаб карда мешаванд.

Бозори меҳнат дар заминаи гуфтаҳои боло танҳо он муносибатҳои меҳнатӣ мебошанд, ки бо якчанд хусусиятҳо алоқаманд мебошад, аз ҷумла:

- нахуст, бо талабот ба меҳнат, аз рӯйи талабот ба мол дар ҷамъият муайян карда мешавад;

---

[7] Рынок труда / под ред. проф. В.С. Буланова, проф. Н.А. Волгина. -3-е изд., перераб. и доп. - М.: Изд-во «Экзамен», 2007. - 479 с.

- дуюм, бо истифода аз малакаҳои касбии талабот ва додани музди онҳо;

- сеюм, бо мурури замон истифодабарии қувваи корӣ.

Дар ин ҷо объекти мубодила қобилияти амалии меҳнат ё қувваи кори амалкунанда мебошад. Моҳияти бозори меҳнат дар ҳамин аст. Бозори меҳнат шакли ибтидоии мавҷудияти меҳнат буда, онро аз нуқтаи назари миқдорӣ тавсиф мекунад.

Аз мавқеи такрористеҳсолкунӣ бошад маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятию меҳнатиро вобаста ба шароити шуғл, шароити истифодаи коргарон дар истеҳсолоти ҷамъияти ҷудо кардан мумкин аст, ки бозори меҳнатро ба маънои танг ифода мекунад. Бозори дохили корхона муносибатҳои бозориро дар соҳаи шуғли аҳолӣ (дар корхона), яъне муносибатҳои вобаста ба нархи меҳнат ва вақти истифодабарии он тавсиф мекунад.

Бозори меҳнат категорияи иҷтимоию иқтисодӣ буда, механизми мушаххаси иҷтимоии таърихан муқарраршударо дар бар мегирад, ки маҷмуи муайяни муносибатҳои иҷтимоӣ ва меҳнатиро амалӣ намуда, ба муқаррар намудан ва нигоҳ доштани таносуби манфиатҳо байни коргарон, соҳибкорон ва давлат мусоидат мекунад. Чунин механизм модели талабот ва пешниҳоди меҳнат мебошад.

Ба андешаи П.В. Лешиловский бозори меҳнат – системаи муносибатҳои мубодилаи қобилиятҳои шахсӣ оид ба меҳнат ба фонди зиндагонии барои такрористеҳсоли қувваи кори ва чойгиркунии коргарон дар системаи таксимоти ҷамъиятии меҳнат мувофиқи конунҳои истеҳсоли мол ва муомилот мебошад[8].

Л.О. Оганесян, Н.В. Кучковская чунин мешуморад, ки бозори меҳнат маҷмуи муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ мебошад, ки ба татбиқи вазифаҳои мубодила, тақсимоти захираҳои меҳнат ва даромад мусоидат мекунанд. Бозори меҳнат назар ба дигар бозорҳои омилҳои истеҳсолот бештар ба тағйироти институтсионалӣ таъсир мерасонад, зеро меҳнат маҳсули мушаххас буда, на

[8] Лещиловский, П.В. Трудовые ресурсы села: проблемы и пути решения: монография / П.В. Лещиловский. - Минск: БелНИИЭИ АПК, 1998. – с12-13.

танҳо вазифаҳои иқтисодӣ, балки иҷтимоиро низ иҷро мекунад[9]. Аз ин мавқеъҳо бозори меҳнатро ҳамчун системаи институтҳое баррасӣ кардан лозим аст, ки мувозинати манфиатҳои иқтисодии субъектҳои онро таъмин менамоянд.

Ҳамин тавр, таҳлили назарияҳои олимони хориҷӣ метавон хулоса намуд, ки мафҳуми «бозори меҳнат» моҳияти муносибатҳои молию пулии ҷамъиятию меҳнатиро, ки ба шартҳои ба кор кабул кардан ва истифода бурдани коргарон дар истеҳсолоти моли ҷамъиятӣ дахл доранд, инъикос мекунанд. Вай дар муносибатҳои иқтисодии мубодилаи қувваи кори (меҳнати) амалкунанда барои рӯзгор, ба музди ҳақиқии дар асоси қонунҳои талабот ва пешниҳод, арзиши меҳнат, ҳосилнокии ниҳоии меҳнат ва рақобат қарор дорад.

Яке аз хусусиятҳои асосии бозори меҳнат муайян намудани сохтор ва унсурҳои таркибии он мебошад. Айни ҳол гуфтан мумкин аст, ки сохтори бозори меҳнат аз унсурҳои зерин иборат аст:

1) субъектҳои бозори меҳнат;

2) танзими давлатии бозори меҳнат дар асоси барномаҳои махсуси иқтисодӣ ва меъёрҳои ҳуқуқӣ;

3) механизми бозорӣ, аз ҷумла талабот ва пешниҳоди қувваи корӣ, нархи меҳнат, рақобат;

4) бекорӣ ва ёрдампулии иҷтимоии ба он вобаста;

5) инфрасохтори бозор.

Гуфтан ба маврид аст, ки фаъолияти бомуваффақияти бозор бидуни фароҳам овардани шароити муносиби иқтисодӣ (андозҳо, имтиёзҳо ва ғ.), сиёсати фаъоли шуғли аҳолӣ ва ғайра ғайриимкон аст. Ба ҳамин хотир механизми бозори меҳнат ҳамкорӣ ва ҳамоҳангсозии манфиатҳои гуногуни корфармоён ва аҳолии қобили меҳнат, ки хоҳиши кироякорӣ кардан доранд, дар асоси маълумоте, ки дар шакли тағйирёбии нархи меҳнат ба даст омадааст, иборат мебошад.

---

[9] Оганесян, Л.О. Механизм функционирования рынка труда аграрной сферы в региональной экономике (теоретико-методологические аспекты): монография / Л.О. Оганесян, Н.В. Кучковская. - Волгоград: ИПК ФГОУ ВПО «Волгоградская ГСХА «Нива», 2009. – с.5.

Дар бозори меҳнат талабот ин талаботи корфармоён ба коргарон барои истеҳсоли мол ва хизматрасонӣ мувофиқи талабот дар иқтисодиёт мебошад.

Дар натиҷаи механизми талабот ва пешниҳод бозори меҳнат вазифаҳои зеринро иҷро мекунад:

- танзими талабот ва пешниҳоди қувваи корӣ;
- таъмини вохӯрии фурӯшандагони меҳнат ва корфармоён барои бастани шартномаҳо бо мақсади пайвастани меҳнат бо воситаҳои истеҳсолот;
- таъмини рақобат байни кормандон барои ҷои кор ва байни корфармоён барои киро кардани қувваи корӣ;
- муқаррар намудани нархи мувозинати меҳнат;
- мусоидат ба шуғли пурра, вале камхарҷ.

Интихоби навъи механизми фаъолияти бозори меҳнат бо шароити такрористеҳсоли қувваи корӣ ва хусусияти меҳнати кишоварзӣ муайян карда мешавад. Ба механизми фаъолияти бозори меҳнат хусусиятҳои зерин марбут ба такрористеҳсоли қувваи корӣ таъсир мерасонанд:

- ҷудонашавандагии ҳуқуқи моликият ба мол - меҳнат - аз соҳиб. Дар бозори меҳнат харидор (корфармо) танҳо ҳуқуқи истифода ва қисман ихтиёрдории қобилияти меҳнатиро (қувваи меҳнатиро), ки муддати муайян амал мекунад, ба даст меорад;

- давомнокии назарраси робитаи байни фурӯшанда ва харидори меҳнат, ки дар муносибатҳои онҳо осори худро мегузорад ва дар таъмини устувории корхона нақши муҳим дорад;

- мавҷудияти шумораи зиёди сохторҳои институтсионалии навъи махсус (системаи васеи қонунгузорӣ, барномаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, хадамоти шуғли аҳолӣ ва ғайра);

- дараҷаи баланди фардикунонии муомилоти марбут ба сатҳи гуногуни касбӣ ва тахассусии қувваи корӣ, технологияҳои гуногун ва ташкили кор ва ғайра;

- асолати мубодилаи қувваи коргарӣ нисбат ба мубодилаи ҳар гуна моли дигар. Мубодилаи якум аз соҳаи муомилоти мол - қувваи корӣ оғоз шуда, дар

соҳаи истеҳсолот идома ёфта, дар соҳаи муомилоти молҳои ҳаётӣ, яъне дар бозори молу хизматрасонӣ ба охир мерасад.

- дар соҳаи муомилоти моли воқеӣ оғоз ва анҷом меёбад;

- барои корманд аҳамияти ҷанбаҳои ғайрипулии муомилот, мазмун ва шароити кор, микроиқлим дар коллектив, имконияти пешбарӣ. Хусусиятҳои хоси биологии истеҳсолоти кишоварзӣ, пеш аз ҳама, як қатор талаботро нисбат ба сифати захираҳои меҳнатӣ (дараҷаи омодагии касбӣ), рафтори меҳнатӣ ва ҳавасмандии корфармоён дар бозори меҳнат ва аз ин рӯ, ба механизми фаъолияти бозори меҳнат дар соҳаи кишоварзӣ муайян мекунанд.

Дар асарҳои олмони тоҷик ба монанди Т.Ҷ. Усмонова, Д.Б. Қодиров, Н. Хоналиев, Ҳ.У. Умаров, М. Исмоилов, Р. Ҳуҷамқулов, Р.М. Бабаджанов, Ю.Р. Юсуфбеков, У.С. Раимдодов, З. Ҳалимхонов ва О.И. Тургинов масъалаҳои таъсири ҳаракати қувваи корӣ ба бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути призмаи рушди равандҳои муҳоҷират баррасӣ шудаанд. Ташаккули бозори меҳнат, пеш аз ҳама, ба мақсади олии истеъмоли мол, баланд шудани дараҷаи некуаҳволии аҳолӣ вобаста аст. Танҳо дар ҳамин сурат маҳсулоти ҷамъиятии истеҳсолшуда серталаб шуда, барои муносибатҳои минбаъдаи меҳнатӣ заминаҳои зарурӣ ба вуҷуд меояд[10].

Исмоилов М., ва Ҳуҷамқулов Р. дар таҳқиқоти монографии худ қайд мекунанд, ки «бозори меҳнат як ҷузъи низоми бозорӣ мебошад». «Хусусияти истеҳсолот ҳамчун категорияи иқтисодӣ аз шаклҳои гуногун ба монанди моликият, бозори меҳнат ва муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ вобаста аст»[11].

Ба андешаи Усмонова Т.Ҷ. имрӯз бозори меҳнат қисмати муҳимтарин ва мураккаби бозори умумӣ буда, метавон гуфт, ки вай заминаеро ташкил медиҳад, ки «бино»-и иқтисодиёт бар он сохта мешавад ва рушди минбаъдаи он аз фаъолияти он вобаста аст. Дар ин бозор қариб тамоми ҳодисаҳои иҷтимоию

---

[10] Гадоев А.Ҷ. Формирование и развитие механизма рынка труда в условиях мобильности трудовых ресурсов диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ.- Душанбе, 2023.- С.22

[11] Исмаилов М.М.,Худжамкулов Р.Б. Оплата и стимулирование труда на промышленных предприятиях Таджикистан а в рыночных условиях хозяйствования // - Издательство «Дабир». – Худжанд, 2018. – С.5.

иқтисодие, ки дар ҷамъият ба амал меоянд, зуҳуроти худро меёбанд[12]. Гуфтан мумкин нест, ки имрӯз мо ҳодисаи тамоман тадқиқнашудаи иқтисодӣ дорем. Баръакс, то андозае маълум ва омӯхта шудааст, зеро қариб ҳамаи кишварҳо дар бозори меҳнат бо чунин зуҳурот, ба монанди бекорӣ, низоми музди меҳнат, шуғл ва ғайра дучор меоянд.

Қодиров Д.Б. қайд менамояд, ки бозори меҳнат дар Тоҷикистон ҳанӯз дар марҳилаи ташаккулёбӣ қарор дошта, хусусияти он ба ташаккули ҳайати умумии коргар таъсири бисёрҷониба расонида, доираи истифодаи меҳнатро ба воситаи шаклҳои гуногуни моликият ҳам тавассути ҳаҷми корхонаҳо васеъ намуданд, рақобатро барои меҳнати корхонаҳо зиёд мекунад[13]. Ин ба онҳо имкон медиҳад, ки интихоби мушаххаси коргаронро анҷом диҳанд, рақобати худи коргаронро барои кор дар ин ё он шакли моликият зиёд намоянд.

Ба андешаи таҳқиқгари ватанӣ Тоҷибоева М.Н. масъалаҳои калидӣ ба монанди интихоб ва татбиқи сиёсати самараноки муҳоҷиратӣ, такмили санадҳои меъёрию ҳуқуқии миллӣ ва қабули қонунҳои муосир дар самти муҳоҷирати меҳнатӣ, таъмини ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои муҳоҷирон ва аъзои оилаи онҳо, рушди низоми муассисаҳои касбомӯзӣ ва оммавӣ фаро гирифтани муҳоҷирон барои омӯзиши забонҳои хориҷӣ ва касбҳои рақобатпазир, инчунин дигар масъалаҳои зарурӣ дар маҷмуъ бояд дар бозори меҳнат ҳаллу фасл гарданд[14]. Аз гуфтаҳои таҳқиқгари ватанӣ бармеояд, ки барои ба танзим овардани равандҳои муҳоҷирати меҳнатӣ дар шароити афзоиши қувваи корӣ,

---

[12] Усманова Т. Дж., Азимова М.Т., Особенности рынка труда в современном Таджикистане / В сборнике: Инновационные доминанты социально-трудовой сферы: экономика и управление материалы ежегодной международной научно-практической конференции по проблемам социально-трудовых отношений (17 заседание). ФГБОУ ВО «Воронежский государственный университет»; Академия труда и занятости (Воронежское региональное отделение). 2017. - С. 17-22.

[13] Кадыров Д.Б. Роль рынка труда в решении социальных проблем общества/ Инновационные доминанты социально-трудовой сферы: экономика и управление: материалы ежегодной международной научно-практической конференции по проблемам социально-трудовых отношений (16 заседание). 20 мая 2016 г. – Воронеж, 2016. – С.110.

[14] Тоҷибоева М.Н. Зуҳуроти нави баргашти муҳоҷирони меҳнатӣ дар шароити афзоиши ҳаракати байналхалқии қувваи корӣ / диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ.- Душанбе – 2023.- С.47

ҳалли якчанд масъалаҳои аввалиндарача зарур мебошад ва ҳамаи онҳо пайдарҳамии худро дошта аз якдигар вобаста мебошанд.

Ҳамин тариқ, ташаккули бозори меҳнат аз нигоҳи олимони ватанӣ на танҳо бо қонунҳои худи бозор, балки бо қонунҳои мушаххасе, ки аз хусусиятҳои иқтисоди миллӣ ба миён меоянд, муайян карда мешавад.

Арзёбии дарачаи ноил шудан ба нишондиҳандаҳои мақсаднок, ки вазъи бозори меҳнатро инъикос мекунанд, барои муайян кардани самаранокии банақшагирии стратегии рушди соҳаи кишоварзӣ аҳамияти калон дорад. Дар баробари ин, бинобар хусусиятҳои назарраси минтақавии бозори меҳнатӣ дар бахши кишоварзӣ, ин таҳлил бояд дар сатҳи минтақаҳои алоҳида гузаронида шавад. Чунин таҳқиқот ҳоло ҳам кам мебошад.

Дар мақолаҳои олимони рус Э.Ф. Злобин, Н. Студенникова, М. Полухина, ки дар ноҳияҳои округи федералии марказии Федератсия Россия таҳлил гардиданд, дар таҳқиқоти худ ноил шудан ба нишондиҳандаҳоро муайян карданд, вале дар кори онҳо танҳо як нишондиҳанда - дарачаи бо кор таъмин будани аҳолии деҳот мавриди баррасӣ қарор дода шудааст[15].

Тибқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳури Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, яке аз муҳимтарин ҳадафҳои 15 соли минбаъада вусъатдиҳии шуғли пурмаҳсул мебошад[16]. Дар ин ҳолат вазъияти бозори меҳнат дар соҳаи иқтисодиёти кишоварзӣ ва иқтидори кадрии он, дарачаи шуғл, бекорӣ ва даромади аҳолии соҳаи кишоварзиро муайян намудан, ба пешрафти иқтисодиёти минтақаҳо таъсир мерасонад.

Ба андешаи Л.О. Оганесян бозори меҳнат дар бахши кишоварзӣ бояд ҳамчун механизми муомилоти меҳнат аз рӯйи характери тақсимоти захираҳои меҳнатӣ дар деҳот ва системаи созишномаҳои ба ҳам алоқаманди иҷтимоию иқтисодии байни корфармоёни хусусӣ, давлатӣ, иттифоқҳои касаба бо аҳолии

[15] Злобин Е.Ф., Студенникова Н.С., Полухина М.Г. Сельский рынок труда Центральной России: состояние и проблемы // Вестник аграрной науки. – 2017. – № 6 (69). – С. 117–123. – URL: https://elibrary.ru/item.asp?id=32300490

[16] Стратегияи милли рушди Ҷумҳури Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. с.5

қобили меҳнат вобаста ба ҷалб ва татбиқи манфиатҳои иҷтимоию иқтисодии онҳо дар раванди таҷдиди қувваи корӣ ба ҳисоб гирифта шавад[17].

Аз назарияи пешниҳодшудаи олим бармеояд, ки бозори меҳнати бахши кишоварзӣ вобаста ба характери меҳнати соҳаи кишоварзӣ, пурзур гардидани фазои он ва тақсим кардани захираҳои меҳнатӣ дар минтақа хусусиятҳои ба худ хос дорад. Инро бо он шарҳ медиҳем, ки минтақакунонии истеҳсолоти шаҳракҳои деҳот пеш аз ҳама ба шароити табиию иқлимӣ ва баъд шароити муомилот ва тақсимоти меҳнат, хусусиятҳои сокинии деҳот, ки бо онҳо хос аст, вобаста мебошад.

«Дар доираи бозори меҳнати минтақавӣ», Е.В. Ванкевич бозори минтақавии меҳнат як қисми бозори умумии кишвар мебошад, ки хусусиятҳои хоси худро дорад»[18].

Чунин хусусиятҳои бартаридоштаи бозорҳои минтақавӣ, ба монанди якпорчагӣ, мустақилият ва устуворӣ таъкид шудаанд. Бозорҳои минтақавӣ, ки дорои чунин хусусиятҳо мебошанд, вале бо институтҳои ҳамоҳангсозӣ таъмин нестанд ва ба рушди асимметрияи бозори кишоварзӣ мусоидат мекунанд, ки на танҳо дар бекории умумӣ, балки дар номутобиқатии сохтории байни талабот ва пешниҳоди қувваи корӣ, музди меҳнат, нобаробарӣ, сохти ичтимоию демографии шуғл ва ғайримуқаррарии қувваи коргарӣ зоҳир мешавад.

Ба андешаи Л.В. Бондаренко, мушкилоти асосии бозори меҳнати кишоварзӣ коҳиши шумораи аҳолии деҳот ва мавҷудияти бекории назаррас мебошад[19].

С.Д. Капелюк ва Ф. Шаклейн дар мақолаи худ иддао мекунанд, ки динамикаи манфии шуғл аз ҳисоби пиршавии аҳолӣ, муҳоҷират ва коҳиши

---

[17] Оганесян, Л.О. Механизм функционирования рынка труда аграрной сферы в региональной экономике (теоретико-методологические аспекты): монография / Л.О. Оганесян, Н.В. Кучковская. - Волгоград: ИПК ФГОУ ВПО «Волгоградская ГСХА «Нива», 2009. – с.6.

[18] Ванкевич, Е.В. Рынки труда малых городов Беларуси. Особенности функционирования, изучения и управления / Е.В. Ванкевич // Белорусский экономический журнал. - 2003. - № 1. - С. 72-82.

[19] Бондаренко Л.В. Сельский рынок труда: состояние и тенденции // Вестник сельского развития и социальной политики. – 2015. – №3 (7). – С. 2–10. – URL: https://cyberleninka.ru/article/n/selskiy-rynok-truda-sostoyanie-i-tendentsii

босуръати шумораи мутахассисон ва коргарони соҳибихтисос, ки маҳсулоти бозоргир истеҳсол мекунанд, бештар мешавад[20].

Дар қатори проблемаҳои дигар, бо кор таъмин кардани соҳаи кишоварзӣ ва дараҷаи баланди бекории ҷавонони то 30-сола, номувофиқатии таълиму касбӣ дида мешавад[21].

Муаллифон, ба монанди Е. Позубенков, П. Позубенков, қайд мекунанд, ки ҳангоми таҳлили бозори меҳнати соҳаи кишоварзӣ шумораи зиёди омилҳоеро, ки ба он таъсир мерасонанд, ба назар гирифтан лозим аст. Ба ақидаи онҳо, ба ин омилҳо дар баробари сохтори демографӣ ва ҳаракати аҳолӣ, фаъолияти иқтисодӣ, динамикаи маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ, хусусияти соҳавии минтақа, сиёсати инвеститсионии минтақавӣ, марҳилаҳои давраи тиҷорат дохил мешаванд[22]. Ба андешаи мо ин омилҳо хусусияти назарраси минтақавӣ доранд, ки боиси фарқияти васеъи минтақавии бозори меҳнати соҳаи кишоварзӣ мегардад.

Дар асарҳои С.В. Бизина, хусусиятҳои бозорҳои минтақавии меҳнатро меомузанд[23]. Аз ин корҳо хулоса баровардан мумкин аст, ки таҳлили бозори меҳнати деҳоти ноҳияҳои алоҳидаи минтақаҳои мамлакат мароки махсус дорад. Сабаб он аст, ки ба ташаккули бозори меҳнат дар деҳоти ин ё он минтақа аксаран аз ҷойгиршавии ҷуғрофӣ, дарозӣ, рушди инфрасохтори нақлиётӣ ва сохтори соҳавии минтақа таъсир мерасонад. Дар баробари ин проблемаҳои бо

---

[20] Капелюк С.Д., Шаклеин Ф.А. Основные тенденции занятости населе-ния в сельской местности // Вестник Сибирского университета потребительской кооперации. – 2019. – № 4 (30). – С. 45–54. – URL: https://elibrary.ru/item.asp?id=42594004

[21] Лищук Е.Н. Анализ востребованности квалифицированных специали-стов на сельском рынке труда в России // Трансформационные процессы в сфере права, региональной экономики и экономической политики: актуальные экономико-политические и правовые проблемы: Сборник статей VIII Международной научно-практической конференции. – 2020. – С. 134–139. – URL: https://elibrary.ru/item.asp?id=42741718

[22] Позубенкова Э.И., Позубенков П.С. Сельский рынок труда: состояние и перспективы // Нива Поволжья. – 2017. – №2 (43). – С. 125–129. – URL: https://cyberleninka.ru/article/n/selskiy-rynok-truda-sostoyanie-i-perspektivy

[23] Бизин С.В. Анализ развития регионального рынка труда и проблемы занятости населения // Экономика труда. – 2018. – Том 5. – № 3. – С. 745–760. – URL: https://1economic.ru/lib/39415

кор таъмин намудани деҳот дар минтақаҳои дараҷаи баланди урбанизация пурра омухта нашудаанд.

Бо назардошти гуфтаҳои олимон қайд намудан зарур мебошад, ки барои ҳалли проблемаҳои бозори меҳнати соҳаи кишоварзӣ, сатҳу сифати зиндагии аҳолии минтақаҳои кишоварзӣ, ба накшагирии илмии стратегии рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳои мамлакат зарур аст. Вобаста ба ин, аз ибтидои солҳои 2000-ум таҳияи нақшаву барномаҳои стратегӣ дар ин самт вусъат ёфта, дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ҳуҷҷатҳои барномавӣ қабул карда шуданд.

Бозори меҳнат дар соҳаи кишоварзӣ ҳамчун механизми муомилоти меҳнат вобаста ба хусусияти тақсимоти захираҳои меҳнатӣ дар деҳот ва системаи созишномаҳои ба ҳам алоқаманди иҷтимоию иқтисодии байни корфармоёни давлатӣ, хусусӣ, тиҷоратӣ, иттифоқҳо ва аҳолии меҳнатӣ оид ба ҷалб ва татбиқи манфиатҳои иҷтимоию иқтисодии онҳо дар раванди такрористеҳсоли қувваи корӣ ҳисоб карда мешавад[24].

Бозори меҳнат дар соҳаи кишоварзӣ вобаста ба хусусияти меҳнати кишоварзӣ, пурзӯр шудани нақши хусусиятҳои фазоии он ва ҷудо намудани захираҳои меҳнатӣ дар минтақа хусусиятҳои худро дорад. Дар маҷмуъ, он ҷамъи бозорҳои маҳаллӣ (минтақавӣ) мебошад. Сабаб он аст, ки минтақакунонии истеҳсолот дар маҳалҳои аҳолинишини деҳот пеш аз ҳама ба шароити табиию иқлимӣ, баъд ба шароити муомилот ва тақсимоти меҳнат, хусусиятҳои маҳаллии аҳолинишини деҳот, ки бо инҳо хос аст: бо кам будани аҳолӣ ва парокандагӣ вобаста аст. Бозори минтақавии меҳнат дорои сохтори дусатҳӣ (микро-, мезо-) ва хосияти ҷудошавӣ мебошад, ки дар робитаи зич байни корманд ва ҷои кор, дар бартарияти стандартҳои маҳаллӣ, маҳаллии рафтор нисбат ба ҷустуҷӯ ва интихоби кор мебошад[25].

[24] Оганесян, Л.О. Механизм функционирования рынка труда аграрной сферы в региональной экономике (теоретико-методологические аспекты): монография / Л.О. Оганесян, Н.В. Кучковская. - Волгоград: ИПК ФГОУ ВПО «Волгоградская ГСХА «Нива», 2009. - 184 с.
[25] Оганесян, Л.О. Механизм функционирования рынка труда аграрной сферы в региональной экономике (теоретико-методологические аспекты): монография / Л.О. Оганесян, Н.В. Кучковская. - Волгоград: ИПК ФГОУ ВПО «Волгоградская ГСХА «Нива», 2009. - 184 с.

Олимони ватанӣ ба монанди академик Р. Раҳимов, Н. Қаюмов ва профессор Хоналиев Н. оид ба бозори меҳнат дар соҳаи кишоварзӣ таҳқиқотҳои зиёде ба анҷом расонидаанд. Онҳо қувваи кории кам истифодашударо ҳамчун омили изофаи қувваи корӣ дар минтақа, бахусус дар деҳот тавсиф мекунанд ва чунин мешуморанд, ки иқтидори асосии захираҳои меҳнатии босуръат афзояндаи бозори меҳнати минтақавие, ки таҳти тағйироти сохторӣ қарор дорад[26].

Истеҳсолоти кишоварзии имрӯза дар назди роҳбарону мутахассисон ва кадрҳои касбу кори гуногун талабҳои нав мегузорад. Ба роҳбарони корхонаҳои кишоварзӣ мутахассисони соҳибмаълумоти олӣ ва босалоҳият лозиманд, ки на танҳо ташкил ва технологияи истеҳсолоти ҳозиразамонро донанд, балки инчунин қобилияти чуқур таҳлилу пешгӯйи натиҷаҳои фаъолияти хоҷагӣ, гуфтушуниди тиҷоратӣ, бастани шартномаҳо ва ҳалли дигар масъалаҳои вобаста ба иқтисодиётро дошта бошанд.

**Хулосаи зербоб**

Ба андешаи мо «...бозори меҳнати соҳаи кишоварзии минтақа як системаи динамикӣ мебошад, ки маҷмуи муносибатҳои иҷтимоию меҳнатиро оид ба шароити киро, истифода ва ивази қувваи корӣ барои воситаҳои зиндагӣ ва механизми худтаъминкунии он (механизми талабот ва пешниҳод), ки дар асоси он фаъолият мекунад, дар бар мегирад».

Ба талабот ва пешниҳоди меҳнати кишоварзӣ нуктаҳои зерин хосанд:

- мазмуни меҳнат ба фароҳам овардани шароити мусоид барои инкишофи омилҳои биологии истеҳсолот, организмҳои зиндаи хок, набодот, ҳайвонот мебошад. Дар баробари ин, дар вақти иҷрои амалиёти алоҳида дар истеҳсолоти кишоварзӣ меъёрҳои бевоситаи баҳодиҳии микдор ва сифати меҳнат дар амал вуҷуд надорад;

[26] Гадоев А.Ҷ. Формирование и развитие механизма рынка труда в условиях мобильности трудовых ресурсов. Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ.- Душанбе – 20223.- С.20

- вобастагии самаранокии истифодаи меҳнат ба омилҳои табиӣ, ба ҳосилнокии замин ва шароити обу ҳаво. Дар ин ҷо омили тааҷҷуб (офати табиӣ, хушксолӣ, обхезӣ, сӯхтор) нақши муайянро мебозад. Таъсири омили ногаҳонӣ, ки ислоҳи доимӣ, пайдарпайии амалиётҳои технологӣ, муҳлати иҷрои онҳо ва риояи талаботи агротехникиро талаб мекунад;

- якҷоя кардани якчанд вазифаҳои меҳнатии коркунони соҳаи кишоварзӣ ва универсали гардонидани онҳо, ки дар натиҷаи гуногунии намудҳои меҳнат ва муҳлатҳои кутоҳи иҷрои онҳо ба амал омадаанд. Тақсимоти оперативии меҳнат дар соҳаи парвариши маҳсулоти зироат ва чорво бар хилофи соҳаи кишоварзӣ ҳадду имкониятҳои хеле танг дорад. Дар бахши иқтисодиёти кишоварзӣ нисбат ба сифатҳои кордонии коргарон ба таври васеъ умумикунонии меҳнат талаботҳои баландтар мегузорад;

- шароитҳои гуногуни истеҳсолӣ ва ғайристандартӣ зарурати муносибати индивидуалиро ба интихоби схемаҳои технологии кор дар саҳро ва парвариши ҳайвонот ва шаклҳои дахлдори муносибатҳои меҳнаткашон бо замин ва ҳайвонот муайян мекунанд. Аз нуқтаи назари омилҳои биологӣ дар муддати дароз ва бо камоли кордонӣ ба кор андохтани иқтидорҳои конкретии истеҳсолӣ (китъаҳои конкретии замин, саршумори муайяни чорво). Ин муқаррарот боиси беҳаракатии қувваи корӣ мегардад;

- устуворӣ ва вобастагии баланди даромади оилаҳои деҳқонон ба натиҷаҳои ниҳоии иқтисодии замин ва чорводорӣ;

- мавсимӣ будани истифодаи қувваи корӣ дар афзоиши талабот ба қувваи корӣ дар давраи корҳои кишоварзӣ бо муҳлатҳои кӯтоҳ ифода меёбад. Дар давраи кори тобистон талабот ба қувваи коргарӣ зиёд ва дар зимистон кам мешавад. Аз ин ҷост, ки мавҷудияти талаботи зиёдатӣ асимметрияи талабот ва пешниҳодро ташкил медиҳад. Ба ин муносибат структураи соҳавии иқтисодиётро дар асоси таносуби оқилонаи ҳиссаи соҳаҳои зироаткорӣ ва чорводорӣ, тараққӣ додани соҳаи хизматрасонӣ ва дараҷаи ҳаракати касбиро баланд бардоштан зарур аст.

Таҳлили назарияҳои олимони хориҷӣ ва ватанӣ, инчунин механизми фаъолияти бозори меҳнат имкон медиҳад, ба хулосае оем, ки дар бахши кишоварзӣ асосан як типи пӯшидаи механизм ҳукмрон аст, ки он бо ғайриҳаракатии қувваи коргарӣ ва сарҳадҳои боз ҳам равшантару устувори бозор, ҳамчунин ғайриҳаракатии нисбии дигар захираҳо – замин ва сармоя хос аст. Дар баробари ин аз сабаби мавсимӣ будани кори соҳаи кишоварзӣ, дар авҷи мавсим механизми пӯшида ба механизми нисбатан кушод табдил меёбад. Ҷорӣ намудани унсурҳои тағйирпазири шуғл ба механизми фаъолияти бозори меҳнат дар як давраи муайян хусусияти чандирӣ медиҳад.

Ҳар як модели бозори меҳнат, новобаста аз шароите, ки дар он фаъолият мекунад, на танҳо механизми «тоза»-и талабот ва пешниҳоди меҳнат, балки сохтори мушаххаси институтсионалие, ки параметрҳо ва равандҳои ин механизм, инчунин мувозинати мутақобила байни субъектҳои бозори меҳнат мебошад.

Механизми фаъолияти бозори меҳнатро дар бахши кишоварзӣ системаи институтҳои иқтисодӣ ташкил медиҳад, ки ба он муассиса-ташкилотҳо, муассисаҳо-меъёрҳо ва муассисаҳо-анъанаҳо (анъанаҳои миллӣ, этникӣ, маҳаллӣ ва касбии меҳнатӣ, расму оинҳо, одатҳо) дохил мешаванд. Чунин механизм ба ташаккули малака ва муносибатҳои иҷтимоии шахсон, ҷамъ овардани таҷрибаи зарурии истеҳсолии онҳо мусоидат намуда, барои соҳиби қувваи корӣ ва барои корфармо имкони ба даст овардани ҷои кори зарурӣ ва ба даст овардани фоида шароит фароҳам меорад.

Илова намудан мумкин аст, ки афзоиши муносибатҳои ғайрирасмӣ дар бозори меҳнати бахши кишоварзӣ аз ҳисоби рушди худидоракунии меҳнат ва чунин шаклҳои хочагидорӣ, монанди хоҷагии деҳқонӣ ва хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ вобаста аст.

Дар иқтисоди муосири минтақаҳои ҷумҳурӣ тамоюли институтсионализатсияи соҳаи иҷтимоӣ ва меҳнатӣ - пурзӯр шудани таъсири кӯҳна ва пайдоиши институтҳои нав, ки равандҳои меҳнатӣ ва муносибатҳои шуғли аҳолии деҳотро муайян мекунанд, мушоҳида мешавад.

Ба фикри мо, сохтори механизми фаъолияти бозори меҳнат дар бахши кишоварзӣ бояд дар асоси механизмҳои махсуси ба ҳам алоқаманд ташаккул дода шавад. Ин пеш аз ҳама:

- механизми бозори нарх. Бозори меҳнат механизми умумии муқаррар ва нашри нархҳо ва мусоидат ба фурӯши хизматрасониҳои меҳнатиро дар бар мегирад. Ин механизми ба ном нархест, ки хариду фурӯши қувваи кориро тавассути музди меҳнат танзим мекунад;
- механизми муомилот, ки аз тартиб ва бастани аҳдҳои меҳнатӣ тавассути бастани шартномаи меҳнатӣ иборат аст;
- механизми танзими давлатӣ, ки таъсиси институту сохторҳои алоҳидаи давлатиро дар сатҳҳои гуногун таъмин менамояд;
- механизми хусусии назорати қувваи корӣ; қоидаҳо дар дохили корхонаҳое, ки дар бозорҳои хориҷӣ амал мекунанд (қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнат ва ғайра) муқаррар карда шудаанд, унсурҳои ин механизм мебошанд. Бозорҳои меҳнат дар ин ҷо асосан на аз руйи механизми нарх, балки бо «маҷмуи қоидаҳо ва расмиёти маъмурӣ» дар дохили корхона идора карда мешаванд;
- механизми шарикии иҷтимоӣ ҳамчун шакли танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ ва ҳамоҳангсозии манфиатҳои иқтисодии кормандон ва корфармоён амал мекунад;
- механизми институтҳои иҷтимоие, ки ҳифзи анъанаҳои оилавию меҳнатии маҳаллиро таъмин менамояд.

Танҳо чунин сохтори механизми бозори меҳнат дар бахши кишоварзӣ возеҳият, пешбинишаванда ва эътимоднокии фаъолияти субъектҳои бозори меҳнат - иштирокчиёни муомилоти меҳнатиро таъмин менамояд. Барои амалӣ намудани вазифаҳои бозори меҳнат муҳити институтсионалиро ташаккул додан лозим аст, ба монанди: биржаҳои меҳнат, марказҳои шуғли аҳолӣ (хизматрасонӣ), иттифоқҳои касаба, хизматрасонии таълими кадрҳо ва инфрасохтори ҳамгирошудаи чандир, ки метавонад дар шароити минтақавӣ самаранок фаъолият кунад.

## 1.2. Методикаи арзёбии равандҳои муҳоҷирати меҳнатӣ дар соҳаи кишоварзии минтақа

Дар айни замон оид ба масъалаҳои раванди муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он таваҷҷӯҳи зиёд зоҳир карда мешавад. Ҳадафи асосии танзими давлатии раванди муҳоҷират ба ҳадди аксар расонидани оқибатҳои мусбати он, аз қабили беҳбуди ояндавии равандҳои такористеҳсолии аҳолӣ, баланд бардоштани неруи зеҳнӣ, ғанӣ гардонидани истеҳсолоти кишоварзӣ, пӯшонидани норасоии қувваи корӣ, инчунин кам кардан ва безараргардонии оқибатҳои манфӣ дар иқтисодиёт, таҳдид ба неруи демографӣ, меҳнатӣ ва илмию техникӣ, ҳавасмандгардонии меҳнат, равона карда шудааст.

Дар робита ба ин, муайян кардани раванди гуногуни муҳоҷирати аҳолӣ метавонад бо истифода аз таснифот анҷом дода шавад. Тасниф ҳамчун усули методологие, ки ҳама гуна илм барои ба тартиб даровардани гуногунии зуҳуроти як падидаи мушаххас истифода мебарад, роҳи тақсимоти бисёрмарҳилаи ҳама гуна мафҳумҳои якхела ба синфҳо мувофиқи аломатҳои фарққунандаи онҳо мебошад.

Муносибати олимони соҳа оид ба муҳоҷирати аҳолӣ ба ин ё он тарз нисбат ба таснифоти он ба чунин масъалаи бунёдӣ, ба монанди интихоби мафҳуми бисёрнизомии таснифшударо дида мебароем.

Пештар А.Л. Мабогандже пешниҳод карда буд, ки муҳоҷирати «деҳа-шаҳр» чун ҷойивазкунии яктарафа (яксамта) баррасӣ гардад. Г.П. Файрчайлд муҳоҷиратро бо назардошти гуногунии маданиятҳо ва номавҷудияти онҳо, инчунин мавҷудияти зӯроварӣ тасниф намуд[27]. П. Ҷорҷ муҳоҷиратро танҳо ба ду гурӯҳ ҷудо мекунад: ба омилҳои алоқаманд ва талабот; ба ҷойивазкунӣ[28]. У. Петерсен муҳоҷиратро ба инноватсионӣ (тартиби ворид сохтани тағйирот ба

[27]Kosinski & R. Mansel Prothero, 1975 "People on the move". 'Studies on internal migration', edited by I J.eszek A- By Methuen & Co Ltd. London, p-9.

[28] Mabogunje, A. L. (1970). Systems approach to a theory of urban-rural migration. Geogr. Anal. 2, pp. 1-18

тарзи ҳаёт, яъне аз деҳа ба шаҳр) ва консервативӣ (нигоҳдории ҳама чиз ба тағйирот, яъне муҳоҷирати деҳа-деҳа) тақсим менамояд.[29]

Покшишевский В.В. бошад қайд кардааст, ки дар баробари тақсимоти муҳоҷират вобаста ба аломати доимӣ ё мувaққатӣ онҳоро аз рӯйи аломатҳои масофа ва сарҳадҳои убуршуда тасниф намудааст[30].

Ковальска Н.Я. давомнокии будубоши муҳоҷирро дар маҳаллаи аҳолинишин ҳамчун аломати таснифот истифода бурда ба навъҳои асосӣ аз ҷумла бебозгашт ва мувaққатӣ ҷудо намудааст[31]. Бояд гуфт, ки дар муҳоҷирати мувaққатӣ навъи махсус – муҳоҷирати мавсимиро ҷудо мекунад.

Козински ва Прозеро гуфтаҳои олимони зиёдеро гурӯҳбандӣ карда, таснифоти васеи навъҳои муҳоҷиратро пешниҳод намудаанд, ки мо онро дар ҷадвали 1.2. пешниҳод намудем.

**Ҷадвали 1.2.-Таснифоти муҳоҷирати аҳолӣ**

<table>
<tr><td colspan="7">Олимони хориҷӣ (Козински Р. ва Прозеро М.)</td><td colspan="6">Олимони ватанӣ (Одинаев К.С.)</td></tr>
<tr><td colspan="7">Аз рӯйи давомнокӣ</td><td colspan="6">Бо ташкилотҳои</td></tr>
<tr><td colspan="4">мувaққатӣ</td><td colspan="3">доимӣ</td><td colspan="2">Номуташаккилона</td><td colspan="3">Ташкил кардашуда</td><td>Маҷбурӣ</td></tr>
<tr><td colspan="7">Аз рӯйи масофа</td><td colspan="6">Бо мақсаднокӣ</td></tr>
<tr><td colspan="4" rowspan="2">Дур</td><td colspan="3" rowspan="2">наздик</td><td colspan="3" rowspan="2">Дохилӣ</td><td colspan="3">Берунӣ</td></tr>
<tr><td>Муҳоҷират</td><td colspan="2">Муҳоҷиршавӣ</td></tr>
<tr><td colspan="7">Аз рӯйи факти убури сарҳад</td><td colspan="6">Бо давомёбӣ</td></tr>
<tr><td colspan="4">Дохила</td><td colspan="3">Беруна</td><td colspan="3">Доимӣ</td><td colspan="3">Мувaққатӣ</td></tr>
<tr><td colspan="7">Аз рӯйи ҷалб</td><td colspan="6">Бо кадом сабабҳо</td></tr>
<tr><td>байни деҳаҳо</td><td colspan="3">Вилоятҳо</td><td colspan="3">Макалакатҳо</td><td>Иҷтимоӣ-иқтисодӣ</td><td colspan="2">Сиёсӣ</td><td>Динӣ</td><td colspan="2">Шароити оилавӣ</td></tr>
<tr><td colspan="7">Аз рӯйи қабули қарорҳо</td><td colspan="6" rowspan="6"></td></tr>
<tr><td colspan="2">Ихтиёрӣ</td><td colspan="3">Иҷборӣ</td><td colspan="2">Қувваги</td></tr>
<tr><td colspan="7">Аз рӯйи сохти иҷтимоии муҳоҷирон</td></tr>
<tr><td colspan="3">Оила</td><td colspan="3">Қавм</td><td>Фард</td></tr>
<tr><td colspan="7">Аз рӯйи миқдори ҷалбшудагон</td></tr>
<tr><td colspan="3">Фард</td><td colspan="4">Омма</td></tr>
</table>

29 George, P. (1970). Types of migration of population according to the professional and social composition of migrants, in Jansen. C. J. (ed.) Readings in the sociology of migration, pp. 39-47. Oxford.

30 Покшишевский В.В. Население и география. — М., 1978С.18

31 Ковалев С.А., Ковальская Н.Я. География населения СССР. — М.: МГУ, 1980.С.233

| Аз рӯйи ташкили сиёсии муҳоҷират | |
|---|---|
| Спонсорӣ | Озод |

**Идомаи ҷадвали 1.2.1**

| Аз рӯйи сабабҳо | |
|---|---|
| Иқтисодӣ | Дигар сабабҳо |
| **Аз рӯйи мақсадҳо** | |
| инноватсионӣ | консервативӣ |

**Манбаъ: Кордарди муаллиф дар доираи маводҳои Kosinski R. Mansel Prothero, 1975 "People on the move". 'Studies on internal migration', edited by I J.eszek A- By Methuen & Co Ltd. London, p-9; Одинаев К.С. / Асосҳои назариявии равандҳои муосири муҳоҷирати меҳнатӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон) / диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ. Душанбе, 2019.-С.39**

Ба андешаи мо, заминаҳои мувофиқ барои татбиқи таснифи умумии муҳоҷирати аҳолӣ метавонанд инҳо бошанд:

1) вазъи ҳудудӣ, ки хусусияти асосии он убури сарҳади давлатӣ мебошад;

2) вазъи деҳаҳои аҳолинишин;

3) самти мақсадноки муҳоҷират;

4) усули (хусусияти) муҳоҷират;

5) дараҷаи ташкили ҳаракати минтақавии он;

6) қонунӣ будани муҳоҷират (воридшавӣ, будубош ва шуғл).

Ҳамин тавр сабабҳои бунёдии иқтисодие, ки асоси муҳоҷирати меҳнатиро дар соҳаи кишоварзӣ ташкил медиҳад, аз инҳо иборатанд:

1. Набудани миқдори кифояи ҷойҳои корӣ дар соҳаи кишоварзӣ;
2. Сатҳи пасти даромадҳо ва музди ками меҳнат дар соҳаи кишоварзӣ;
3. Дурнамои номуайян барои гирифтани ихтисоси зарурӣ;
4. Муҳити номувофиқи иқтисодӣ, ки қобилияти мувофиқи соҳибкории одамонро талаб карда тавонад;
5. Ҳолати коррупсионӣ дар тамоми соҳаҳои кишоварзӣ;

Муҳоҷирати меҳнатӣ дар соҳаи кишоварзии минтақаҳо асосан характери ғайрирасмӣ дорад. Вале дар солҳои охир кушиши дуруст ба роҳ мондани назорати давлатии ин раванд амалӣ карда мешавад. Ба андешаи доктори илмҳои иқтисодӣ, академики АМИТ Р.К. Раҳимов, сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи муҳоҷирати меҳнатӣ асоснок кардани мақсадҳои асосӣ, вазифаҳои ҷорӣ ва дурнамои муҳоҷирати меҳнатиро бо

назардошти анъанаҳо, урфу одатҳо, хусусиятҳои миллӣ ва таърихии аҳолии Тоҷикистонро дар назар дорад. Дар ин замина дар давраи гузариш қарор доштани иқтисодиёти ҷумҳуриро ба назар гирифта, се мақсади асосии чунин сиёсат: иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва стратегиро ҷудо кардан мумкин аст[32].

Бо такя ба гуфтаҳои устод Раҳимов Р.К. ба мақсадҳои иқтисодӣ дар сиёсати муҳоҷирати меҳнатӣ чунин хусусиятҳоро дохил намудан мумкин аст:

- паст кардани сатҳи бекорӣ:
- зиёд кардани ҳиссаи музди кор дар даромадҳои пули аҳолӣ ва ММM:
- истифодаи даромадҳо аз муҳоҷирати хориҷии меҳнатӣ ба мақсади зиёд кардани сармоягузорӣ ва шуғл:
- баланд бардоштани сатҳи касбӣ ва фарҳангии қувваи корӣ бо истифода аз барномаҳои тайёрии касбии муҳоҷирон дар мамлакатҳои хориҷӣ:
- афзоиши ҳаҷми пасандози пули муҳоҷирон:

Ба мақсадҳои иҷтимоӣ дар сиёсати муҳоҷирати меҳнатӣ бошад, инҳо дохил мешаванд:

- тайёр кардани кадрҳои касбӣ аз ҳисоби муҳоҷирон:
- ба вуҷуд овардани механизми таъсиррасонӣ ба мамлакати қабулкунандаи қувваи корӣ барои ташкили шароити муътадили меҳнат ба воситаи созишномаи дутарафаи муҳоҷирон:
- ҳимояи иҷтимоии муҳоҷирон дар хориҷа ва созмон додани барномаҳои ҳатмӣ оид ба таъмини шуғл баъди баргашта омадани муҳочирон ба минтақаҳои ҷумҳурӣ.

Ба мақсадҳои стратегӣ дар сиёсат оид ба муҳоҷирати меҳнатӣ инҳо ворид мешаванд:

- бартараф кардани афзоиши муҳоҷирати ғайрирасмӣ;
- дар оянда ҳавасманд кардани содироти қуввати кори ихтисоснок;
- омода кардани барномаҳои миёна ва дарозмуддати муҳоҷирати меҳнатӣ;

---

[32] Раҳимов Р.К. Некоторые вопросы политики внешней трудовой миграции Республики Таджикистан// Экономика Таджикистана: стратегия развития. 2001, №1, С.49-50.

- дар доираи созишномаи дутарафа бо мамлакатҳои хориҷа дар хусуси зиёд намудани муҳоҷирати қувваи корӣ аз Тоҷикистон.

Ҳамин тариқ, дар асоси гуфтаҳои боло ва хусусиятҳои гузариш ба муносибаҳои бозорӣ ва бартарияти нисбии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар захираҳои меҳнатӣ, зарурияти коркарди сиёсати муҳоҷирати меҳнатӣ дар соҳаи кишоварзӣ ва барои бомувафақият татбиқнамоии он танзими фаъоли объективонаи давлатиро талаб мекунад.

Таснифоти асосии муҳоҷиратро таҳлил намуда, қайд кардан лозим аст, ки ҷараён ва сохтори он ҳамчунин ба ду омили дигар зич вобастагӣ доранд:

якум, васеъшавии низоми байналмилалии иттилоот;

дуюм, инкишофи нақлиёт ва арзоншавии нарху навои мусофират;

Омилҳои мазкур, бешубҳа, шаҳрвандонро тавассути ахбори оммаву интернет аз имкониятҳои иҷтимоию иқтисодии кишварҳои дунё бохабар намуда, барои муҳоҷиршавии онҳо мусоидат менамоянд.

Муҳоҷирати қувваи коргарии ҳозирзамон тамоюлҳои нав пайдо кардааст. Асоси маҷрои муҳоҷиратро мисли пештара коргарон ва қисми камтари онро хизматчиён ташкил мекунанд. Дар баробари ин шакли нисбатан нави муҳоҷирати қувваи коргарӣ вусъат меёбад, ки аз ҳиҷрати кадрҳои илмию техникӣ иборат мебошад. Шахсони соҳиби таҳсилоти олӣ асосан барои беҳтар кардани шароити истифодаи қобилияти хеш ва таъмини зисту зиндагии сазовор ба мамлакатҳои тараққикарда муҳоҷир мешаванд.

Дар ҷанбаи омилҳои барангезандаи муҳоҷират мақсадҳои моддӣ бартарият доранд. Вале сабабҳои сиёсӣ, динӣ ва этникӣ ҳамчунин аҳамияти худро гум накардаанд ва ба муҳоҷирати одамон аз як мамлакат ба мамлакати дигар мусоидат менамоянд.

Характери муҳоҷирати муосири қувваи коргариро нобаробарии рушди иқтисодиёти кишоварзии минтақаҳо, муайян мекунад. Тамоюли афзоиши муҳоҷирати коргарӣ, ки дар даҳсолаҳои охир хеле бараъло ва дар аксари минтақаҳои ҷумҳурӣ ба назар мерасад. Ҷараёни тамоюли мазкур баробари азнавсозии сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ дар минтақаҳо Ҷумҳурии

Тоҷикистонро ба яке аз мамлакатҳои асосии содиркунандаи қувваи коргарӣ табдил дод. Содироти қувваи коргарӣ бошад, имрӯз ба яке аз манбаҳои асосии воридоти асъори хориҷӣ табдил ёфтааст. Боиси қайд аст, ки аз ҳисоби муҳоҷирони тоҷик низ маблағҳои калон нисбат ба ММД фиристода мешавад.

Аз нуқтаи назари мавзуи мо, роҳҳои интиқоли маблағҳои муҳоҷирон (каналҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ), сабабҳои истифода шудани каналҳои расмӣ ё ғайрирасмии интиқоли пул ва хароҷоти марбут ба истифодаи каналҳои гуногуни интиқоли пул ба ватан муҳиманд.

Тавре ки баъзе таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, хароҷот омили муайянкунанда нест, вақте ки муҳоҷирон тасмим мегиранд, ки аз воситаҳои расмӣ ё ғайрирасмӣ истифода баранд, аммо шарти асосӣ қулай будани восита барои интиқоли маблағ мебошад, ки модели рафтори муҳоҷирро муайян мекунад. Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки 75 фоизи муҳоҷирон ҳадди аққал як маротиба дар ду моҳ ба хонаашон пули нақд мефиристанд. Ин басомади интиқоли пул аз ҷониби муҳоҷирон аз ҷумлаи омилҳо, ба монанди мунтазамии даромад, таъхирнопазирии зарурати гирифтани маблағ ба он маблағ ва барои мавзуи мо, воситаҳои хеле муҳим ба ҳисоб меравад.

Мо дар рафти таҳлил муайян намудем, ки барои интиқоли маблағ аз муҳоҷирони кории хориҷӣ ҳам роҳҳои расмӣ ва ҳам ғайрирасмӣ мавҷуданд. Муҳоҷирон маъмулан аз воситаҳои расмӣ (интиқоли бонкӣ, кортҳои дебетӣ, чекҳо), почтаҳо, системаҳои интиқоли пулҳои зуд (масалан, Western Union) истифода мебаранд ва инчунин аз хидматҳои дӯстону хешовандоне, ки ба хона мераванд, инчунин одамоне, ки бо онҳо муносибатҳои шахсӣ надоранд (масалан, ронандагони автобусҳо, кондукторҳои поездҳо), мо онро дар расми 1.1 гурӯҳбандӣ намудаем.




**Расми 1.1. - Интиқоли маблағҳои муҳоҷирати меҳнатӣ дар соҳаи кишоварзӣ**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф

Дар маҷмуъ аз расми 1.1 хулоса кардан мукин аст, ки истифодаи оқилона ва дурусти маблағҳои муҳоҷирон метавонад боиси рушди иқтисодиёти минтақаҳои ҷумҳурӣ гардад.

Ҳакимова М.Ф. дар таҳқиқотҳои худ муайян намудааст, ки 46 фоизи интиқоли маблағҳои муҳоҷирон ба тариқи воситаҳои расмӣ сурат мегирад[33].

Натиҷаи як пажӯҳиш дар чаҳорчӯби Созмони Байналмилалии Муҳоҷират нишон медиҳад, ки 93,8 фоизи маблағҳои интиқолӣ (муҳоҷирони баргашта) тавассути бонкҳо, 2,8% тавассути дӯстону наздикон, 0,64% тавассути механизми «Хавала» ва 2,1% муҳоҷирони корӣ бо худ оварда шудаанд. Ғайр аз ин 0,7 фоизи ҳаҷми умумии маблағҳо ба воситаи дигар роҳҳо фиристода мешавад[34].

Ҳамин тариқ, қайд кардан лозим аст, ки заминаи объективӣ ва шарти асосии ташаккул ва рушди бозори ғайриқонунӣ ин интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ мебошад. Сабаби ин, аз як тараф, мавҷудияти ҷараёни ғайриқонунии муҳоҷирати меҳнатӣ, аз тарафи дигар, мавҷудияти бозори ғайриқонунии асъори интиқоли пул мебошад, ки дар дохили он воситаҳои гуногуни гардиши пул вуҷуд доранд.

Қисми дигари таҳқиқоти моро методологияи таъсири раванди муҳоҷират ба соҳаи кишоварзии минтақа ташкил медиҳад. Зеро барои таъмини амнияти озуқаворӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ бо воситаҳои сиёсати муҳоҷират, омӯзиши он аз ҷониби ҷомеаи илмӣ ҳанӯз ҳам мавқеъ дорад. Тазоди асосии имрӯзаи байни равандҳои муҳоҷират дар соҳаи кишоварзии минтақа набудани асосноккунии эҳтиёҷоти шумораи муайяни муҳоҷирон ва имкони ҳамгироии онҳо ба низоми иҷтимоию иқтисодӣ мебошад. Ҳалли ин ихтилоф тавассути таҳияи усулҳои муассир дар асоси методологияи ягонаи байнисоҳавии таҳқиқот

---

[33] Хакимова М.Ф. Глобальные проблемы модели экономического развития республики Таджикистан в условиях открытой экономики/ Актуальные проблемы экономического развития Таджикистана. Материалы научно-практической конференции. 10 декабря 2010 г., Душанбе. С. 114.

[34] Умаров Х., Международная организация по миграции. Исследовательский доклад «таджикская трудовая миграция в условиях глобального финансового кризиса: причины и последствия» июль 2010. С. 25.

имконпазир аст, ки ҳоло вуҷуд надорад. Дар баробари ин, номукаммалии методологияи омӯзиши равандҳои муҳоҷират ҳанӯз имкон намедиҳад, ки механизми муассири муқовимат ба таҳдидҳои таъмини амнияти озуқаворӣ бо воситаҳои сиёсати равандҳои муҳоҷират ташаккул ва татбиқ карда шавад.

Мушкилоти асосии арзёбии иқтисодии таъсири воқеии равандҳои муҳоҷират дар хусусияти бисёрҷонибаи худи муҳоҷират ва мураккабии баҳодиҳии пурраи миқдори он зоҳир мегардад. Дар робита ба ин, мутахассисон маҷбур мешаванд, ки бо маълумотҳои омории идораҳои минтақавӣ ва баҳодиҳии индивидулии олимон ва таҳқиқгарони соҳа амал намоянд. Дар баробари ин омилҳои алоҳидае, ки вазъи равандҳои муҳоҷиратро муайян мекунанд, дар доираи фанҳои тахассусӣ бо истифода аз усулҳо ва воситаҳои мушаххас таҳлил карда мешаванд. Ҳамин тариқ, ҳар як соҳаи илм методологияи худро истифода мебарад, ки ба дарки ҳақиқат дар доираи объект ва мавзуи таҳқиқот нигаронида шудааст.

Ҷанбаи мундариҷаи методология омӯзиши назариявии таъсири равандҳои муҳоҷират ба соҳаи кишоварзии минтақа, муайян кардани қонуният ва муносибатҳо, ташаккули сохтори донишҳои илмӣ, меъёрҳои илмӣ ва системаи усулҳои таҳқиқоти истифодашавандаро дар бар мегирад. Ҷанбаи расмӣ ба таҳлили усулҳои омӯзиши равандҳои муҳоҷират аз нуқтаи назари сохтори мантиқӣ ва равишҳои расмӣ ба сохтани донишҳои назариявӣ, ҳақиқат ва далелҳои он дахл дорад.

Омӯзиши таъсири равандҳои муҳоҷират дар соҳаи кишоварзии минтақа бояд унсурҳои зеринро дар бар гирад: муайян намудани таҳдидҳо ба таъмини амнияти озуқавории давлат дар натиҷаи равандҳои муҳоҷирати ҷойдошта; муайян намудани нишондиҳандаҳое, ки ҳолати таҳдидҳоро тавсиф мекунанд; ташаккули системаи мониторинги таҳдидҳо ба таъмини амнияти озуқавории давлат дар натиҷаи равандҳои муҳоҷирати ҷорӣ; интихоб ва гурӯҳбандии воситаҳои сиёсати муҳоҷират, асоснокии иқтисодии самаранокии онҳо; ташаккули механизми муқовимат ба таҳдидҳо ба таъмини амнияти озуқавории давлат дар натиҷаи равандҳои ҷории муҳоҷират.

Муайян намудани воситаҳое, ки барои ҳалли масъалаҳои назариявию амалии равандҳои муҳоҷират дар соҳаи кишоварзии минтақа заруранд, мо онро дар ҷадвали 1.3 пешниҳод намудем.

**Ҷадвали 1.3. - Ташаккули байнисоҳавии донишҳои илмӣ оид ба равандҳои муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Соҳаи илм | | Олимони ватанӣ, ки дар соҳаи мазкур рисоли илмӣ дифоъ намудаанд. |
|---|---|---|
| **Демографӣ** | ➢ Нигоҳдорӣ ва такрористеҳсоли аҳолӣ<br>➢ Муайян кардани оқибатҳои иҷтимоӣ ҳангоми пур кардани талафоти демографӣ бо захираҳои муҳоҷират;<br>➢ Муайян намудани аксуламали аҳолӣ ба иваз намудани талафоти демографӣ бо захираҳои муҳоҷират, пешгӯии сатҳи дастгирии аҳолӣ дар татбиқи чунин сиёсат<br>➢ Муайян кардани хароҷоти иқтисодӣ барои пур кардани талафоти демографӣ бо захираҳои муҳоҷират | ➢ Азимова З.А. Масъалаҳои муҳоҷирати таълимӣ дар сохти ҷараёнҳои муҳоҷирати Ҷумҳурии Тоҷикистон;<br>➢ Умаров Н.Н. Танзими давлатии муҳоҷирати меҳнати берунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;<br>➢ Хорошун А.В. Такмили механизми муҳоҷирати меҳнатии байнидавлатӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Русия) |
| **Сотсиологӣ** | ➢ Омӯзиши муносибатҳои байни ҷомеаи қабулкунанда ва муҳоҷирон; омӯзиши тарафи субъективии муҳоҷират<br>➢ Муайян намудани оқибатҳои иҷтимоӣ дар татбиқи сиёсати муҳоҷират, пешгӯии сатҳи дастгирии аҳолӣ дар татбиқи ин сиёсат<br>➢ Тағйир додани майдони ҳуқуқии муҳоҷират бо мақсади паст кардани шиддати иҷтимоӣ дар ҷомеа, чи аз ҷониби ҷомеаи қабулкунанда ва чи аз ҷониби муҳоҷирон<br>Ҷустуҷӯи мувозинати оптималии байни манфиатҳои иқтисодӣ аз муҳоҷират ва хароҷоти иҷтимоӣ | |
| **Сиёсӣ** | ➢ Такмили идоракунии сиёсию давлатии равандҳои мухочират<br>➢ Танзими ҳуқуқии равандҳои муҳоҷират бо мақсади ноил шудан ба манфиатҳои сиёсии давлат<br>➢ Муайян намудани тағйироти мухити сиёсӣ барои ноил шудан ба максадҳои иқтисодии сиёсати муҳоҷират. | Мирсаидов Ф.А. Масъалаҳои сиёсӣ-ҳуқуқии муҳоҷирати байналмилалии зеҳнӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ИДМ); |
| **Ҳуқуқӣ** | ➢ Муайян намудани вазъи ҳуқуқии муҳоҷирон; танзими хукукҳои асосии мухочирон; мубориза бар зидди муҳоҷирати ғайриқонунӣ ва ҷиноятҳои муҳоҷират<br>➢ Муайян намудани фоида ва хароҷоти иқтисодӣ ҳангоми тағйир додани заминаи ҳуқуқии равандҳои муҳоҷират;<br>➢ Танзими ҳуқуқии равандҳои муҳоҷират бо мақсади ҷалби (маҳдуд кардани) захираҳои муҳоҷират. | ➢ Ширинҷонов Ф.И. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳое, ки бо муҳоҷирати ғайриқонунӣ алоқамананд. |
| | | |

| | | Идомаи чадвали 1.3 |
|---|---|---|
| **Иқтисодӣ** | ➢ Танзими аҳолии қобили меҳнат, пешбурди рақобати солим дар бозори меҳнат | ➢ Саъдуллозода Н.С. Танзими муҳоҷирати байналмилалии қувваи корӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикситон);<br>➢ Ҳалимхонов З.А. Тамоюли муосири муҳоҷирати меҳнатии беруна ва таъмини институтсионалии он (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон):<br>➢ Абдуллоева А. Муҳоҷирати меҳнатий ва таъсири он ба ин кишофи бозори минтақавии меҳнат (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон);<br>➢ Одинаев К.С. Асосҳои назариявии равандҳои муосири муҳоҷирати меҳнатӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон). |

**Сарчашма: таҳияи муаллиф.**

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯзиши равандҳои муҳоҷират дар соҳаҳои демографӣ, сиёсат, ҳуқуқ ва иқтисодиёт аз ҷониби таҳқиқгарони ватанӣ ба роҳ монда шудааст.

Албатта, ин то андозае фаҳмо аст, зеро равандҳои муҳоҷират хеле гуногун ва гуногунсоҳавӣ буда, онҳоро аз нуқтаи назари як назарияи илмӣ ба таври боварибахш шарҳ додан мумкин нест.

Аммо то ҳол таҳқиқгарони ватанӣ оид ба таъсири равандҳои муҳоҷират ба соҳаи кишоварзии минтаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои заруриро ба анҷом нарасонидаанд.

Дар доираи ҳамин мо методологияи таъсири раванди муҳоҷират ба соҳаи кишоварзии минтақаро дар асоси ҳамгироии дастгоҳи методии соҳаҳои баррасишавандаи илм пешниҳод кардем.

Методологияи пешниҳодшуда ба омӯзиши равандҳои муҳоҷират асос ёфта, самаранокии таҳқиқотро зиёд намуда, дурустии интихоби дастгоҳи методӣ дар доираи ҳалли вазифаҳо муайян мекунад.

Ин методология ба усулҳои умумии илмии маърифат (диалектикӣ, таҳлил, синтез, индуксия ва дедуксия) асос ёфтааст. Усулҳои илмии муосири мо ба

(таҳлили коррелятсионӣ-регрессионӣ, усули интегралӣ ва ғ.) имкон медиҳанд, ки муқаррароти назариявии мавҷуда таҳия карда, хусусиятҳои сифатии равандҳои муҳоҷират ва баандозагирии таъсири он ба соҳаи кишоварзии минтақа муқаррар карда шаванд.

Истифодаи методологияи таҳлили таъсири равандҳои муҳоҷират ба соҳаи кишоварзӣ истифодаи инҳоро дар бар мегирад: муносибати маҷмуӣ, равиши функсионалӣ; равиши интегралӣ ва моделсозии сатҳи ҳадди қобили қабули муҳоҷират (расми 1.2).

МУАЙЯН КАРДАНИ ШУМОРАИ ОПТИМАЛИИ МУҲОҶИРОН

**МУНОСИБАТИ КОМПЛЕКСӢ (МАҶМӮӢ)**

1. Вазифа - муайян кардани таъсири равандҳои муҳоҷират соҳаи кишоварзии минтақа;
2. Усулҳо - усулҳои коркарди омории массивҳои иттилоотӣ, таҳлили оморӣ, сохторӣ ва коррелятсионӣ-регрессионӣ;
3. Натиҷа - таъсири равандҳои муҳоҷират ба соҳаи кишоварзии минтақа

**РАВИШИ ФУНКСИОНАЛӢ**

1. Вазифа - муайян кардани воситаҳои сиёсати муҳоҷират барои кам кардани хатарҳо озуқаворӣ минтақа;
2. Усулҳо - методҳои таҳлили сохторӣ-мантиқӣ ва функсионалӣ, муқоисавӣ, оморӣ ва сохторӣ-мантиқӣ;
3. Натиҷа - нишондиҳандаҳои самаранокии татбиқи самтҳои асосии раванди муҳоҷират муайян карда шуда, тадбирҳо оид ба ҷорӣ

**РАВИШИ ИНТЕГРАЛӢ**

1. Вазифа - баҳодиҳии умумии таъсири равандҳои муҳоҷират ба соҳаи кишоварзии минтақа, муайян кардани тамоюлҳои рушди хатарҳо;
2. Усулҳо - арзёбии интегралии вазъи соҳаи кишоварзии минтақа, таҳлили оморӣ ва динамикӣ:
3. Натиҷа - ҳисоб кардани сатҳи максималии қобили қабули муҳоҷират.

**Расми 1.2. - Методологияи таҳлили таъсири равандҳои муҳоҷират ба соҳаи кишоварзии минтақа / Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Равишҳои пешниҳодшуда ҳамдигарро мукаммал намуда, дар якҷоя системаи усулҳо, роҳҳо ва воситаҳои таҳлили соҳаи кишоварзиро ташкил медиҳанд, ки ба ҳадди ақал кам кардани таҳдидҳо ба таъмини амнияти озуқаворӣ ва беҳтар намудани таъсири мусбати муҳоҷират нигаронида шудаанд.

Дар доираи муносибати маҷмуӣ пешниҳод карда мешавад, ки таъсири муҳоҷират ба рушди соҳаи кишоварзии минтақа ҳамаҷониба баррасӣ карда, омилҳои асосии он: таҳарруки истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии минтақа, шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ, таҳарруки муҳоҷирати занон, динамикаи бекории занон, таҳарруки муҳоҷирати мардҳо, эҳтиёҷот оид ба ҷойҳои кории холӣ дар соҳаи кишоварзии минтақа, шумораи корхонаҳои кишоварзӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ, ҳодисаҳои фавқулода, музди меҳнати кормандони соҳаи кишоварзӣ, динамикаи сарбории замин ба як сокини минтақа баландшавии нархҳо ба маҳсулотҳои кишоварзӣ, зиёдшавии аҳолӣ, сатҳи умумии бекорӣ, шумораи корхонаҳои кишоварзии зарардида ба инобат гирифта шавад. Барои арзёбии омилҳои муайяншудаи таъсири равандҳои муҳоҷират усулҳои мувофиқ истифода мешаванд: коркарди омории массивҳои иттилоотӣ; таҳлили оморӣ, сохторӣ ва коррелятсионӣ-регрессионӣ.

Дар доираи равиши функсионалӣ ҳангоми тавсифи ҳамкории мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ бо раёсати кишоварзӣ, хадамоти муҳоҷирати аҳолӣ, раёсати беҳдошти замин ва мелориативии мақомоти давлатӣ, дар низоми таъмини амнияти озуқаворӣ усулҳои таҳлили сохторӣ-мантиқӣ ва функсионалӣ пешниҳод карда мешавад, ки ин имкон медиҳад самтҳои асосии раванди давлатии муҳоҷиратро самаранок амалӣ намоянд.

Барои оптимизатсияи воситаҳои самтҳои дахлдори раванди муҳоҷират дар мубориза бо таҳдидҳо ба амнияти озуқаворӣ усулҳои таҳлили муқоисавӣ, оморӣ ва сохторӣ-мантиқӣ бояд истифода шаванд.

Таҳлили минбаъдаи функсионалӣ ворид намудани усулҳои таҳлили муқоисавӣ ва расмӣ-мантиқӣ ҳангоми ҷамъбасти таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хориҷии танзими равандҳои муҳоҷиратро дар бар мегирад, ки ин

имкон медиҳад тадбирҳои зарурӣ оид ба такмили воситаҳои раванди муҳоҷират таҳия карда шавад. Самаранокии ин тадбирҳо, ба назари мо, бояд аз рӯйи нишондиҳандаҳои зерин баҳо дода шавад: шумораи ҳамватанони дар хориҷи кишвар муқимбуда, ки барои истиқомати доимӣ аз Федератсияи Россия баргаштаанд; таносуби мутахассисони хориҷии тахассуси олӣ, миёна ва паст; кам кардани ҳиссаи қувваи кории пасти хориҷӣ; таносуби пӯшонидани норасоии қувваи корӣ аз ҳисоби захираҳои дохилӣ; шумораи донишҷӯён (ки пас аз хатми таҳсил имкони аз рӯйи ихтисоси худ кор карданро пайдо кардаанд); таносуби муҳоҷирони дохилӣ, ки дастгирии иҷтимоӣ гирифтаанд, ба шумораи умумии онҳо; хароҷот барои иҷтимоӣ ва мутобиқсозии муҳоҷирон; кам кардани ҷиноятҳои муҳоҷирон; таносуби аҳолӣ, ки нисбат ба муҳоҷирон муътадил аст; миқдори миёнаи амалҳои мурофиавӣ ба як муҳоҷири ғайриқонунӣ; нишондиҳандаи ҳамкории байниидоравӣ.

Ба фикри мо, ба ин нишондиҳандаҳо дар асоси таҳлили арзиши ҷорӣ, арзиши мақсаднок ва баҳодиҳии ниҳоии самаранокӣ баҳо додан ба мақсад мувофиқ аст. Инкишофи минбаъдаи ин муқаррарот дар доираи равиши интегралӣ имконпазир аст.

Дар методологияи пешниҳодкардаи мо натиҷаҳои равиши комплексӣ рушди минбаъдаи худро дар татбиқи равиши интегралӣ пайдо мекунанд, ки натиҷаи илмии мустақили он баҳодиҳии интегралии вазъи соҳаи кишоварзӣ мебошад. Истифодаи ин равиш имкон дод, ки аҳамияти омилҳои муайяншуда дар таъсири маҷмуии онҳо ба соҳаи кишоварзӣ муайян карда шавад. Таҳлили омории натиҷаҳои бадастомада мушкилоти раванди муҳоҷират, таҳлили динамикӣ тамоюли пайдоиши хатарро ба амнияти озуқаворӣ нишон медиҳад. Дар баробари ин, арзёбии интегралӣ асоси моделсозии иқтисодӣ ва математикии сатҳи ҳадди қабули муҳоҷиратро ташкил медиҳад.

Таҳлили пешниҳодшудаи усулҳои мубориза бо хатарҳо ба амнияти озуқавории минтақа бо истифода аз воситаҳои раванди муҳоҷират ба мо имкон медиҳад, тасдиқ кунем, ки равандҳои муҳоҷират як падидаи бисёрсоҳавӣ буда, ҳам таъсири мусбӣ ва ҳам унсурҳои харобиовар дорад, ки ба тамоми соҳаҳои

ҳаёти инсон таъсир мерасонанд ва барои як қатор соҳаҳои илм таваҷҷӯҳи хоса доранд. Дар баробари ин, ҳар яке аз ин шохаҳо дорои объект ва предмети таҳқиқоти ба худ хос буда, имкон намедиҳад, ки нисбат ба падидаи муҳоҷират тасаввуроти объективӣ ташаккул ёбад. Аҳамияти бартаридоштаи омили иқтисодӣ дар омӯзиши равандҳои муҳоҷират нақши муҳимми омӯзиши иқтисодии равандҳои муҳоҷиратро муайян мекунад. Бо дарназардошти миқёси назарраси равандҳои муҳоҷират ба ташаккули воситаҳои методологии байнисоҳавии чунин таҳқиқот дар соҳаи кишоварзии минтақа диққати махсус додан лозим аст.

**Хулосаи зербоб**

Баррасии нуқтаи назарҳои гуногун оид ба таърифи мафҳуми муҳоҷирати меҳнатӣ дар соҳаи кишоварзӣ, инчунин муайян намудани гуногунии таснифоти он ба мо имкон медиҳад, ки хулосаҳои зерин барорем:

- аввалан, навъи муҳоҷирати меҳнатӣ низ метавонад дар ҳар як ҳолати мушаххас дар асоси сершуморе, ки дар таснифи пешниҳодшудаи мо оварда шудаанд, муайян карда шавад;
- дуюм, бояд гуфт, ки муҳоҷирати меҳнатӣ дар соҳаи кишоварзӣ имрӯз дар марҳилаи танзими кофии ҳуқуқӣ аз ҷониби минтақаҳои ҷумҳурӣ қарор дорад. Ҳамин тариқ, наметавон гуфт, ки муҳоҷирати меҳнатӣ имрӯз як падидаи стихиявӣ аст;
- сеюм, муҳоҷирати меҳнатӣ дар соҳаи кишоварзӣ ҳам падидаи манфӣ ва ҳам мусбат дорад. Дар раванди муҳоҷират минтақаҳое, ки қувваи корӣ аз онҳо муҳоҷират мекунанд, аз даст додани мутахассисони соҳибихтисос, ки ба таълимашон сармояи ватанӣ ҷалб карда мешавад, зиёни иқтисодӣ мебинад. Сатҳи интеллектуалии аҳолии минтақа коҳиш меёбад. Дар минтақаҳое, ки қувваи корӣ барзиёди зиндагӣ мекунад, баръакс, сифати қувваи корӣ беҳтар шуда, бозори меҳнати соҳаи кишоварзӣ мувофиқат карда, барои тайёр кардани мутахассисон сарфа карда мешавад.
-

## 1.3. Истифодаи таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ оид ба таъсири муҳоҷират ба бахши кишварзии минтақа

Баста шудани марзҳо дар байни давлатҳо дар иртибот бо паҳн шудани вируси COVID-19 маҷрои муҳоҷирати меҳнатиро маҳдуд сохт, ки боиси эҷоди хавф дар соҳаи кишварзӣ, бахусус, мевапарварӣ ва сабзавоткорӣ шуд. Дар ин зербоб мо дар бораи машғули шаҳрвандони хориҷӣ дар соҳаи кишоварзии кишварҳои ҷудогона ва тадбирҳое, ки давлатҳо барои ҳаллу фасли масъалаи нарасидани қувваи корӣ ба кор гирифтаанд ва имкон дорад, ки таҷрибаи онҳо барои Ҷумҳурии Тоҷикистон низ муфид бошад, маълумот пешниҳод менамоем.

Дар робита ба паҳн шудани вируси COVID-19 алоқаҳои зиёде дар низоми ҷаҳонӣ кандаву хароб шуданд. Маҳдуд намудани ҳаркати аҳолӣ дар байни кишварҳо ва ҳатто дар дохили давлатҳо маҷрои муҳоҷирати меҳнатиро маҳдуд сохт ва ин чиз боиси норасоии қувваи корӣ дар соҳаи кишварзӣ гашт. Ин масъала аз ҳама бештар таъсири худро ба соҳаи мевапарварӣ ва сабзавоткорӣ расонид, чунки дар ин ду соҳа меҳнати дастӣ зиёдтар ба кор гирифта мешавад ва хислати мавсимӣ доранд.

Яке аз тадбирҳои ба таври васеъ паҳншуда дар мубориза ба муқобили коронавирус ин маҳдуд намудани ҳаркат ва ба таври пурра бастани сарҳадоти давлатҳо мебошад. Дар аксари кишврахое, ки ин вирус авҷ мекунад, ҳатто ҳаракатҳои дохилиро низ маҳдуд мекунанд. Дар ин робита, бисёре аз кишварҳои тараққикарда дар бахши кишоварзии худ ба нарасидани қувваи корӣ, ки дар он асосан коргарони хориҷӣ машғули кор буданд, рӯ ба рӯ шуданд. Хусусан ин масъала дар соҳаҳои меҳнатталаб (мевапарварӣ ва сабзавоткорӣ), ки талабот ба кори мавсимӣ, аксаран корӣ кишт ва ҷамъоварии ҳосил баланд аст, мушоҳида гардид.

Дар соли 2017-ум дар кишварҳои Иттиҳоди Аврупо наздики 600 ҳазор нафар муҳоҷирони меҳнатии хориҷӣ дар корҳои кишоварзӣ машғул буданд. Аз ҳама бештар дар кишварҳои Испания ва Италия (150-200 ҳазор нафарӣ барои ҳар як кишвар), инчунин, дар Олмон, Британияи Кабир ва Юнон (40-45 ҳазор нафарӣ бар ҳар як давлат) коргарон ҳузур доштанд. Муҳоҷирони меҳнатӣ ба ин

кишварҳо ҳам аз дохили Иттиҳоди Аврупо ва ҳам аз кишварҳои дигари дунё ба монанди Африқои Шимолӣ, Осиё, Амрикои лотинӣ меоянд[35]. Теъдоди хеле зиёди коргарони хориҷӣ, наздики 360 ҳазор нафар дар соҳаи кишоварзии Иёлоти Муттаҳидаи Амрико машғул ба кор мебошанд[36]. Дар давлати Канада низ наздики 65 ҳазор нафар муҳоҷирони хориҷиро ба корҳои кишоварзӣ ҳамасола ҷалб мекунанд[37]. Муҳоҷирон аз кишвари Мексика ва мамлакатҳои ҳавзаи дарёи Кариб ба корҳои кишоварзии ин давлатҳо ҷалб карда мешаванд.

Соҳаи кишоварзии мамлакатҳои тараққикарда ҳар чи бештар ба коргарони мавсимие, ки ба коштан, ҷамъоварӣ ва коркарди аввалияи маҳсулоти кишоварзӣ машғул мебошанд, вобаста мегардад. Дар як қатор мамлакатҳо Барномаҳои махсусе барои ҷалби коргарони мавсимӣ ҷиҳати корҳои деҳқонӣ аз хориҷи мамлакт, бобати ҷуброни норасоии қувваи корӣ дар авҷи мавсими корҳои кишоварзӣ мавҷуд мебошад[38].

Дар ҳоли ҳозир, мутобиқ ба арзёбии иттифоқҳои соҳавӣ ва касабаи фермерҳо норасоии коргарони мавсимӣ дар соҳаи кишоварзӣ дар Италия 370 ҳазор нафар, Олмон 300 ҳазор нафар, Франсия наздики 200 ҳазор нафар, Британияи Кабир ва Испания ҳар кадоме 70-80 ҳазор нафарӣ муҳосиба шудааст. Кишварҳои дигари Аврупоӣ аз қабили Юнон, Шветсия, Норвегия, Ирландия, Дания ва дигар мамлакатҳои Иттиҳоди Аврупо теъдоди камтари муҳоҷирони меҳнатии мавсимиро қабул мекунанд[39]. Ҳамин тариқ, талабот ба коргарони мавсимӣ барои корҳои кишоварзӣ аз хориҷи кишвар барои кишварҳои Аврупоӣ бештар аз 1 млн. нафарро ташкил мекунад. Қайд кардан бамаврид аст, ки

---

[35] Natale, F., Kalantaryan, S., Scipioni, M., Alessandrini, A., Pasa, A. Migration in EU rural areas..
[36] Hired farm labor — workers and payroll / Census Publication. 2017. URL: https://www.nass.usda.gov/ Quick_Stats/CDQT/chapter/2/table/7
[37]Hired farm labor — workers and payroll / Census Publication. 2017. URL: https://www.nass.usda.gov/ Quick_Stats/CDQT/chapter/2/table/7
[38] Наумов А.С., Потапова А.А. Влияние международной трудовой миграции на современное региональное развитие мирового сельского хозяйства // Региональные исследования. 2017. № 4. С. 56—70.
[39] Carroll R. Jones S., Giuffrida A., Willsher K., Connolly K. Farmers across Europe bank on improvised armies of pickers to save harvest // The Guardian. 3 April 2020. URL: https://www.theguardian.com/world/ 2020/apr/03/farmers-across-europe-bank-on-improvised-armies-of-pickers-to-save-harvest

бисёре аз коргарон дар коркарди маҳсулотҳо низ иштирок мекунанд. Масалан, соли 2016 дар Британияи Кабир дар соҳаи истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ 116 ҳазор нафар коргарон аз кишварҳои Иттиҳои Аврупо ба кор машғул буданд[40].

Маҳдудиятҳо ҷиҳати убур аз сарҳадот боиси кам шудани коргарони соҳаи кишоварзӣ дар ИМА гаштааст. Ширкатҳои зиёди кишоварзӣ дар ИМА коргарони мавсимиро мавриди истифода қарор медиҳанд ва фақат ба таври расмӣ ва қонунӣ дар корҳои гуногуни кишоварзӣ бештар аз 200 ҳазор нафар коргарон ба корҳои мавсимии саҳроӣ ҷалб карда шуда буданд. Дар маҷмуъ, мутобиқ ба арзёбиҳо наздик ба нисфи коргарони кирояи соҳаи кишоварзӣ дар ИМА хориҷиён мебошанд, ки дар идораҳои бақайдгирӣ ба қайд гирифта нашудаанд[41]. Дар кишоварзии Канада норасоии қувваи кории мавсимӣ 60 ҳазор нафар арзёбӣ карда мешвад.

Норасоии қувваи кории хориҷӣ ба иллати баста шудани сарҳадҳои байналмилалӣ ва маҳдуд шудани ҳаракатҳо дар дохили мамлакат як мушкилии хеле калон мебошад, ки метавонад, ба нархҳо ва дастрасии баъзе маҳсулотҳо таъсири ҷиддӣ бирасонад. Бахусус, ин қазия ба таври назаррас метавонад, ба соҳаҳои меҳнатталабе ба монанди растанипарварӣ ва чорводорӣ таъсиргузор бошад.

Тадбирҳое, ки ҳукуматҳои кишварҳои хориҷӣ доир ба паст кардани хавфҳои нарасидани қувваи кории хориҷӣ дар соҳаи кишоварзӣ ба кор гирифтаанд, онҳоро мо дар расми 1.3 гурӯҳбандӣ намудем.

Акнун мегузарем ба таҳлили ҳар як тадбирҳои пешгирифташуда.

**1. Кам кардани маҳдудиятҳои ҳаракат барои коргаронии мавсимии соҳаи кишоварзӣ**. Коргарони мавсимии соҳаи кишоварзӣ, кадрҳои муҳимме мебошанд, ки дар дастгирии бахшҳои ҷудогонаи истеҳсолоти кишоварзӣ ва таъмини маводи озуқаворӣ иштирок мекунанд. Дар ИМА ва Канада интихоби

---

[40] McGuinness T., Grimwood G. Migrant workers in agriculture // Briefing Paper. No. 7987. 4 July 2017.

[41] Castillo M., Simnitt S. Farm labor United States / Department of Agriculture Economic Research Service. 22 April 2020. URL: https://www.ers.usda.gov/topics/farm-economy/farm-labor/#h2a

когарон барои корҳои мавсимии кишоварзӣ бо каме тағйироту иловаҳо дар продседураи ба расмиятдарорӣ ва риояи тадбирҳои эҳтиёткорӣ барои саломатӣ ва бехатарӣ идома дорад. Департаменти давлатии ИМА суҳбатҳои шахсии дархосткунандагонро барои ба даст овардани раводиди H-2A (раводид муваққатӣ барои кормандони ғайримутахассиси кишоварзӣ)-ро бекор намуд, қаблан ин продседура ҳатмӣ буд[42]. Дар кишвари Канада низ интихоби коргарони мавсимӣ аз дигар давлатҳо барои корҳои соҳаи кишоварзӣ идома дорад, аммо он коргарон баъд аз он ки ба Канада ворид шуданд, бояд дар муддати 14 рӯз дар карантин бимонанд ва фақат пас аз карантин дар сурати зоҳир нашудани нишонаҳои бемории коронавирус метавонанд, ба иҷрои корҳои худ оғоз намоянд. Аммо мушкилиҳое пеш меоянд, (расми 1.3).




**Расми 1.3. - Тадбирҳои, мамлакатҳои хориҷа доир ба паст кардани хавфҳои нарасидани қувваи кории хориҷӣ дар соҳаи кишоварзӣ**
**Таҳияи муаллиф**

марказҳои раводиддиҳанда ҳам дар ИМА, Канада ва кишвари Мексика, ки ба унвони кишварҳои асосии қабулкунандаи муҳоҷирон мебошанд, бастаанд ва ин амал протседураҳои бюрократияро бо ҳам мушкил гардонид. Ба ғайр аз ин, вазъият ба иллати парвозҳои ғайримуназзам мушкил гардид, дар ин ҳолат зарур

[42] Important announcement on H2 Visas // Travel.State.Gov. 26 March 2020. URL: https://travel.state.gov/ content/travel/en/News/visas-news/important-announcement-on-h2-visas.html

буд, ки парвозҳо бо ширкатҳои ҳавопаймоӣ ва монанди инҳо ба танзим дароварда шаванд[43].

Вазъияти мураккабе дар кишварҳои Иттиҳодияи Аврупоӣ низ ба мушоҳида мерасад. Дар ҳоли ҳозир сухан дар бораи ҷалби коргарон аз хориҷи кишвар намеравад. Аммо тадбирҳое дар заминаи коҳиш додани маҳдудиятҳо доир ба ҳаракати коргарони мавсимии соҳаи кишоварзӣ дар дохили Иттиҳоди Аврупо ва шомил намудани рӯйхати ин гуна коргарон ба рӯйхати мутахассисони нисбатан муҳим дар баробари табибон ва дипломатҳо ба кор гирифта шуд. Дар ҳамин ҷо қайд кардан ба маврид аст, ки на ҳамаи коргарон мехоҳанд, ки аз кишварҳои худ берун бираванд, онҳо дар ташвиши онанд, ки мубталои бемории короновирус мешаванд, ё ин ки ба кишвари худ баргашта наметавонанд.

Олмон дар навбати худ дар бораи коҳиш додани маҳдудиятҳо ҷиҳати воруди коргарони мавсимии соҳаи кишоварзӣ эълон намуда, барномаи овардани коргаронро аз кишварҳои Аврупои Шарқ ба Олмон қабул намуд. Ширкати ҳавопаймоии Eurowigs барои ҷалби муҳоҷирон қарордод ба имзо расонида ва интиқоли онҳоро ба Олмон анҷом медиҳад. Фермерҳо бояд дар бораи талаботҳои худ ба қувваи корӣ ба ширкати ҳавопаймоӣ хабар медиҳанд ва вобаста ба ин дархост ширкат теъдоди муайяни коргаронро интихоб намуда, ба ҷойе, ки лозим аст, мерасонад. Пас аз бақайдгирӣ ва парвоз карда омадани теъдоди лозимаи муҳоҷирон онҳоро дар портали ассосиатсияи фермерҳо ба қайд мегиранд. Ин маълумотҳо ба идораи пулиси федералӣ ва хадамоти муҳоҷират барои барасмиятдарорӣ ва инчунин мақомоте, ки бобати қабули тадбирҳои карантинӣ масъуланд пешниҳод карда мешаванд. Коргарон бояд пас аз назорат ва муоинаи ҷиддӣ ва риояи беҳдоштӣ ба Олмон парвоз карда биоянд. Пас аз расидан ба маҳалли кории хеш муҳоҷирон аз дигар коргарон ва фермерҳо ду ҳафта ҷудо бошанд, воситаҳои беҳдоштӣ ва фосилаи иҷтимоиро риоя кунанд. Аввалин парвози ҳавопаймо шомили коргарони муҳоҷири

[43] Coronavirus: Canada's farms face labour shortage despite TFWs being allowed to travel // Immigration.ca. 2 April 2020. URL: https://www.immigration.ca/coronavirus-canadas-farms-face-labour-shortage-de-spite-tfws-being-allowed-to-travel

мавсимӣ аз Руминия ба Дюсселдорф ва Берлин омада расид, инчунин, хатсайрҳое дар масирҳои Карлсруэ, Лейптсиг, Нюрнберг ва Франкфурт ба нақша гирифта шудааст[44].

**2. Тамдиди раводиди корӣ барои муҳоҷирони муваққатӣ ва мавсимӣ.**

Тадбирҳои зиёде дар кишварҳое, ки дар он ҷо қувваи корӣ намерасад ба тамдиди раводиди корӣ барои муҳоҷирони муваққатӣ ва мавсимӣ нигаронида шудааст, барои он ки онҳое, ки ба мамлакат барои кор меоянд, имкон дошта бошанд, ки корро дар соҳаи кишоварзӣ идома диҳанд. Барои мисол, Ҳукумати Италия дар ҷавоб ба масъалаи нарасидани қувваи корӣ муҳлати корти иқоматро барои шаҳрвандоне, ки аз кишварҳои ғайри Иттиҳоди Аврупо мебошанд ва хеле вақт аст, ки дар мамлакт ба сар мебаранд, тамдид намуд[45]. Ба ғайр аз ин, пешниҳод шуда буд, ки ҳузури коргарони хориҷиеро, ки бе корти иқмот дар мамлакат қарор доранд, ба расмият даровarда ва дарёфти иҷозат барои корҳои кишоварзиро сода гардонанд ва монанди инҳо.

Дар ИМА Вазорати меҳнат уҳдадор шудааст, ки коргаронеро, ки муҳлати қарордоди кориашон ба итмом расидааст, дубора киро намуда, барои кор ба дигар ширкатҳои кишоварзӣ равона намояд. Дар шароитҳои маъмулӣ коргароне, ки раводиди H-2A-ро дарёфт кардаанд метавонистанд, фақат барои як корфармо, яъне бо оне, ки қарордод бастаанд кор кунанд. Пас аз поён ёфтани муҳлати қарордод муҳоҷирон бояд ба кишвари доимии худ баргарданд. Ҳангоми пандемия ё ин ки хуруҷи беморӣи короновирус COVID-19 ин шароитро иваз карданд.

**3. Ба корҳои кишоварзӣ ҷалб намудани коргарони маҳаллӣ**

---

[44] Rising D. Germany flies in seasonal farm workers to help agriculture sector hit by coronavirus travel bans // Time USA. 9 April 2020. URL: https://time.com/5818428/germany-farm-workers-coronavirus/

[45] Ansa R. Confagricoltura, bene proroga permessi di soggiorno a stagionali // T&G Mondo Agricolo. 24 marzo 2020. URL: https://www.ansa.it/canale_terraegusto/notizie/mondo_agricolo/2020/03/24/ confagricoltura-bene-proroga-permessi-di-soggiorno-a-stagionali_c1dd8d6d-3494-4031-aa41-1dda7db7bbf2.html

Нарасидани қувваи кориро дар корҳои саҳрой на танҳо аз ҳисоби коргарони хориҷӣ, балки аз ҳисоби коргарони худӣ, ки ҳангоми хуруҷи бемории коронавирус COVID-19 кори худро аз даст додаанд таъмин мекунанд. Дар мамлакатҳои Олмон, Франсия, Британияи Кабир, Испания, Канада ва дигар мамлакатҳо барномаҳои махсуси ҷалби коргаронӣ маҳаллӣ ба корҳои саҳрой мавҷуд мебошад.

Барои мисол, дар Олмон платформаи иттилоотие сохта шудааст, ки дар он корфармоён ва корҷӯён маълумотҳои худро ҷой медиҳанд. Яке аз чунин веб сайтҳо (https://www.CaslanChilft.Ce/) мебошад, ки барои барқарор кардани иртибот дар байни фермерҳо ва довталабоне, ки омодаанд ҳангоми ҷамъоварии ҳар гуна зироатҳо ба феремерон кумаку ёрӣ бирасонанд, роҳандозӣ шудааст. Дар ин сомона пешниҳодҳо дар бораи расонидани ёриву кумак ва инчунин муҳлат, микдори соатҳои корӣ, вазъияти кор, мавҷуд будани корти ронандагӣ, наклиёт, тахассус ва собиқаи корӣ ва монанди инҳо эълон дода мешавад. Ба ғайр аз ин, дар ин сомона дар бораи ҷойҳои кори холӣ дар соҳаи кишоварзӣ эълон дода мешавад, ки дар он эълон ба таври муфассал зикр мегардад, ки чи навъи кор аст, чанд соат вакт мегирд, чи қадар маош пардохт карда мешавад, шароити кор ва дигар масъалаҳои лозима дар робита ба кор ва монанди инҳо ҷой дода мешавад.

Иттилооти муфассал ба одамоне равона карда шудааст, ки кори онҳо дар ҳолати пандемия муваққатан қатъ карда шудааст ва инчунин ба донишҷӯёне нигаронида шудааст, ки имтиҳонҳои онҳо мутавақкиф ва ё ба муҳлати дигар гузаронида шудааст. Чунин тадбирҳо дар Франсия низ андешида шуд, дар он ҷо веб-сайте (сомонае) (https://Cesbraspourtonassiette.wizi.farm/) низ барои фермерҳое, ки коргарон мекобанд ва ё онҳое, ки хоҳишманди кор кардан дар соҳаи кишоварзиро доранд, сохта шудааст. Бештар аз 240 ҳазор нафар ба ин сомона таваҷҷуҳ зоҳир карда, аллакай 5 ҳазор нафари онҳо кор пайдо карда, ба кор шурӯъ кардаанд[46].

[46] European governments scramble to find farm workers for harvest // Financial Times. 13 April 2020. URL: https://www.ft.com/content/601a4dd9-b996-4c49-bc22-8f49bfd06ea0

Дар Испания Ҳукумат қарор қабул кард, ки аҳолии маҳаллие, ки дар корҳои мавсимии соҳаи кишоварзӣ иштирок мекунанд, метавонанд кумакпулие, ки аз давлат барои бекориашон дарёфт мекарданд, он кумакпулиро минбаъд низ ҳангомӣ анҷом додани корҳои мавсимии саҳроӣ дарёфт намоянд. Ин тадбирҳо дар бахши кишоварзӣ то 30 июни соли 2020 идома кард. Аммо фермерон чунин меҳисобанд, ки ин тадбирҳо кофӣ нестанд ва коргарони маҳаллӣ норасоии қувваи кориро ба пуррагӣ ҷуброн карда наметавонанд. Дар Гузориши ассотсиатсияи кишоварзони Испания гуфта шудааст: «Наздики 80% қувваи корие, ки барои мо барои корҳои мавсимӣ лозим аст, аз хориҷа меоянд ва аз ин рӯ дар сурати набудани имконият барои ворид кардани неруи корӣ аз хориҷа ин бахши корҳо бе коргар мемонанд»[47]. Дар музофоти Уэлваи Испания яке аз бузургтарин истеҳсолкунандагони қулфинай дар Европа, иттиҳодияи кишовразон маъракаи ҷалби коргарони маҳаллиро барои корҳои мавсимии кишоварзӣ ба роҳ монд, чунки ба иллати бемории короновирус 9 ҳазор коргарони мавсимие, ки аз Марокаш ба Испания меомаданд, омада наметавонанд[48].

Фермерҳои Британияи Кабир пас аз хориҷ шудани Британияи Кабир аз Иттиҳоди Аврупо ба нарасидани қувваи корӣ рӯ ба рӯ шуданд. Ҷалби коргарони маҳаллӣ ба корҳои мавсимии саҳроӣ дар Британияи Кабир натиҷаи хуб ба бор наовард, фақат каме аз шаҳрвандон омода шуданд, ки даст ба корҳои саҳроии мавсимӣ бизананд[49]. Соли 2018 Барномаи экспериментали барои ҷалби коргарони мавсимӣ ба корҳои кишоварзӣ аз ҳисоби муҳоҷироне, ки шомили Иттиҳоди Аврупо нестанд қабул карда шуд.

**4. Ҷалби гурезаҳо ба корҳои кишоварзӣ.**

---

[47] European governments scramble to find farm workers for harvest // Financial Times. 13 April 2020. URL: https://www.ft.com/content/601a4dd9-b996-4c49-bc22-8f49bfd06ea0

[48] Alderman L., Eddy M., Tsang A. Migrant farmworkers whose harvest fees Europe are blocked at borders // NY Time. 27 March 2020. URL: ttps://www.nytimes.com/2020/03/27/business/coronavirus-farm-labor-europe.html

[49] Carroll R. Jones S., Giuffrida A., Willsher K., Connolly K. Farmers across Europe bank on improvised armies of pickers to save harvest // The Guardian. 3 April 2020. URL: https://www.theguardian.com/world/ 2020/apr/03/farmers-across-europe-bank-on-improvised-armies-of-pickers-to-save-harvest

Ба ғайр аз ин, дар бисёре аз  кишварҳои Аврупоӣ тасмим гирифта мешавад, ки барои ба фермерон кумак расонидан аз ҳисоби гурезаҳои тоза ба Иттиҳоди Аврупо омада дастаҳои корӣ ташкил карда шавад. Ба ҳамин минвол дар Италия барасмиятдарории хориҷиёне, ки ба таври ғайриқонунӣ ба ин кишвар омадаанд, рафта истодааст. Дар Франсия ва Олмон барои ҷамъоварии ҳосили пӯхта расидаи маҳсулотҳои кишоварзӣ гурезаҳо ҷалб карда мешаванд ва ба онҳо қарордод ба имзо расонида маоши минималие пардохт карда мешавад[50].

Аммо фермерон изҳори нигаронӣ карда асосан шаҳрнишинон ва гуруезаҳо таҷрибаи кори кишоварзиро надоранд ва онҳо ба реҷаи кори кишоварзӣ, ки новобаста ба боду ҳаво бояд ҳосил ҷамъоварӣ карда шаванд тоқат оварда наметавонанд. Моликон маҷбур мешаванд, ба гурезаҳо ва коргарони маҳаллӣ, ки аз шаҳрҳо омадаанд, тарзи ҷамъоварии ҳосилро ёд бидиҳанд ва ба онҳо биомӯзанд, ки ҳосилро бе талафот ҷамъоварӣ намоянд, ин корҳо дар навбати худ маблағ ва вақтро талаб мекунанд. Ба ғайр аз ин, шавқу ҳаваси ихтиёриён вақте ба мушкилоти корҳо ва маоши паст рӯ ба рӯ мешаванд, паст гардад. Ба назар чунин мерасад, ки ҷалби коргарони маҳаллӣ ба корҳои мавсимии кишоварзӣ масъаларо пурра ҳаллу фасл намекунад, аммо хароҷотҳои иловагиро пеш меораду халос.

Дар Федератсияи Россия истифодаи қувваи кории хориҷӣ дар соҳаҳои комплекси кишоварзӣ ба таври васеъ дар Гирду атрофи шаҳри Москва, назди дарёи Волга ва Шарқи Дур истифода бурда мешавад. Маълумотҳои дақиқӣ оморӣ оид ба машғули шаҳрвандони хориҷӣ дар соҳаи кишоварзӣ аз рӯйи бахшҳои иқтисодиёт дар Федератсияи Россия мавҷуд намебошад. Аммо мутобиқи баъзе арзёбиҳо наздики 500 ҳазор муҳоҷирони меҳнатӣ дар соҳаи кишоварзӣ машғул ба кор мебошанд, ё ба таври дигар карда гӯем, кормандони

---

50 Carroll R. Jones S., Giuffrida A., Willsher K., Connolly K. Farmers across Europe bank on improvised armies of pickers to save harvest // The Guardian. 3 April 2020. URL: https://www.theguardian.com/world/ 2020/apr/03/farmers-across-europe-bank-on-improvised-armies-of-pickers-to-save-harvest

соҳаи кишоварзӣ маҳсуб меёбанд[51]. Ин коргарон асосан аз кишварҳои пасошӯравӣ, яъне аз Осиёи Миёна, Чин, Ветнам, Корея ва монанди инҳо мебошанд. Қоидатан, қувваи кории хориҷӣ дар соҳаҳои серкори кишоварзӣ ба монанди мевапарварӣ ва сабзавоткорӣ лозим мешавад. Аз ин сабаб пас аз маҳдуд кардани вуруди шаҳрвандони хориҷӣ ба қаламрави Федератсияи Россия дар баъзе соҳаҳои кишоварзӣ нарасидани қувваи корӣ ба мушкилоти асосии соҳа табдил гардид.

Ҳамин тариқ, Иттифоқи истеҳсолкунандагони буттамеваҳо ва картошкапарварони Федератсиия Россия дар бораи мушкилоти ҷамъоварии ҳосили пӯхта расида, ба иллати маҳдуд кардани ҷалби неруи кории хориҷӣ пайвасти бонги хатар мезаданд. Зеро коргарони маҳаллӣ камбуд ва норасоии қувваи кориро ҷуброн карда наметавонанд. Ногуфта намонад, ки дар баъзе хоҷагиҳои кишоварзӣ теъдоди коргарони хориҷӣ 80% аз теъдоди умумии коргаронро ташкил медиҳад[52] .

Муҳоҷирони меҳнатие, ки муҳлати патенташон ба итмом мерсад, бо мушкилӣ рӯ ба рӯ мешаванд. Барои тамдиди иҷозатномаи кор онҳо маҷбуранд, кишварро як дафъа тарк кунанд ва сипас дубора ворди он шаванд, ки иҷрои ин кор дар ҳоли ҳозир, ба иллати баста будани сарҳадот, ғайриимкон буд. Аммо 18-уми апрели соли 2020 Президенти ФР амре «Дар бораи тадбирҳои муваққатӣ доир ба танзими вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ ва шаҳрвандони бетабаият дар Федератсияи Россия дар иртибот бо хатари паҳншавии минбаъдаи беморӣ инфексионии COVID-19» ба имзо расонид. Мутобиқ ба ин амр то 15-уми июни соли ҷорӣ тамдиди бақайдгирӣ, раводид, иҷозат барои кор ва патентҳо лозим нест ва корфармоён метавонанд, коргарони хориҷиро бидуни асноду мадорики

[51] Максимова Е., Кулистикова Т. Агросектору не хватает мигрантов // Агроинвестор. 4 апреля 2020 г. URL: https://www.agroinvestor.ru/analytics/news/33497-agrosektoru-ne-khvataet-migrantov/

[52] Максимова Е., Кулистикова Т. Агросектору не хватает мигрантов // Агроинвестор. 4 апреля 2020 г. URL: https://www.agroinvestor.ru/analytics/news/33497-agrosektoru-ne-khvataet-migrantov/

иҷозатдиҳанда ба кор қабул намоянд[53]. Ҳамин тариқ, он муҳоҷироне, ки дар айни ҳол дар қаламрави мамлакат қарор доранд, метавонанд ба корҳои худ давом диҳанд.

Мушкилиҳое низ вобаста ба коргарони мавсимӣ, ки маъмулан, дар фасли баҳор барои корҳои мавсимӣ меомаданд ва дар тирамоҳ ҳосилро ғун дошта, зимистон ба Ватан бармегаштанд, ба чашм мерасад. Бо таваҷҷӯҳ ба наздик шудан ба фасли ҷамъоварии ҳосил, истеҳсолкунандагони сабзавот, меваҷот ва қорчҳо ба мушкили норасоии неруи корӣ рӯ ба рӯ мешаванд.

Мутобиқ ба арёзбии Вазорати кишоварзии Россия норасоии қувваи кории мавсимӣ дар соҳаи кишоварзӣ ба иллати маҳдуд кардани вуруди коргарони хориҷӣ ба қаламрави мамлакат наздик ба 23 ҳазор нафар мерасад[54]. Аммо ба назари мо ин рақам: ба иллати набудани омори дақиқ дар бораи иштиғоли шаҳрвандони хориҷӣ дар қаламрави Россия ва инчунин иштиғоли ғайрирасмӣ ва ғайриқонунии зиёди коргарони мавсимии кишоварзии хориҷӣ хеле кам нишон дода шудааст, аз ин рӯ, арзёбии он ба мушкилӣ мувоҷеҳ аст. Барои мисол, фақат дар вилояти Астрахан талабот ба коркунони мавсимӣ бештар аз 6 ҳазор нафар мебошад ва дар моҳҳои август-сентябр ин талабот то ба 9 ҳазор нафар мерасад. Ба гуфтаи вазири кишоварзӣ ва саноати моҳидории минтақа Р.Ю. Пашева «Фақат аз ҳисоби аҳолии деҳот мо ин масъаларо ҳаллу фасл карда наметавонем»[55].

Дар бисёре аз минтақаҳои Федератсияи Россия талабот ба коркунони мавсимӣ ба чашм мерасад. Барои мисол, муовини губернатори вилояти Волгоград изҳор дошт, ки наздик ба нисфи коркуноне, ки ба ҷамъоварии

---

[53] Подписан Указ о мерах по урегулированию правового положения иностранных граждан и лиц без гражданства в России в связи с угрозой распространения COVID-19. 18 апреля 2020 г. URL: http:// kremlin.ru/events/president/news/63216

[54] Минсельхоз России обеспечит уборочную кампанию необходимыми трудовыми ресурсами / Министерство сельского хозяйства России. 8 апреля 2020. URL: http://mcx.ru/press-service/news/ minselkhoz-rossii-obespechit-uborochnuyu-kampaniyu-neobkhodimymi-trudovymi-resursami/

[55] Дробны Н. На полях Волгоградской области коронавирус создал дефицит гастарбайтеров // Новости Волгограда. 8 апреля 2020 г. URL: https://novostivolgograda.ru/news/society/08-04-2020/iz-za-koronavirusa-na-polyah-volgogradskoy-oblasti-voznik-defitsit-gastarbayterov

сабзавот дар минтақа машғуланд, коргарони хориҷӣ мебошанд (наздики 11 ҳазор нафар). Дар айни ҳол наздики 5 ҳазор нафар коргарони хориҷӣ дар ин субъекти ФР иҷозат ба кор гирифтанд. Аммо норасоӣ ба қувваи корӣ ҳанӯз ҳам эҳсос карда мешавад ва ин норасоӣ тақрибан 6 ҳазор нафарро ташкил мекунад[56]. Наздики 5 ҳазор нафар коргарони хориҷӣ, маъмулан, дар корҳои кишоварзии кишвари Краснодар машғул мебошанд. Дар минтақаи Шарқи Дур бошад, шаҳрвандони давлати Чин ҳамчун коргарони кироаи соҳаи кишоварзӣ ва иҷоракунандагони заминҳои кишоварзӣ фаъолият доранд[57] .

Дар ҳоли ҳозир дар Федератсияи Россия тасмим гирифтаанд, аз ҳисоби захираҳои дохилии корӣ норасоии қувваи кориро бартараф кунанд. Коргарони дохилӣ барои ҷамъоварии ҳосил, аз он ҷумла, ҷамоварии полизиҳо ва меваю сабзавот ҷалб карда хоҳанд шуд. Ин тадбирҳо ба шаҳрвандони бекор ва онҳое, ки дар шароити пандемия дар ҷойи доимӣ кор карда наметавонанд, нигаронида шудааст. Ба ғайр аз ин, Вазорати кишоварзии Россия пешниҳод намуд, ки донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишоварзӣ низ ба корҳои саҳроӣ ҷалб карда шаванд[58].

Дар маҷмуъ, шароити пандемия водор мекунад, ки дар сохтори кори кишоварзӣ тағйирот ворид карда шавад. Сарфи назар аз он ки кадоме аз коргарон дар саҳро ба кор машғуланд, муҳоҷирон ё коргарони маҳаллӣ, корфармо вазифадор аст, ки онҳоро ба абзори беҳдоштӣ ва ҳифозат таъмин намояд, коргарон дар навбати худ бояд фосилаи иҷтимоиро риоя намоянд, ҳаққи рухсатӣ ва дастрасӣ ба хизматрасонии тиббӣ дошта бошанд ва монанди инҳо.

[56] Около 10% красноярских работодателей используют труд мигрантов // Мигранews. 23.03.2020. URL: https://krasnoyarsk.migranews.ru/articles/news/okolo_10_krasnoyarskikh_rabotodateley_ispolzuyut_trud_migrantov/?sphrase_id=231397
[57] Около 10% красноярских работодателей используют труд мигрантов // Мигранews. 23.03.2020. URL: https://krasnoyarsk.migranews.ru/articles/news/okolo_10_krasnoyarskikh_rabotodateley_ispolzuyut_trud_migrantov/?sphrase_id=231397
[58] Минсельхоз России обеспечит уборочную кампанию необходимыми трудовыми ресурсами / Министерство сельского хозяйства России. 8 апреля 2020. URL: http://mcx.ru/press-service/news/ minselkhoz-rossii-obespechit-uborochnuyu-kampaniyu-neobkhodimymi-trudovymi-resursami/

Дар ҳоли ҳозир, дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумла вилояти Хатлон тасмим гирифтаанд, ки норасоии қувваи кориро дар бахши кишоварзӣ аз ҳисоби коргарони маҳаллӣ таъмин кунанд, он коргарон барои ҷамъоварии ҳосили кишоварзии пӯхта расида, ҷалб карда мешаванд. Ба мисли дигар кишварҳои дунё ин чорабиниҳо барои одамони бекор ва онҳое, ки бар асари бемории коронвирус муваққатан бекор шудаанд, нигаронида шудааст. Дар чунин ҳолат тадбирҳои зеринро тавсия кардан мумкин аст:

1. Истифодаи механизми кишварҳои хориҷӣ (Олмон, Франсия, Россия) барои ҷалби коргарони маҳаллӣ ба корҳои мавсимӣ сохтани платформаи онлайн бо ҷой додани эълон дар он дар бораи ҷойҳои кор ва дигар маълумоти марбут ба корҳои саҳроӣ. Мутобиқ ба ин таҷриба дар сомонаҳои Вазорати кишоварзӣ ва Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, сохтани онлайн-платформаҳо барои ҷой додани маълумот дар бораи ҷойҳои холии кор дар соҳаи кишовразӣ лозим аст, ки ин сомонаҳо дар баробари намудҳои кор дар бораи теъдоди коргарон ва дигар маълумотҳои лозимаро дошта бошанд.

Ба ғайр аз ин, дар ин платформа онҳое, ки мехоҳанд дар бахши кишоварзӣ кору фаъолият намоянд, бо мушахассоти пурра ва имконоташон худро ба қайд гиранд. Ин чиз имкон фароҳам меорад, ки корфармоёни соҳаи кишоварзӣ бо онҳое, ки хоҳиши дар саҳро кор карданро доранд, тамос барқарор кунанд, бо ин роҳ норасоии қувваи корӣ ҷуброн карда шавад ва инчунин ҳаҷми корҳои саҳроӣ муайян карда шаванд.

2. Маоши коргарони соҳаи кишоварзӣ дар вилояти Хатлон дар муқоиса ба дигар соҳаҳои иқтисодиёти вилоят 42% пасттар мебошад, аз ин рӯ, ҳангоми ҷалби коргарони маҳаллӣ ба корҳои кишоварзӣ нигоҳ доштани имтиёзҳои иҷтимоии он шаҳрвандоне, ки хоҳиши кор кардан дар саҳроро доранд, ба мақсад мувофиқ мебошад.

3. Омили муҳимтарин ин таъмини бехатарӣ ва амнияти коргарони соҳаи кишоварзӣ мебошад. Коргароне, ки аз дигар минтақаҳо барои кор даъват карда мешаванд, онҳоро ба муддати 14 рӯз аз коргарони дигар дар алоҳидагӣ нигоҳ

доштан лозим аст. Дар робита ба ин, моликони соҳаи кишварзиро дастгирӣ карда, ба онҳо грантҳо ҷудо карда, барои ҷамъоварии ҳосил қувваи корӣ ҷалб кардан лозим аст. Маблағҳо барои дастгириро метавон барои ҷуброни харҷҳои нақлиётии коргарон ҳангоми интиқоли онҳо ба макони хоҷагиҳо харҷ кардан лозим аст. Маъмулан, хоҷагиҳо аз макони зисти одамон дар фосилаҳои дур қарор доранд.

Зарур аст, ки тадбирҳои бехатарӣ ва беҳдоштии корҳои саҳроӣ ба низом дароварда шаванд ва ҳамарӯза ҳарорати бадани коргаронро санҷидан лозим аст, коргаронро бо воситаҳои беҳдоштӣ таъмин кардан лозим, онҳо бояд фосилаи иҷтимоиро риоя кунанд, корро дар маҳалли корӣ ба таври баст ташкил кардан лозим аст.

4. Бо таваҷҷӯҳ ба вазъияти эпидемиологӣ дар мамлакат нақшаи ҷалби коргарони маҳаллиро барои корҳои саҳроӣ ва кишоварзӣ таҳия кардан лозим аст. Ин нақшаҳо метавонанд мушаххасу дақиқ ва вобаста ба кори мушаххасе бошанд. Барои амалӣ намудани ин корҳо зарур аст, ки иқдомҳо бо ҳамаи тарафҳои манфиатдор, яъне бо истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ ва коргаронӣ маҳаллӣ ҳамоҳанг карда шаванд.

Бо мисли кишвари Олмон метавон платфораи ягонаеро сохт, ки дар он ҷо кишоварзон метавонанд рӯйхати корҳои мавсимиро ироа кунанд. Ин маълумот бояд ҷамъоварӣ карда шуда, ба ҳамаи манотиқи Ҷумҳури Тоҷикистон ва хориҷ аз он барои ҷалби коргарон ҳавола карда шаванд. Сипас ноҳияҳоеро муайян кардан лозим аст, ки аз онҳо имкони гирифтани коргарони мавсимӣ ё ба таври дигар карда гӯем, коргарон барои корҳои кишоварзӣ имконпазир аст. Он коргаронро дар шакли тимҳо дар ноҳияҳои будубоши онҳо мукаммал намуда, сипас ба манотиқе, ки дар он ҷо қувваи корӣ барои корҳои кишоварзӣ лозиманд, ҷалб намудан лозим аст

Ҳангоми захиракунии қувваҳои корӣ метавон дар ҳамоҳангӣ бо МИХД вилояти Хатлон теъдоди муайяни коргаронро тавассути автобус ва микроавтобусҳо барои корҳои кишоварзӣ ҷалб кард.

Ҳамаи ин тадбирҳоро барои дигар соҳаҳои иқтисодиёт, ки дар он ҷо муҳоҷирони меҳнатӣ ба фаъолияти корӣ машғуланд, мавриди истифода қарор додан мумкин аст. Бо такя ба таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ, ташкили карантини 14 рӯза барои муҳоҷирони меҳнатӣ ба мақсад мувофиқ мебошад. Пас аз поёни карантин муҳоҷирон бояд аз муоинаи тиббӣ гузаранд ва баъд аз он метавонанд ба кор шурӯъ кунанд.

**Хулосаи зербоб**

Пандемия содироти қувваҳои кориро маҳдуд сохт, аммо барои интиқоли молҳо камтар таъсиргузор буд. Аз ин рӯ, дарояндаи дур иваз шудани сиёсати дастгирии навъҳои меҳнатталби соҳаи кишоварзӣ имконпазир аст. Дар қатори дигар тадбирҳо инро метавон аз ҳисоби дастгирии давлатии истеҳсоли сабзавотҳо дар хоҷагиҳои ёрирасони аҳолӣ, ки истеҳсолкунандагони асосии картошка ва сабзавот дар вилояти Хатлон маҳсуб меёбанд, амалӣ кард. Ин тадбир – дар якҷогӣ бо дастгирии ҳамаҷониба ва сохтани марказҳои яклухти тақсим барои нигоҳдорӣ ва коркарди маҳсулоти хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ, дастгирии ширкатҳо ва соҳибкорони инфиродӣ, ки муносибатҳои қарордодиро бо хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ ва фермерҳо амалӣ мекунанд, татбиқ карда мешавад, қодир ба он хоҳад шуд, ки ҳиссаи заминҳои истифоданашавандае, ки дар он ҷо ҷойи кор барои аҳолии деҳот мавҷуд намебошад, кам карда шавад. Ин амалро ҳамчун зиёд шудани даромади оилаҳо тасаввур намудан мумкин аст.

Ноҳияҳои Кӯшониён, Вахш, Ҷ. Балхӣ, Ёвон ва шаҳри Кӯлоб қодир ба афзоиши ҳаҷми навъҳои ҷудогонаи маҳсулот мебошанд, чунки дар ин ноҳияҳои вилояти Хатлон қувваи кории зиёдатӣ мавҷуд аст.

Дар ин ҳолат вилояти Хатлон метавонад, истеҳсолкунандаи асосии маҳсулоти кишоварзии зимистона боқӣ бимонад. Дар чунин ҳолат хавфи пандемия коҳиш дода мешавад, аммо хавфи маҳдуд шудани маҷрои сабзавот, буттамеваҳо ва дигар меваҳо боқӣ намемонад, чунки ин маҳсулотҳо нигоҳдории махсус ва ба фурӯш расонидани зудро талаб мекунанд.

Ҳамин тариқ, дар шароити пандемия хавф барои соҳаи кишоварзии вилояти Хатлон дар масъалаи содир шудани муҳоҷирони меҳнатӣ мавҷуд мебошад.

Дар мамлакатҳои хориҷа аллакай як қатор тадбирҳо амалӣ карда шудаанд, ки ин тадбирҳоро нисбат ба дигар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода кардан мумкин аст. Ба ғайр аз ин, хавфи коҳиш ёфтани истеҳсоли сабзавотро метавон аз роҳи дастгирии истеҳсолот ва ба фурӯш расонидани сабзавоти хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ ҷуброн намуд.

Дар маҷмуъ, аз ҷамъбасти зербоби мазкур чунин хулосаву пешниҳодҳои хусусияти навгонидошта ба даст омаданд:

1. Таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ, аз ҷумла ИМА, Канада, Мексика, Юнон, Шветсия, Норвегия, Ирландия, Дания, Олмон, Франсия, Британияи Кабир, Испания ва Федератсияи Россия оид ба идоракунии муҳоҷират дар бахши кишоварзии минтақа мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор дода шуд.
2. Муайян карда шуд, ки соҳаи кишоварзии мамлакатҳои тараққикарда ҳар чи бештар ба коргарони мавсимие, ки ба коштан, ҷамъоварӣ ва коркарди аввалияи маҳсулоти кишоварзӣ машғул мебошанд, вобаста мегардад. Дар як қатор мамлакатҳо Барномаҳои махсусе барои ҷалби коргарони мавсимӣ ҷиҳати корҳои деҳқонӣ аз хориҷи мамлакт, бобати ҷуброни норасоии қувваи корӣ дар авҷи мавсими корҳои кишоварзӣ мавҷуд мебошад.
3. Тавсия карда шуд, ки истифодаи механизми идоракунии раванди муҳоҷират дар бозори меҳнат дар кишварҳои хориҷӣ (Олмон, Франсия, Россия) барои ҷалби коргарони маҳаллӣ ба корҳои мавсимӣ сохтани платформаи онлайн бо ҷой додани эълон дар он дар бораи ҷойҳои кор ва дигар маълумоти марбут ба корҳои саҳроӣ ба роҳ монда шавад. Мутобиқ ба ин таҷриба дар сомонаҳои Вазорати кишоварзӣ ва Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, сохтани онлайн-платформаҳо барои ҷой додани маълумот дар бораи ҷойҳои холии кор дар соҳаи кишовразӣ лозим аст, ки ин сомонаҳо дар баробари намудҳои кор дар бораи теъдоди коргарон ва дигар маълумотҳои лозимаро дошта бошанд

# БОБИ 2.
# ТАҲЛИЛИ РАВАНДҲОИ МУОСИРИ МУҲОҶИРАТ ДАР БОЗОРИ МЕҲНАТ ВА ТАЪСИРИ ОН БА БАХШИ КИШОВАРЗИИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 2.1. Ҳолати муосири муҳоҷирати меҳнатӣ дар минтақа ва таъсири он ба бахши кишварзӣ

Ба ҳама маълум аст, ки дар ноҳияҳои дурдасти вилояти Хатлон соҳаи кишоварзӣ ва инфрасохтори он дар сатҳи паст қарор доранд. Маҳз аз ин сабаб қисми зиёди аҳолӣ маҷбур мешаванд, ки бо мақсади дарёфтии даромад ва беҳгардонии шароити ҳаёти оилаҳои худ ҷойи зисти худро тарк кунанд. Баҳисобгирӣ ва назорати чунин категорияи одамонро пайгирӣ намудан зарур аст, чунки дар давлатҳои дигар ҳаракати шаҳрвандони ҷумҳурӣ аз як минтақа ба минтақаи дигар бо низоми баҳисобгирии коркарднамудаи мақомоти корҳои дохилӣ баррасӣ мегардад ва бо ҳисоботи алоҳида ба мақомоти омор дода мешавад. Ҳаракати беназорати шаҳрвандони вилоят дар дохили ҷумҳурӣ ба проблемаҳои хусусияти демографидошта ва вайроншавии тавозуни байни истеҳсолоти кишоварзӣ ва қувваи истеҳсолӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилоят оварда мерасонад. Зеро дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 қайд гардидааст, ки барои расидан ба мақсадҳои стратегии дар соҳаи таъмини амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ бо ғизои сифатнок “ба роҳ монданиислоҳоти аграрӣ ва обӣ, диверсификатсияи истеҳсолоти кишоварзӣ, аз ҷумла ҷорисозии инноватсияҳо бо дарназардошти таъсири хурдтарин ба муҳити атроф ва сифати замин, таҳияи чорабиниҳо доир ба баланд бардоштани ҷолибгардонии соҳа, хусусан барои хоҷагиҳои деҳқонӣ аз ҳисоби ташаккулдиҳӣ ва мустаҳкамсозии занҷираҳои арзиши иловагӣ, ташкили низоми самараноки идоракунии хатарҳо ва мониторинги амнияти озуқаворӣ ва ғизои мукаммал (дастгирии истеҳсолот ва воридоти маҳсулоти муҳимми озуқаворӣ, ташкили низоми мониторинги ғизо хабардиҳии қаблӣ, захираҳои эҳтиётӣ ва амалҳои асосӣ ҳисоб меёбанд”[59].

[59] Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2030. С.13.

Дар доираи ин стратегия Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сиёсати танзими давлатии рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаҳои деҳоти мамлакат тағйироти ҷиддӣ даровардааст. Барномаҳои афзалиятноки миллӣ ва минтақавӣ, лоиҳаҳо дар соҳаи таъмини рушди комплекси агросаноатӣ аз ҷумлаи онҳо мебошанд. Дар натиҷаи татбиқи ин лоиҳаҳо рушди устувори истеҳсолоти кишоварзӣ таъмин гардид. Чи тавре ки аз маълумоти ҷадвали 2.1 аён аст, дар давраи солҳои 2016-2021 ҳаҷми маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ аз 13839,0 то 20694,5 млн. сомонӣ ё бештар аз 48,5% афзуд. Вазни хоси маҳсулоти растанипарварӣ дар соли 2021 74,3% дар қиёс бо 72,7% соли 2016 ташкил дод, яъне ҳиссаи истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ дар маҳсулоти умумии кишоварзӣ 1,6% зиёд гардидааст. Афзоиши ҳаҷми маҳсулоти чорвопарварӣ низ нисбати соли пешин, яъне соли 2020 ба андозаи 8,2% низ зиёд гардидааст. Рақамҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки суръати зиёдшавии маҳсулоти кишоварзӣ, ҳам растанипарварӣ ва ҳам чорводорӣ, дар муқоиса бо соли пешина устувор мебошад.

**Ҷадвали 2.1. - Тағйирёбии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар вилояти Хатлон дар солҳои 2016-2021**

| Солҳо | Ҳаҷми маҳсулоти кишоварзӣ, млн. сомонӣ | Афзоиш дар қиёс бо соли 2016 % | Афзоиш дар қиёс бо соли пешина % | аз ҷумла | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Растанипарварӣ | Афзоиш дар қиёс бо соли пешина % | Чорводорӣ | Афзоиш дар қиёс бо соли пешина % |
| 2016 | 13839,0 | 100 | 107,2 | 10069,4 | 107,0 | 3769,7 | 107,8 |
| 2017 | 14148,5 | 102,2 | 102,2 | 10145,3 | 100,7 | 4003,2 | 106,1 |
| 2018 | 15253,5 | 110,2 | 107,8 | 11188,2 | 110,2 | 4065,3 | 101,5 |
| 2019 | 16974,3 | 122,2 | 111,2 | 12305,2 | 109,9 | 4669,1 | 114,8 |
| 2020 | 19502,8 | 140,9 | 114,8 | 14597,8 | 118,6 | 4904,9 | 105,0 |
| 2021 | 20694,5 | 149,5 | 106,1 | 15385,0 | 105,3 | 5309,4 | 108,2 |

*Ҳисоб карда шуд аз рӯйи: Омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 1991-2021, с.113,114, 115,116*

Масалан, соли 2016 суръати афзоиш 107,2 фоизро ташкил дода бошад, дар солҳои 2018-2021 боз ҳам беҳтар гардидааст. Нигоҳдории рушди иқтисодӣ дар соҳаи кишоварзиро дар вилояти Хатлон соҳаҳои чорводорӣ бештар таъмин менамоянд.

Дар бораи афзоиши маҳсулоти кишоварзӣ таҳарруки истеҳсоли намудҳои асосии маҳсулоти растанипарварӣ дар вилояти Хатлон ба шакли натуралӣ тасаввуроти бештаре медиҳад.

**Ҷадвали 2.2. - Истеҳсоли намудҳои асосии маҳсулоти растанипарварӣ дар вилояти Хатлон (ҳазор тонна)**

| Маҳсулот | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | Афзоиши соли 2021 нисбат ба соли 2016 % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ғалладона | 870,3 | 903,1 | 822,5 | 870,2 | 985,3 | 1032,6 | 118,6 |
| Пахта | 193,0 | 259,3 | 178,7 | 266,7 | 277,2 | 270,0 | 139,8 |
| Сабзавот | 954,4 | 1021,2 | 1198,3 | 125,8 | 147,0 | 1548,0 | 162,1 |
| Картошка | 245,4 | 168,7 | 216,5 | 222,9 | 193,1 | 213,8 | -87,1 |
| Полезӣ | 463,1 | 482,4 | 512,4 | 558,9 | 589,0 | 645,2 | 139,3 |
| Мева | 158,9 | 173,9 | 188,5 | 201,5 | 209,0 | 216,2 | 136,0 |
| Ангур | 99,9 | 101,4 | 104,5 | 106,0 | 107,4 | 108,4 | 108,5 |

*Ҳисоб карда шуд аз рӯйи: Омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 1991-2021, с.127, 128,130, 131, 132, 133 230,232,234,236,238,240,242.*

Аз маълумоти ҷадвали 2.2 аён аст, ки дар давраи солҳои 2016-2021 ҳаҷми истеҳсоли ғалладона 18,6% афзуд. Дар давраи таҳлилшаванда истеҳсоли пахта 39,8% зиёд гардидааст. Истеҳсоли полезӣ ва мева аз ҳама баланд аст. Ҳаҷми он ба 139,3% ва ҳаҷми истеҳсоли меваҳо ба 136,0% афзуд. Ҳаҷми истеҳсоли зироати ангур низ мувофиқан 8,5% афзоиш ёфт.

Истеҳсоли тамоми намудҳои маҳсулоти чорводорӣ ба рушди устувор доштанд. Дар давраи солҳои 2016-2021 истеҳсоли гӯшти чорво ва паранда (дар вазни зинда) аз 125,7 то 185,7 ҳаз. тонна ё ба 47,7% афзуд. Шир аз 447,0 то 530,0 ҳаз. тонна, ё баробар ба 118,5% афзоиш ёфт. Истеҳсоли тухм 1,5 маротиба ва истеҳсоли пашм аз 4,85 то 5,59 ҳаз. тонна афзуд (ҷадвали 2.3).

**Ҷадвали 2.3. - Тағйирёбии истеҳсоли намудҳои асосии маҳсулоти чорводорӣ дар вилояти Хатлон (ҳазор тонна)**

| Маҳсулот | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | Афзоиши соли 2021 нисбат ба соли 2016 % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Гӯшти чорво ва паранда (дар вазни зинда) | 125,7 | 137,8 | 148,0 | 155,8 | 172,4 | 185,7 | 147,7 |
| Шир | 447,0 | 467,6 | 487,2 | 500,8 | 515,1 | 530,0 | 118,5 |
| Тухм | 69,2 | 75,2 | 78,9 | 853,4 | 102,7 | 108,5 | 156,7 |
| Пашм | 4,85 | 5,02 | 5,13 | 5,33 | 5,46 | 5,59 | 115,2 |

*Ҳисоб карда шуд аз рӯйи: Омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 1991-2021, с.147, 148,149,150*

Ҳамин тариқ, афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар давраи таҳлили нишондиҳандаҳои рушди устуворро дар вилояти Хатлон таъмин намудааст. Яке аз сабабҳои асосии ин ба андешаи мо паҳншавии бемории COVID-19 мебошад. Гуфтан ба маврид аст, ки тадбирҳои сахтгиронаи кишварҳои ҷаҳон ҷиҳати пешгирии паҳншавии COVID-19 боиси буҳрони шадид дар иқтисоди ҷаҳонӣ гардида, ба тамоми соҳаҳои ҳаёти ҳаррӯзаи мардум, новобаста аз вазъи иҷтимоӣ ва мақоми онҳо, таъсир расониданд. Маҳдудиятҳои асосӣ бештар ба ҳаракати муҳоҷират таъсир расониданд, зеро ҳадафи асосии давлатҳо кам кардани алоқаҳои шахсии аҳолӣ бо мақсади пешгирии паҳншавии минбаъдаи вирус тавассути бастани сарҳадҳо ва қатъ ё кам кардани ҳаракати нақлиёт дар тамоми намудҳои нақлиёт буд. Ин амалҳо боиси тағйироти ҷидди дар соҳаи кишоварзии вилояти Хатлон шуд. Зеро маҳдудиятҳо ва низомҳои карантинии кишварҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, ки қабулкунандаи муҳоҷирон аз вилояти Хатлон мебошад ҳанӯз аз моҳи феврали соли 2020 ҷорӣ гардида, то охири моҳи марти соли 2020 сарҳадҳо барои дохил ва хориҷ аз ҷониби ҳамаи кишварҳои ИДМ баста шуданд. Дар ин ҳолат дар вилояти Хатлон барзиёдии қувваи кори ба вуҷуд омада, рушди устувори соҳаи кишоварзиро таъмин намуд. Айни ҳол мо дар бисёр давлатҳои ИДМ, ки ҳолати фавқулодда ҷорӣ гардида буд, дар ҷадвали 2.4 пешниҳод менамоем.

**Ҷадвали 2.4. - Ҳолати кушодагии (бастагии) сарҳадҳои давлатҳои ИДМ дар давраи пандемияи COVID-19**

| Давлат | Санаи бастани сарҳад | Санаи ифтитоҳи қисман сарҳад |
|---|---|---|
| Россия | 18 март | 1 август |
| Қазоқистон | 16 март | 20 июн |
| Украина | 27 март | 29 май |
| Молодовия | 17 март | 1 июл |
| Қирғизистон | 17 март | 15 июн |
| Туркменистон | 20 март | 10 июн |
| Ӯзбекистон | 16 март | 16 июн |
| Тоҷикистон | 10 апрел | 1 июл |

**Сарчашма:** ВЛИЯНИЕ ПАНДЕМИИ COVID-19 НА ПОЛОЖЕНИЕ МИГРАНТОВ НА РЫНКАХ ТРУДА СТРАН СНГ – тема научной статьи по политологическим наукам читайте бесплатно текст научно-исследовательской работы в электронной библиотеке КиберЛенинка (cyberleninka.ru) (санаи дастрасии маълумот 11.05.2021)

Калинчик Н.В., Алексеенко И.Г., Чугай Д.Ю., Лебедь А.В. дар таҳқиқотҳои худ қайд намудаанд, ки ба шарофати пандемияи COVID-19,

истеҳсолкунандагони ватанӣ метавонанд ба баландтарин нархи маҳсулоти кишоварзӣ дар 15 соли охир бирасанд. Аз ин рӯ, пандемия зарар намерасонад, балки ҳатто “кӯмак» мекунад[60].

Дар ҷои дигар олимони рус Пуляев Н.Н., Коротких Ю.С., Каратаев Г.С., қайд намудаанд, ки бухрон барои баъзе сохаҳои кишоварзӣ «равзанаи имкониятҳо»-ро кушод[61].

Дар радифи андешаҳои зикршуда, метавон қайд намоем, ки пандемияи COVID-19 яке аз омили асосии барзиёдии қувваи корӣ, рушди соҳаи кишоварзӣ барои афзоиши содирот имкониятҳои бештар пайдо мекунанд.

Оқибатҳои иқтисодии бухрони бо COVID-19 алоқаманд, барои муҳоҷирони меҳнатӣ, инчунин тадбирҳои ҷавобии аз ҷониби ҳукуматҳо қабулгардида, вобаста ба мамлакат ва минтақаҳо тағйир меёбанд ва аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Дар шароити маҳдудшавии имконоти иқтисодӣ сатҳи талаботи умумӣ ба меҳнати муҳоҷирон дар баъзе соҳаҳо паст мегардад, дар дигар соҳаҳо бошад, баръакс боло меравад, ки ин ба соҳаи тандурустӣ ва корҳои мавсимии соҳаи кишоварзӣ дахл дорад. Азбаски теъдоди зиёди ҷойҳои кории дар ин соҳаҳо пешниҳодшаванда, корҳои муваққатӣ, ғайрирасмӣ ва ҳифзнашавандаро дар назар доранд, дар чунин ҷойҳо пайгирӣ намудани оқибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодии пандемияро барои муҳоҷирони меҳнатӣ махсусан муҳим аст, то ки масъалаҳои ба худ хоси онҳо ҳаллу фасл карда шаванд ва ҳуқуқҳои онҳо ҳимоя гарданд. Ин ба қонеъ гардонидани талаботи бозори меҳнат ҳам дар давраи кӯтоҳмуддат ва ҳам дарояндаи дарозмуддат мусоидат менамояд[62].

---

60 Калинчик Н.В., Алексеенко И.Г., Чугай Д.Ю., Лебедь А.В. COVID-19 и развитие сельского хозяйства / экономика и управление народным хозяйством . С.166

61 Пуляев Н.Н., Коротких Ю.С., КаратаевГ.С. Пандемия как окно возможностей для развития сельскохозяйственного производства / ПАНДЕМИЯ КАК ОКНО ВОЗМОЖНОСТЕЙ ДЛЯ РАЗВИТИЯ СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННОГО ПРОИЗВОДСТВА – тема научной статьи по экономике и бизнесу читайте бесплатно текст научно-исследовательской работы в электронной библиотеке КиберЛенинка (cyberleninka.ru)

62 Тоҷибоева М.Г. Зуҳуроти нави баргашти муҳоҷирони меҳнатӣ дар шароити афзоиши ҳаракати байналхалқии қувваи корӣ/ диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ. Душанбе -2023,с.72-73

Ҳамин тариқ, дар соҳаҳои кишоварзии вилояти Хатлон афзоиши баръало мушоҳида мегардад. Он бо татбиқи механизмҳои дастгирии давлатии рушди кишоварзӣ, ки тавассути муҳайё намудани ҷойҳои корӣ ва кам гардидани теъдоди муҳоҷирон дар хориҷӣ кишвар, алоқаманд аст. Кам гардидани сафи аҳолӣ ба сифати муҳоҷир дар вилояти Хатлон яке аз омилҳои муҳимми суръатдиҳӣ ба пешрафти соҳаҳои кишоварзӣ буда, дар баробари масъалаҳои истиқлолияти энергетикӣ, баромадан аз ҳалқаи коммуникатсионӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ ва саноатикунонии босуръати мамлакат, яке аз афзалиятҳои муҳим ба ҳисоб рафта, ҳалли саривақтии худро талаб менамояд.

Тавре, ки аз маълумотҳои ҷадвали 2.5 айён аст, шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ дар соли 2021 дар муқоиса бо соли 2016 коҳиш ёфтааст. Агар муҳоҷирон соли 2016 229,8 ҳазор нафар бошад, ҳамин нишондиҳанда дар соли 2021 ба 161,0 ҳазор нафар баробар гардидааст, ки нисбат ба соли 2016 68,8 ҳазор нафар кам мебошад. Ба андешаи Тоҷибоева М.Г. аз соли 2014 то инҷониб бо сабабҳои ивазшавии сиёсати муҳоҷират дар ҷаҳон ва дигаргун гаштани қонунгузории баъзе давлатҳои қабули муҳоҷирон, шумораи рафти муҳоҷирони меҳнатии кишварамон ба хориҷа то 30% коҳиш ёфтааст[63].

**Ҷадвали 2.5. - Шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ аз вилояти Хатлон дар солҳои 2016-2021 (ҳаз. нафар)**

| Минтақа | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҷумҳурӣ | 517,3 | 487,7 | 484,1 | 530,8 | 129,8 | 373,7 |
| Бо % | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100 |
| Вилояти Хатлон | 229,8 | 188,2 | 209,2 | 207,0 | 55,3 | 161,0 |
| Бо % | 44,4 | 38,5 | 43,2 | 38,9 | 42,6 | 43,1 |

**Сарчашма:** маълумотҳои Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2016 – 2021)

Вижагии дигари ҷараёнҳои муҳоҷират дар вилояти Хатлон муҳоҷирати занон мебошад. Муҳоҷирати меҳнатии занон дар бисёр кишварҳои хориҷи дуру наздик талаботи худро дорад ва он бештар дар соҳаҳои хоҷагии қишлоқ ва

[63]Тоҷибоева М.Г. Зуҳуроти нави баргашти муҳоҷирони меҳнатӣ дар шароити афзоиши ҳаракати байналхалқии қувваи корӣ/ диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ. Душанбе -2023,с.64

хизматрасонии аҳолӣ, мисли кор дар ошхона, тарабхона, меҳмонхона, нигоҳубини кӯдакон дар хонаводаҳо, шустушуи молу амвол, кадбонугӣ, дӯзандагӣ ва ба ин монанд корҳои занона истифода бурда мешаванд. Дар соҳаҳои мазкур музди меҳнати на он қадар баланд пардохт карда мешавад ва ин гуна фаъолияти меҳнатии каммузд зиёдтар барои занон пешниҳод мегардад. Ба ин нигоҳ накарда, занон фаъолияти меҳнатиро анҷом медиҳанд ва вазъи иҷтимоию иқтисодии оилаҳояшонро беҳтар менамоянд[64].( Расми 2.1).




**Расми 2.1. - Сабабҳои муҳоҷирати занон дар вилояти Хатлон**
**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф

Занҳо аз ҳама бештар бо мақсади ёфтани кор занони 18-29 сола ба хориҷа меравaнд. Агар  соли 2016  21535 зан ба хориҷи кишвар рафта бошад, пас соли 2021 шумораи онҳо ба 13277 нафар расид, баъд аз шаш сол шумораи занҳо то 8258 нафар кам гардид ва ин муҳоҷират босуръат камшавии занонро исбот мекунад (ҷадвали 2.6).

**Ҷадвали 2.6. - Таҳарруки муҳоҷирати занон дар вилояти Хатлон дар солҳои 2016-2021 (ҳаз. нафар)**

| Минтақа | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | +/- нисбати соли 2016 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҷумҳурӣ | 81,8 | 62,3 | 64,5 | 77,0 | 16,8 | 49,1 | -32,7 |
| Вилояти Хатлон | 21,5 | 17,2 | 20,5 | 19,2 | 3,3 | 13,2 | -8,3 |
| Бо % аз ҷумҳурӣ | 26,3 | 27,6 | 31,8 | 24,9 | 19,6 | 26,9 | +0,6 |

**Сарчашма**: маълумотҳои Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2016 – 2021)

64 Мирзоева М.У. Муҳоҷирати меҳнатӣ ва нақши интиқоли маблағҳои муҳоҷирон дар рушди иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурии тоҷикистон / диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ. Душанбе -2023, с.101

Хусусияти асосии истифодаи қувваи меҳнат дар кишоварзӣ дар давоми сол нобаробар бо кор таъмин будани коргарон мебошад, ки ин аз хусусиятҳои худи истеҳсолоти кишоварзӣ бармеояд. Характери мавсимии меҳнатро дар истеҳсолоти кишоварзӣ бартараф кардан мумкин нест, вале муайян кардани роҳҳои асосии ноил шудан ба шуғли оптималии занон дар соҳаи кишоварзӣ ба акидаи олими украини Лаврук Л. «...проблемаи беҳтар намудани шароити меҳнат ва истифодаи захираҳои меҳнатии занон»[65] хеле муҳим мебошад.

Вобаста ба ин, барои пешгирии ин гуна ҳолати баамаломада, мақомотҳои дахлдори давлатиро лозим аст, ки оид ба фарогирии занони кишварамон дар фаъолияти кории дохили мамлакат бо музди меҳнати арзанда чорабиниҳои мушаххаси давлатиро татбиқ намоянд[66].

Гуфтан мумкин аст, давлат барои беҳтар намудани вазъи занон як қатор барнома ва стратегияҳо аз ҷумла Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунанда аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2022, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 январи соли 2021, №5 “Дар бораи грантҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати дастгирӣ ва рушди фаъолияти соҳибкории занон барои солҳои 2021-2025”, “Консепсияи рушди оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, “Барномаи давлатӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2023”, “Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020” қабул карда шуданд, ки ба беҳтар шудани шароити меҳнату маишии онҳо мусоидат мекунанд.

Зарурати қабули Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020 ба проблемаҳое вобаста

---

[65]Лаврук Л. Использование женского труда в условиях индустриализации и специализации сельскохозяйственного производства (на материалах колхозов Хмельницкой обл.): авто-реф. дис. ... канд. эконом. наук. Киев, 1982.

[66] Мирзоева М.У. Муҳоҷирати меҳнатӣ ва нақши интиқоли маблағҳои муҳоҷирон дар рушди иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурии тоҷикистон / диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ. Душанбе -2023,с.104

мебошанд, ки аз дигаргунсозии иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеоянд. Аз ҷумла, аз ҷониби ҷомеа ба таври бояду шояд дарк нагардидани зарурати таъмини гендерӣ ва татбиқи сиёсати гендерӣ, мавҷудияти ақидаронихои муқаррарӣ оид ба нақш ва мақоми занон дар ҷомеа; номукаммал будани заминаи қонунгузорӣ; ҳамкории нокифояи мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ки ба масъалаҳои ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонуни занон машғуланд; ҳанӯз боиси мондани мушкилот оид ба амалисозии ҳуқуқҳои занон дар соҳаҳои меҳнат, иқтисод, фарҳанг, сиёсат ва ғайра.

Ҳадафҳои асосӣ дар бахши фаъолгардонии шуғли занон ва нақши онҳо дар бозори меҳнат ин «...фароҳам овардани шароит барои амалӣ намудани ҳуқуқ ва инкониятҳои иқтисодии занон ва ҳам иштироки баробари онҳо дар ҳаёти ҷомеа, баланд бардоштани қобилияти рақобатпазирии занон дар бозори меҳнат» мебошад [67].

Ба андешаи мо гузаронидани курсҳои омӯзишии соҳибкорӣ бо занони муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо бо мақсади ҷалби маблағҳои интиқолшудаи муҳоҷирон ҳамчун сармоя барои рушди оила, ҷудо кардани қарзҳои хурд ба занон ва бо кор таъмин кардани онҳо, яке аз роҳҳои кам намудани занон ба сифати муҳоҷир мебошад.

Маҳз баъд аз қабули чунин баронома ва стратегияҳо мушкилоти бекории занон дар вилояти Хатлон дар тӯли 7 соли охир 42,1 фоиз кам гардида аз 12,8 то 4,4 ҳазор нафар баробар гардидааст (диаграммаи 2.1).

[67] Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020.-С. 8. https://comwom.tj/strategies (санаи дасрасии маълумот 18.06.2022)




**Диаграммаи 2.1. - Динамикаи бекории занон дар вилояти Хатлон (хаз.нафар)**

**Сарчашма:** Вазъи иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон январ-декабри солҳои 2016-2021.- С.126

Ҳамин тариқ истифодаи самараноки захираҳои меҳнатӣ, таъмини шуғли кории занон ва кам намудани динамикаи муҳоҷирати занон дар давраи мавсимӣ бояд дар вилояти Хатлон якчанд масъалаҳо ҳал карда шавад, аз ҷумла:

1) афзоиши минбаъдаи интенсивии истеҳсолоти кишоварзӣ бо зиёд кардани ҳиссаи соҳаҳои меҳнатталаб ва зироат;

2) афзоиши шумораи корхонаҳои хурди коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар деҳот (сеххои ҳасибӣ, панир, гармхона, фермаҳои хурди чорводорӣ ва ғайра);

3) ташкили ҳунарҳои гуногун ва соҳаҳои саноати сабук, ки муҳлати кораш ба мавсимӣ ва ғайримавсимӣ рост меояд;

4) инкишофи минбаъдаи соҳаи хизматрасонӣ дар деҳот;

5) дастгирии хоҷагиҳои фермерӣ.

Агар вазъи муҳоҷиратро тавассути муҳоҷирати мардҳо дар вилояти Хатлон баррасӣ намоем, пас камшавии мунтазами шумораи муҳоҷиронро ошкор сохтан мумкин аст.

Таҳлили маълумоти оморӣ (ҷадвали 2.7) дар вилояти Хатлон нишон медиҳад, ки шумораи мардони муҳоҷир дар соли 2021 нисбат ба нишондиҳандаҳои соли 2016 ба андозаи 45,4 ҳазор нафар (23,4%) коҳиш ёфтааст.

**Ҷадвали 2.7. - Тахарруки муҳоҷирати мардҳо дар вилояти Хатлон дар солҳои 2016-2021 (ҳаз. нафар)**

| № | Мминтақа | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | +/- нисбати соли 2016 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Ҷумҳурӣ | 435,4 | 394,1 | 419,6 | 453,8 | 113,0 | 324,6 | - 110,8 |
| 2 | Вилояти Хатлон | 193,2 | 161,3 | 186,0 | 187,8 | 42,1 | 147,8 | -45,4 |

**Сарчашма:** маълумотҳои Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2016 – 2021)

Яке аз омилҳои кам шудани сафи муҳоҷирон дар шаш соли охирро мо дар зиёд шудани корхонаҳои кишоварзӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ мебинем. Барои ҳалли чунин мушкилот ва камшавии раванди муҳоҷират таъсиси корхонаҳои кишоварзӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ дар вилояти Хатлон метавонад мусоидат намояд. (диаграммаи 2.2).




**Дигараммаи 2.2. - Шумораи корхонаҳои кишоварзӣ ва фоида аз фаъолияти он дар вилояти Хатлон**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар доираи Омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 1991-2021, с.223-224

Барои омӯзиши амиқтари ҳаракати муҳоҷирати меҳнатӣ муайян намудани самтҳои он ба манфиаи кор мебошад. Тавре, ки аз маълумотҳои диаграммаи 2.3 маълум мегардад, 97 фоизи муҳоҷирати аҳолии вилояти Хатлон ба самти Федератсияи Россия рост меояд. Ба дигар давлатҳо бошад ҳамагӣ 3% мебошад.




**Диаграммаи 2.3. - Самтҳои асосии муҳоҷирати меҳнатӣ аз вилояти Хатлон**
**Сарчашма: маълумотҳои Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли 2021)**

Шаҳрвандони вилояти Хатлон ба Федератсияи Россия бо мақсади амалигардонии фаъолияти меҳнатӣ рафтаанд. Аз рӯйи давомнокии муҳоҷирӣ, муҳоҷирати меҳнати берунӣ ба таври зайл тақсим мегардад: 38% то 6 моҳ, 32% аз 7 то 12 моҳ, 30% бештар аз 12 моҳ. Бо мамлакатҳои дигари узви ИДМ мубодалаи муҳоҷират калон нест ва асоси дурудароз давом мекунад. Дар Белорусия, Қирғизистон, Украина тамоми шаҳрвандони вилояти Хатлон бештар аз 12 моҳ ҳаёту фаъолият доранд, дар Молдавия аз 7 то 12 моҳ. Дар Қазоқистон 28,6% камтар аз 6 моҳ, 64,3% аз 7 то 12 моҳ, ва 7,0% бештар аз 12 моҳ. Дар муҳоҷирати меҳнатӣ асосан ҷавонони сини 15-29 сола, ки 53 фоизи тамоми муҳоҷирати меҳнатиро ташкил медиҳанд, иштирок мекунанд. Ҳамзамон, ҷавонони 25-29 сола 21,1 фоизро ташкил медиҳанд. Ашхоси синусоли миёна (30-49 сола) 44,4 фоизро аз шумораи умумии муҳоҷирони меҳнатӣ ташкил менамоянд. Сунусоли миёнаи муҳоҷирони меҳнатӣ аз 30 то 60 сол мебошад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мисли дигар кишварҳо дар бозори меҳнат ҳаракати муҳоҷирон мушоҳида мешавад, яъне ҳар қадаре, ки қувваи корӣ дар муҳоҷират дарозтар бошад, имкони бозгашти он ҳамон қадар кам мешавад.

Дар ҷадвали 2.8 динамикаи рафтан ва бозгашти муҳоҷирони корӣ аз минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2021 оварда шудааст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки хуруҷи муҳоҷирон аз Тоҷикистон ва тамоюли бозгашти муҳоҷирон яксон боқӣ мондааст.

**Ҷадвали 2.8. - Динамикаи рафтан ва бозгашти муҳоҷирони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2016-2021 (бо фоиз.)**

| Минтақаҳо | 2016 | | 2019 | | 2020 | | 2021 | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Рафтан | Бозгашт | Рафтан | Бозгашт | Рафтан | Бозгашт | Рафтан | Бозгашт |
| Ҷумҳурӣ | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 |
| Душанбе | 13,6 | 19,5 | 4,9 | 6,2 | 4,0 | 3,2 | 2,5 | 3,3 |
| НТҶ | 20,3 | 27,3 | 19,3 | 20,8 | 22,4 | 22,1 | 21,3 | 18,1 |
| Суғд | 30,2 | 6,4 | 30,6 | 27,9 | 25,38 | 27,14 | 27,6 | 34,3 |
| Хатлон | 31,6 | 39,1 | 41,0 | 40,4 | 41,7 | 38,2 | 42,6 | 39,1 |
| ВМКБ | 4,2 | 6,0 | 4,2 | 4,8 | 6,3 | 9,2 | 6,0 | 5,0 |

**Сарчашма:** маълумотҳои Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2016 – 2021)

Мувофиқи маълумоти дар ҷадвал овардашуда маълум мегардад, ки рафту баргаштан ба давраи таҳсил бештар дар вилояти Хатлон мушоҳида мешавад ва баъдан ба вилояти Суғд рост меояд. Дар баробари ин онҳо бештар ба вилояти Хатлон ва камтар ба вилояти Суғд ва вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон бармегарданд.

Ҷадвал нишон медиҳад, ки раванди динамикии муҳоҷират ва бозгашти муҳоҷирон вобаста ба минтақаҳои Тоҷикистон фарқ мекунад. Ҳиссаи одамоне, ки аз вилояти Хатлон ва ноҳияҳои тобеи марказ хориҷ мешаванд, зиёд буда, аз рӯйи таркиб ин асосан аҳолии деҳот, бекорон дар иқтисодиёт мебошад. Аз рӯйи шумораи онҳое, ки соли 2021 баргаштанд, ҳиссаи камтаринро шаҳри Душанбе – 3,3% ишғол менамояд. Аксаран кадрҳои баландихтисос рафта, дар ҷои худ карор мегиранд. Дар бозгашт ҷои якумро вилояти Хатлон – 39,1% ишғол мекунад.

Доир ба баргашти шумораи зиёди муҳоҷирони меҳнатии вилояти Хатлон аз хориҷа ва дар мадди аввал аз Русия, Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлонро лозим аст, ки дар чунин вазъият тадбирҳои саривақтӣ ва механизми дастгирии иҷтимоии муҳоҷирони меҳнатии баргашта ва аъзоёни

оилаи онҳоро кор карда барояд. Зеро, даҳҳо ҳазор чунин муҳоҷирон умедвори пайдо кардани ҷойҳои кории доимӣ бо маоши арзанда дар вилоят мебошанд.

Бо чунин мақсад соли 2016 Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон бо дастгирии бевоситаи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва Раёсатҳои хадамоти муҳоҷирати вилоятӣ таҳқиқоти сотсиологиро доир ба мавзуи «Вазъи муосир оид ба баргаштани муҳоҷирони меҳнатӣ – шаҳрвандони вилоят: ҳолати муҳоҷирон дар вилояти Хатлон» барпо намуд ва натиҷаи онҳо дар ҷадвали 2.9 пешниҳод шудааст.

**Ҷадвали 2.9. - Вазъи муосир оид ба баргаштани муҳоҷирони меҳнатӣ дар вилояти Хатлон**

| Шумо баъд аз ба Тоҷикистон баргаштан бо кор таъмин карда шудед?» | «Бо мақсади таъминот бо кор Шумо ба идораҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ муроҷиат кардед?» | «Сатҳи зиндагии Шумо баъд аз баргаштан ба ватан беҳтар гардид ва ё бадтар?». |
|---|---|---|
| Натиҷаи ҷавобҳо | | |
| - 36,5% бо кор таъмин гардиданд;<br>- 58,2% бо кор таъмин карда нашуданд;<br>- 5,3% аз ҷавоб худдорӣ карданд. | - 10,6% ба идораҳои давлатӣ муроҷиат карданд;<br>- 2,6% ба идораҳои ғайридавлатӣ;<br>- 12,0% ба ягон ҷо муроҷиат накарданд;<br>- 74,7% аз ҷавоб худдорӣ карданд. | - 37,7% ҷавоб доданд, ки сатҳи зиндагиашон беҳтар шудааст;<br>- 23,6% ҷавоб доданд, ки мисли пештара аст;<br>- 32,4% ҷавоб доданд, ки сатҳи зиндагӣ бадтар шуд;<br>- боқимондаҳо худдорӣ карданд. |

**Сарчашма:** Коркарди муаллиф дар доираи маълумотҳои Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

Аз натиҷаи пурсишҳои дар ҷадвали 2.9 овардашуда хулоса кардан мумкин аст, ки ҳолати муҳоҷирони меҳнатии баргашта ва зисту зиндагии онҳо дар вилояти Хатлон аз якдигар фарққунанда мебошад. Қисме аз онҳо баъд аз баргаштан аз хориҷа бо кор таъмин гардиданд ва зиндагиашон хуб аст. Аммо қисми дигар бекор буда, сатҳи зиндагиашон бад аст ва ин гуна вазъият хусусияти ҳозираи баргашти муҳоҷирони меҳнатии вилояти Хатлонро нишон медиҳад. Ҳолати ба амал омада идораҳои дахлдори давлатиро водор месозад, ки нисбати фаро гирифтани ҳамаи шаҳрвандони қобили меҳнат, аз он ҷумла муҳоҷирони меҳнатии баргашта барои фаъолияти кории доимӣ ва арзанда

чораҳои заруриро андешанд ва тавонанд муҳоҷирони меҳнатии баргаштаро дар раванди рушди соҳаи кишоварзии вилоят ҷалб намоянд.

Ба ҳамин тариқ, таҳлили ҳолати имрӯзаи раванди муҳоҷирати меҳнатӣ ва таъсири он ба соҳаи кишоварзӣ инчунин камшавии он дар вилояти Хатлон бо чунин сабабҳо мебошад.

- зиёдшавии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии вилояти Хатлон;

- беҳтаршавии фаъолият дар соҳаҳои кишоварзии вилоят;

- ҳолати бастагии сарҳадҳои давлатҳои ИДМ ҳангоми бемории COVID-19, ки сафари муҳоҷиронро аз вилоят кам гардонид;

- зиёдшавии корхонаҳои кишоварзӣ ва хоҷагиҳои фермерӣ дар вилоят;

## Хулосаи зербоб

Дар маҷмуъ, аз ҷамъбасти зербоби мазкур чунин хулосаву пешниҳодҳои хусусияти навгонидошта ба даст омаданд:

1. Дар раванди таҳқиқот муайян карда шуд, ки дар давраи солҳои 2016-2021 ҳаҷми маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ аз 13839,0 то 20694,5 млн. сомонӣ ва ё бештар аз 48,5% афзуд. Вазни хоси маҳсулоти растанипарварӣ дар соли 2021 74,3% дар қиёс бо соли 2016 72,7фоизро ташкил дод, яъне ҳиссаи истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ дар маҳсулоти умумии кишоварзӣ 1,6% зиёд гардидааст. Афзоиши ҳаҷми маҳсулоти чорводорӣ низ нисбати соли пешин, яъне соли 2020 ба андозаи 8,2% низ зиёд гардидааст. Инчунин дар давраи таҳлилшаванда ҳаҷми истеҳсоли ғалладона 18,6%, истеҳсоли пахта 39,8%, меваҳо ба 136,0% ва ангур низ мувофиқан 8,5% афзоиш ёфтааст.

2. Муайян карда шуд, ки афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар давраи таҳлили нишондиҳандаҳои рушди устуворро дар вилояти Хатлон таъмин намудааст. Яке аз сабабҳои асосии ин ба андешаи мо паҳншавии бемории COVID-19 мебошад. Гуфтан ба маврид аст, ки тадбирҳои сахтгиронаи кишварҳои ҷаҳон ҷиҳати пешгирии паҳншавии COVID-19 боиси бухрони шадид дар иқтисоди ҷаҳонӣ гардида, ба тамоми соҳаҳои ҳаёти ҳаррӯзаи мардум, новобаста аз вазъи иҷтимоӣ ва мақоми онҳо, таъсир расониданд. Ин амалҳо боиси тағйироти ҷидди дар соҳаи кишоварзии вилояти Хатлон шуд.

Зеро, маҳдудиятҳо ва низомҳои карантинии кишварҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, ки қабулкунандаи муҳоҷирон аз вилояти Хатлон мебошад ҳанӯз аз моҳи феврали соли 2020 ҷорӣ гардида, то охири моҳи марти соли 2020 сарҳадҳо барои дохил ва хориҷ аз ҷониби ҳамаи кишварҳои ИДМ баста шуданд. Дар ин ҳолат дар вилояти Хатлон барзиёдии қувваи корӣ ба вуҷуд омада, рушди устувори соҳаи кишоварзиро таъмин намуд.

3. Муайян карда шуд, ки шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ дар соли 2021 дар муқоиса бо соли 2016 коҳиш ёфтааст. Агар муҳоҷирон соли 2016 229,8 ҳазор нафар бошад, ҳамин нишондиҳанда дар соли 2021 ба 161,0 ҳазор нафар баробар гардидааст, ки нисбат ба соли 2016 68,8 ҳазор нафар кам мебошад. Занҳо аз ҳама бештар бо мақсади ёфтани кор (занони аз 18 то 29 сола) ба хориҷа мераванд. Агар соли 2016 21535 зан ба хориҷи кишвар рафта бошад, пас соли 2021 шумораи онҳо ба 13277 нафар расид, баъд аз шаш сол шумораи занҳо то 8258 нафар кам гардид ва ин муҳоҷират босуръат камшавии занонро исбот мекунад.

4. Тавсия карда шуд, ки истифодаи самараноки захираҳои меҳнатӣ, таъмини шуғли кории занон ва кам намудани динамикаи муҳоҷирати занон дар давраи мавсимӣ бояд дар вилояти Хатлон якчанд масъалаҳо ҳал карда шавад, аз ҷумла:

1) афзоиши минбаъдаи интенсивии истеҳсолоти кишоварзӣ бо зиёд кардани ҳиссаи соҳаҳои меҳнатталаб ва зироат;

2) афзоиши шумораи корхонаҳои хурди коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар деҳот (сехҳои ҳасибӣ, панир, гармхона, фермаҳои хурди чорводорӣ ва ғайра);

3) ташкили ҳунарҳои гуногун ва соҳаҳои саноати сабук, ки муҳлати кораш ба мавсимӣ ва ғайримавсимӣ рост меояд;

4) инкишофи минбаъдаи соҳаи хизматрасонӣ дар деҳот;

5) дастгирии хочагиҳои фермерӣ.

## 2.2. Таҳлил ва муайян намудани омилҳои таъсиррасон ба афзоиши муҳоҷират дар бозори меҳнат

Муносибати дигар ба муҳоҷират дар соҳаи кишоварзӣ омилҳое буда метавонанд, ки муҳоҷиратро ба вуҷуд меоранд. Ошкорсозии омилҳое, ки ба рушди ҷараёни муайян таъсир мерасонанд, дар муайянсозии сиёсат дар ин ё он соҳа бо роҳи бартарафсозӣ ё бунёди монеаҳо ё шароити мусоид бо истифода аз методҳои бевосита ва ё бавоситаи таъсиррасонӣ, то ин, ки оқибатҳои номатлуб мусоид гарданд, нақши ҳалкунанда мебозад.

Дар умум омилҳое, ки ба муҳоҷирати аҳолӣ таъсир мерасонанд, инҳо буда метавонанд: иқтисодӣ, иҷтимоӣ, демографӣ, сиёсӣ, табиӣ-иқлимӣ, маданӣ динӣ, этикӣ ва психологӣ. Охирин, яъне омили психологӣ дар соҳаи кишоварзии вилояти Хатлон махсусан муҳим мебошад, зеро маҳз бартарафсозии монеаи психологӣ дар омодагии шахс ба муҳоҷират, зимни мутобиқшавӣ ба ҷойҳои нав ва ниҳоят, барои дарки он, ки чаро баъзеҳо муҳоҷир мешаванду дигарон дар ҷойи зисти худ аз ҳисоби фаъол гардонидани заминҳои наздиҳавлигӣ, тиҷорати чорво, боғдорӣ, моҳипарварӣ мемонанд, нақши хосса дорад.

Дар бораи омилҳое, ки ба муҳоҷирати аҳолӣ таъсир мерасонанд, дар як қатор асарҳои олимони хориҷӣ навишта шудааст. Дар бораи онҳо Е. СюЛи[68] (дар ҷараёни қабули қарорҳо дар бораи ҳаракат аз як ҷо ба ҷойи дигар, омилҳои ҷойи баромад ва маскунсозии муҳоҷирон, инчунин ба дарку рафтори инфиродӣ ҷудо кард), Я. Уолперт[69] («ҷойи фоиданокӣ» чун «бақияи фоидаҳое, ки шахс дар натиҷаи муҳоҷират гирифтааст», муайян мегардад, илова бар ин, якҷоясозӣ дар ягон навъ ва дар макон низ муфид буда метавонад), А.Л. Мабоганҷе[70] (ҳавасмандӣ ба тағйири маҳал ба энергияи иқтидорӣ ва энергияи кинетикӣ монанд аст), У.Петерсон [71] (фарқи байни чор қувваи муҳоҷиратиро пешниҳод

---

[68]Lee E.S. (1996). A theory of migration. Demography.3, p.p. 47-57
[69] Wolpert, J. (1965,1966,1967). Distance and directional bias in inter urban migratory streams.
[70] Mabogunje, A.L. (1970). Systems approach to a theory of urban – rural migration. Pp. 1-18
[71]Petersen, W., article The General Typology of Migration pp 55-65. Ellsworth Huntington. '951.Civilization and Climate, New Haven, Yale University Press.

намуд): такони экологӣ (кӯчманчигии ибтидоӣ), сиёсати муҳоҷиратӣ (ҷойивазкунии ихтиёрӣ ё иҷбории аҳолӣ), хоҳиши беандоза калон (муҳоҷирати озод) ва ҷойивазкунии иҷтимоӣ-миқдорӣ (муҳоҷирати оммавӣ ва шаҳришавӣ); Козански Р. ва М. Прозеро[72] (кӯшиданд, ки омилҳои муҳоҷиратро ба экзогенӣ ва эндогенӣ тасниф кунанд); Я. Мангалам[73] (дар бораи омилҳои иҷтимоӣ-маданӣ навиштааст ва ин омилҳо инҳоро дар бар мегирад): таъмини хизматрасониҳои тиббӣ ва таълимӣ, таъсири муҳоҷирони аз маҳалҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ хеле суст рушд ёфта, муҳоҷирати интизоршаванда ва рафтори муҳоҷирон (занҷираҳои муҳоҷиратӣ бо робитаҳои мустаҳками хешу табории муҳоҷирон ва ниҳоят мутобиқшавӣ ба ҷойи нави зист); П. Ҷорҷ[74] (дар бораи ҷойивазкунии ҷуғрофии аҳолӣ баҳс карда, муҳоҷиратро ба зарурат ё рафтани оммавии иҷборӣ чун натиҷаи таъсири омили иқтисодӣ тақсим намудааст), Ф.Ҷ. Богуе[75] (се гурӯҳи тағйирёбандаро ҷудо кардааст, ки онҳо сабабҳои муҳоҷиратро муайян менамоянд): шароити иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ки ба муҳоҷират таъсир мерасонад (сармоягузорӣ ба маҳаллӣ баромад), ивазкунии технологияҳои истеҳсолот, танзими муҳоҷират ва таъмини некуаҳволии иҷтимоии муҳоҷирон, илова бар ин, дар муҳоҷират ӯ ҳавасмандӣ ба вазъияти мавҷуда, яъне маросими тӯй, ёфтани кор, тағйироти манфии харобиоварро мефаҳмид ва омилҳое, ки интихоби ҷойи зистро муайян менамоянд (масалан, нархҳои ҷойивазкунӣ-ҳаракат аз як ҷо ба ҷойи дигар, мавҷудияти наздикон ва хешовандон дар ин ҷойҳо, хусусан шароити мусоид барои кор, ахборот дар бораи ҷойи зисти нав).

Муаллифони дигаре низ ҳастанд, ки нисбати таснифоти омилҳои муҳоҷират муносибати гуногун доранд. Дар бораи омилҳои ташаббусӣ дар

---

[72] Kosinski R and.Mansell Prothero, 1975 “People on the move” p-24

[73]Mangalam, J. J. (1968). Human migration: a guide to migration literature in English 1955-1962. Lexington.

[74]George, P. (1970). Types of migration of population according to the professional and social composition of migrants, in Jansen, C. J. (ed.) Readings in the sociology of migration, pp. 39-47. Oxford.

[75]Bogue D.J. (1969)- Principles of demography. Publisher New York (Especially chapter)

осори Л.Л. Рибаковский дар оғози солҳои 70-уми қарни XX навишта шудааст. У қоидаҳоро дар бораи муҳоҷирати седаврагӣ таҳия кардааст. Ин қоидаҳо ба мутобиқшавии муҳоҷирон ба ҷойи зисти нав мусоидат менамоянд.[76]

Таҳқиқгари ватанӣ Саъдуллозода Н.С дар рисолаи илмии худ сабабҳои муҳоҷиратро ба ду гурӯҳ, яке омилҳои монеаэҷодкунанда ва дигаре ҷалбкунанда ҷудо намудааст.




**Расми 2.2. - Сабабҳои муҳоҷират, омилҳои монеаэҷодкунанда ва ҷалбкунанда**

**Сарчашма:** Коркарди муаллиф дар доираи маводҳои Саъдуллозода Н.С./ Танзими муҳоҷирати байналмилалии қувваи корӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон) /диссертатсия барои дарёфти дараҷаи доктори фалсафа/ Душанбе, 2020.-С.80

Ақидаи Козински ва М. Прозероро дастгирӣ карда, мо ҳамзамон чунин меҳисобем, ки зимни таҳлили омилҳое, ки ба муҳоҷирати аҳолӣ дар соҳаи

[76]Рыбаковский Л.Л. (2001 г) Миграция населения. Три стадии миграционного процесса., www.i-ii rii/bihlio/archive/mi"racia-'2.aspx.

кишоварзӣ таъсир мерасонанд, тақсим кардани онҳо ба ду гурӯҳи калон – омилҳои эндогенӣ, ки маҳсули қувваҳои дохилии худи муҳоҷиронанд ва экзогенӣ, ки маҳсули омилҳои берунианд ҷудо менамоем.

Омилҳои эндогенӣ-омилҳои иқтисодӣ, институтӣ ва сиёсӣ (механизмҳои пасткунии фишор дар ҷойҳои маскуншавӣ бо роҳи пешниҳоди ҷойҳои алтернативии маскуншавӣ), ҳавасмандиҳои демографӣ ва иҷтимоӣ-маданӣ, омилҳои дигари рафторӣ ё инфиродӣ (субъективӣ).

Омилҳои экзогенӣ-омилҳои инсони институтӣ ё сиёсӣ (аз ирода ва амали ҳокимон вобастаанд, идоракунии ҷараёнҳои муҳоҷират аз тарафи ҳукуматдорон амали мегардад ва онҳо ба муҳоҷирати иҷбории одамон боис мегарданд) ва омилҳои муҳити атроф (обхезӣ, хушксолӣ, сӯхторҳо, заминҷунбӣ ва тарки муваққатӣ ҷойи зист ё ҳолатҳои экстремалӣ, ки боиси тарки доимии ҷойи зист мегарданд. Ба онҳо муҳоҷирате низ дохил мешавад, ки бо таназзули муҳити атроф дар натиҷаи рафтори нодурусти инсон, ки табиат зарар мерасонад, алоқаманд аст. Аз ин сабаб онҳо маҷбур мешаванд, ки ҷойи зисти худро тағйир диҳанд.

Муҳоҷиршавии аҳолӣ аз сабаби иқлим аллакай мавсимӣ мебошад. Ҳар сол ба ҳаёти ҳазорҳо шаҳрвандони вилояти Хатлон дар натиҷаи ҳодисаҳои хатарноки обу ҳаво ва иқлим таъсири манфӣ мерасонанд. Дар ҳамин ҳол, барои оилаҳои камбизоат ва осебпазире, ки барои пешбурди зиндагӣ мубориза мебаранд, ҳатто як ҳодисаи хурди марбут ба обу ҳаво метавонад ба ҳаёти онҳо таъсири бузург расонад.

Ҳамин ҳолатҳо дар вилояти Хатлон соли 2016 693 адад ҳодисаҳои фавқулода ба андозаи 19930,6 ҳазор сомонӣ ба иқтисодиёти вилоят хисорот оварда бошад, ҳамин нишондиҳанда дар соли 2021 580 адад ҳодисаҳои фавқулода ва ба маблағи 96473,1 ҳазор сомонӣ баробар гаштааст. Аз ҳодисаҳои фавқулодаи ба қайд гирифташуда 565 адад дорои хусусияти техногенӣ дошта, ки ин 97,4% ҳодисаҳои фавқулодаи соли 2021-и вилояти Хатлон мебошад.

**Ҷадвали 2.10. - Ҳодисаҳои фавқулода дар вилояти Хатлон барои солҳои 2016-2021**

| | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | +/- 13/20 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳодисаҳои фавқулодаи Ба қайд гирифташуда, ҳамагӣ (адад) | 693 | 652 | 653 | 619 | 624 | 580 | -98 |
| аз он ҷумла: дорои хусусияти табиӣ дошта | 6 | 3 | 9 | 6 | 3 | 15 | -5 |
| Дорои хусусияти техногенӣ дошта | 687 | 649 | 644 | 613 | 627 | 565 | 70 |
| Маблағи зарари умумӣ (ҳазор сомонӣ) | 19930,6 | 4730,8 | 19544,2 | 15395,5 | 26662,4 | 96473,1 | 43642,2 |

**Сарчашма:** Маҷмуаи омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 1991-2021. С.92. Ҳисобҳои муаллиф

Ин офатҳои табиӣ, ки пешгӯинашаванда мебошанд, метавонанд ҳазорҳо нафар одамонро дар як вақт муҳочир намояд. Ҳолатҳои фавқулода ба самтҳои ҳаракати аҳолӣ ҳадди аққал ба ду роҳ таъсир мерасонад. Аввалан, ҳар қадаре ки онҳо аҳамияти калон дошта бошанд, ҳамон қадар офатҳои табиӣ макони зисти маъмулии одамонро вайрон мекунанд. Сониян, ин равандҳо аз он вобаста хоҳад буд, ки то чӣ андоза омилҳои иқлимӣ вазъро дар соҳаи амнияти озуқаворӣ ноустувор мегардонанд, шумораи зиёди мардумро аз дастрасии оби ошомиданӣ ва озуқаворӣ маҳдуд ва ё маҳрум мекунанд. Дар навбати худ ин раванд ба ҷуғрофияи равандҳои муҳоҷират ба таркиб ва сохтори аҳолии кишварҳо ва минтақаҳо бевосита таъсир мерасонад.

Ин ду гурӯҳи калони омилҳоро таҳлил карда, ба мафҳумҳои муҳоҷирати ихтиёрӣ ва муҳоҷирати иҷборӣ бояд сарфаҳм рафт.

Дар аксари сарчашмаҳои олии шӯравӣ, русӣ, ғарбӣ зери мафҳуми муҳоҷирати ихтиёрӣ муҳочирате фаҳмида мешавад, ки бо ташаббуси шахсии одам рӯй медиҳад, муҳоҷирати иҷборӣ бошад, тавассути омилҳои экзогенӣ ба вуҷуд меояд.

Ҳамин тариқ, ҳар як фарди аз назари муҳоҷират фаъол зери таъсири омилҳои эндогенӣ (иқтисодӣ, иҷтимоӣ, демографӣ, сиёсӣ, маданӣ, динӣ,

психологӣ, аз рӯйи вазъи саломатӣ ва муҳоҷирати пиронсолону кӯдакон) ё экзогенӣ (омилҳои институтӣ ё сиёсӣ ва омилҳои муҳити атроф) аз як макон ба макони дигар ҳаракат мекунанд. Тамоми муҳоҷиратеро, ки зери таъсири омилҳои эндогенӣ рӯй медиҳанд, танҳо ба муҳоҷирати ихтиёрӣ мансуб донистан хатост.

Ин ба мулоҳизаҳои зерин асос меёбад. Якум, бо андешаи аксари муаллифоне, ки муҳоҷирати одамонро на зери фишори ҳукуматдорон ва оқибатҳои офатҳои табиӣ, балки аз рӯйи хоҳиши худи онҳо мебошанд, розӣ шудан мумкин аст. Яъне, ин навъи муҳоҷиратро ба муҳоҷирати ихтиёрӣ мансуб донистан дуруст мебошад.

Аммо дилхоҳ муҳоҷират зери таъсири ягон омили алоҳида ё гурӯҳи омилҳо рӯй медиҳад. Чӣ тавре ки дар боло қайд шуд, омилҳои эндогенӣ шахс ё оммаи одамонро ба муҳоҷират водор месозад. Дилхоҳ водоркунӣ худ ба худ пайдо намегардад, ба он чизе мусоидат менамояд. Фаъолнокии муҳоҷирии аҳолӣ дар соҳаи кишоварзии вилояти Хатлон ба андешаи мо аксаран аз шуғл ва даромад дар шакли музди меҳнати миёнаи кормандон дар ҷойи пештараи муҳоҷирон, ки барои таъмини эҳтиёҷоти худ ва оилаи хеш заруранд, вобастааст, яъне фаъолнокии муҳоҷирии аҳолӣ дар вобастагии мутақобила бо сатҳи шуғл ва даромади аҳолӣ қарор дорад, ки мо инро ҷадвали 2.11 нишон медиҳем.

**Ҷадвали 2.11. - Музди меҳнати миёнаи ҳармоҳаи кормандони соҳаи кишоварзӣ дар вилояти Хатлон барои солҳои 2016-2021 (сомонӣ)**

| № | Нишондиҳанда | Солҳо | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 |
| 1 | Дар ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқи вилоят | 714,1 | 843,3 | 913,3 | 998,5 | 1053,7 | 1143,19 |
| 2 | Кишоварзӣ, шикор ва ҷангалпарварӣ | 296,6 | 382,5 | 435,9 | 492,9 | 515,0 | 545,59 |
| | Бо % | 41,5 | 45,3 | 47,7 | 49,3 | 48,8 | 47,7 |

**Сарчашма:** Маҷмуаи омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 1991-2021. С.70. Ҳисобҳои муаллиф

Аз таҳлилҳои ҷадвал бармеояд, ки музди меҳнати миёнаи ҳармоҳаи кормандони ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқи вилоят таносуби афзоиш дошта,

нисбат ба соли 2016 160,9% зиёд гардидааст. Қайд кардан лозим аст, ки дар соли 2021 назар ба соли 2016 музди меҳнати миёнаи ҳармоҳаи кормандони соҳаи кишоварзӣ дар вилоят 249,0 сомон зиёд шудааст, аммо нисбат ба музди меҳнати миёнаи солонаи ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқи вилоят 597,6 сомонӣ кам буда, 47,7 фоизро ташкил медиҳад. Гарчанде ки музди меҳнати миёнаи ҳармоҳаи кормандони соҳаи кишоварзӣ нисбат ба соли 2016 183,99% ё 248,9 сомонӣ, кишоварзӣ, шикор ва дигар хизматҳои ба инҳо алоқаманд 244,3 сомонӣ, ҷангалпарварӣ, захираи маҳсулоти ҷангал ва дигар хизматҳои ба инҳо алоқаманд 174,0 сомонӣ, моҳипарварӣ 400,8 сомонӣ зиёд гардида бошад ҳам ин нишондодҳо барои рушди соҳа ва боз ҳам кам намудани сафи муҳоҷирон дар вилоят таъсири начандон зиёд дорад. (ҷадвали 2.12).

**Ҷадвали 2.12. - Музди меҳнати миёнаи кормандон дар корхонаҳои кишоварзии вилояти Хатлон дар солҳои 2016-2021 (сомонӣ)**

| № | Нишондиҳанда | Солҳо | | | | | | Муқоиса 2021/2016 | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | Бо % | Зиёдшавӣ бо сомонӣ |
| 1 | Кишоварзӣ, шикор ва ҷангалпарварӣ | 296,6 | 382,5 | 435,9 | 492,9 | 515,0 | 545,5 | 183,9 | 248,9 |
| | Аз ҷумла | | | | | | | | |
| 1.1 | Кишоварзӣ, шикор ва дигар хизматҳои ба инҳо алоқаманд | 292,9 | 369,1 | 427,6 | 488,4 | 511,3 | 537,2 | 183,4 | 244,3 |
| 1.2 | Ҷангалпарварӣ, захираи маҳсулоти ҷангал ва дигар хизматҳои ба инҳо алоқаманд | 477,2 | 741,0 | 591,2 | 583,6 | 587,0 | 651,2 | 136,4 | 174,0 |
| 1.3 | Моҳипарварӣ | 390,8 | 496,9 | 193,4 | 879,8 | 598,0 | 791,6 | 202,5 | 400,8 |

**Сарчашма:** Маҷмуаи омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 1991-2021. С.129-130. Ҳисобҳои муаллиф

Дар иртибот ба ҳамин олими ватани Саидмуродов (Баротзода) Ш.М. дар кори диссертатсионии худ дар мавзуи “Такмили методҳои паст намудани хавфу хатарҳои сармоягузорӣ дар корхонаҳои истеҳсолӣ” музди меҳнати кормандони

соҳаи кишоварзиро мавриди таҳлил қарор дода, хулоса намудааст, ки машғул шудани аҳолӣ дар соҳаи кишоварзӣ самарнок набуда, даромади аҳолӣ он қадар боло нест.

Ҳарчанд дар соҳаи кишоварзии ҷумҳурӣ бештар аз 23% ММД кишвар истеҳсол карда мешавад, аммо даромаде, ки кишоварзон дар муқоиса ба дигар соҳаҳои иқтисодиёт ба даст меоранд кам мебошад. Бинобар ин, барои таъмин намудани мардум ба ҷой кори фоидаовар ва баланд бардоштани маҳсулнокии меҳнат зарур аст, ҳаҷми сармоягузориҳо, ки боиси инкишофи маҳсулоти кишоварзӣ хоҳад шуд, зиёд карда шавад[77]. Мо низ ҷонибдори гуфтаҳои Саидмуродов (Баротзода) Ш.М. мебошем. Зеро дар ҳолати зиёд шудани сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ, таъсиси ҷойҳои корӣ, зиёд шудани даромаднокии кишоварзон, беҳтаршавии сатҳи зиндагӣ гардида, дар ҳамин замина ба коҳиши муҳоҷирати корӣ дар вилояти Хатлон мусоидат менамояд. Вобаста ба ҳамин мақомотҳои марбутаи ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он бояд муносибати ҷиддиро истифода баранд, то ин ки барои кор ба миқдори муайяни шаҳрвандони хориҷӣ ба воридшавӣ ба қаламрави вилоят иҷозат дода шавад ва ҳамзамон дар ҳифзи бозори дохилии меҳнат бояд манфиатдор бошанд, чунки ҳоло худи шаҳрвандони вилояти Хатлон дар минтақаи худ ҷойи кори муносибро барои худ наёфта, барои ҷустуҷӯи кор ва таъмини оила маҷбуранд, ки ба хориҷа раванд.

Муҳоҷирате, ки дар доираи омилҳои экдогенӣ ва экзогенӣ ба вуҷуд меояд, ба андешаи мо аз нуқтаи назари таъсири ин ё он омилҳои сершумор дар якҷоягӣ чун муҳоҷирати иҷборӣ баррасӣ кардан зарур аст. Агар ба муҳоҷират аз нуқтаи назари қабули қарорҳо дар соҳаи кишоварзӣ назар афканем, пас онро ба ихтиёрӣ ва иҷборӣ тасниф кардан мумкин аст.

Ҷараёнҳои муҳоҷират дар соҳаи кишоварзии вилояти Хатлон аз давраи истиқлолияти давлатӣ пайдо шуданд ва бо сабабҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, сиёсӣ-ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ-психологӣ, таърихӣ, демографӣ, экологӣ ва ҳоказо асоснок

[77] Саидмуродов Ш.М. / Такмили методҳои паст намудани хавфу хатарҳои сармоягузорӣ дар корхонаҳҳои истеҳсолӣ / диссертатсияи илмӣ. Душанбе, 2018 С.42

гаштаанд. Таҳқиқотҳои бисёркаратаи созмонҳои давлатӣ, ҷамъиятӣ ва байналхалқӣ, аз ҷумла институтҳои илмӣ нишон доданд, ки сабабу оқибатҳои муҳоҷирати аҳолӣ мураккабу гуногун мебошанд.

Мураккабияти ин масъаларо дарк намуда, роҳбарони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он, олимон, иқтисоддонҳои минтақа, тамоми қисми пешқадами аҳли вилоят қувваи худро, аз як тараф, ба афзоиши истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ барои таъмини бозори истеъмолӣ ва аз тарафи дигар, батанзимдарории раванди муҳоҷирати меҳнатӣ ва бо ҷойи кор таъмин намудани он равона месозанд. Ҳалли ҳар дуи қисми ин масъала хеле мушкил аст, аммо батанзимдарории раванди муҳоҷирати меҳнатӣ ва бо ҷойи кор таъмин намудани он мушкилтар ҳисоб меёбад. Зеро вилояти Хатлон минтақаест, ки бо суръати баланди афзоиши аҳолӣ назаррас буда, ин омил дар назди МИҲД-и вилояти Хатлон вазифаи истифодаи оқилонаи чунин сармояи табииро мегузорад. Агар аҳолии  вилоят соли 2016 3124,3 ҳаз. нафарро ташкил медод, пас соли 2021 шумораи он ба 3530,0 ҳаз. нафар расид ва ин нишондиҳандаи мусбии афзоиши аҳолӣ зимни тақсимоти самаранок ва оқилонаи захираҳои меҳнатӣ дар соҳаи кишоварзӣ мебошад.

Динамика ва таносуби аҳолии шаҳру деҳоти минтақаи вилояти Хатлон нисбати ба аҳолии умумӣ дар ҷадвали 2.13 барои таваҷҷӯҳ пешниҳод гардидааст.

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки дар минтақаи вилояти Хатлон ду соли охир таносуби аҳолии шаҳру деҳот нисбат ба аҳолии умимии вилоят каме дигар шуда истодааст. Соли 2021 нисбати соли 2016 аҳолии шаҳр 0,8% кам шудааст, аммо аҳолии деҳот дар ин давра 0,8% зиёд гардидааст.

**Ҷадвали 2.13. - Динамика ва таносуби аҳолии шаҳру деҳоти вилояти Хатлон барои солҳои 2016-2021 (ҳаз. нафар)**

| | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Вилояти Хатлон | 3124,3 | 3198,5 | 3274,9 | 3348,3 | 3459,7 | 3530,0 |
| Бо % | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 |
| Аз ҷумла | | | | | | |
| шаҳр | 568,6 | 580,6 | 591,0 | 599,6 | 602,6 | 613,5 |
| Бо % | 18,2 | 18,1 | 18,1 | 17,9 | 17,4 | 17,4 |

| Идомаи чадвали 2.13 | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| деҳот | 2555,7 | 2617,9 | 2683,9 | 2748,7 | 2857,1 | 2916,5 |
| Бо % | 81,8 | 81,9 | 81,9 | 82,1 | 82,6 | 82,6 |
| Мардҳо | 1573,6 | 1612,1 | 1650,1 | 1685,3 | 1753,2 | 1783,4 |
| Бо % | 50,4 | 50,4 | 50,4 | 50,3 | 50,7 | 50,5 |
| Занҳо | 1550,7 | 1586,4 | 1624,8 | 1663,0 | 1706,5 | 1746,6 |
| Бо % | 49,6 | 49,6 | 49,6 | 49,7 | 49,7 | 49,5 |

**Сарчашма:** Маҷмуаи омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 1991-2021. С.10. Таҳияи муаллиф

Нишондиҳандаи дигари ин таносуби марду занҳо буд, ки дар давраи таҳлилӣ 0,1% зиёдшавии мардҳо ва 0,1% камшавии занҳо ба назар мерасад.

Чи тавре ки рақамҳои ҷадвали 2.14 нишон медиҳад, дар гурӯҳи якум, то 50 ҳазор аҳолӣ, 1 шаҳр ва ду ноҳияро дар бар гирифтааст. Шаҳри Левакант яке аз шаҳрҳои аграриву саноатии вилояти Хатлон ба ҳисоб меравад, ки айни ҳол дар масоҳати 0,1 ҳаз. км кв, 49,7 ҳазор аҳолиро ҷой намуда, суръати афзоиши он бошад, 102,5% ва афзоиши табиии аҳолӣ 1114 нафарро ташкил медиҳад, ки нисбат ба ноҳияи Н. Хусрав ва Н. Балҷувон зиёдтар буда, нақши он дар рушди иқтисодиёти минтақавӣ ва дар ин замина таъмини амнияти озуқаворӣ назаррас арзёбӣ мегардад.

Дар ҷамоатҳои деҳоти шаҳри Леваканти вилояти Хатлон аслан кишоварзон ба истеҳсоли пахта, ғалладонагиҳо, сабзавот, картошка, полезӣ, асал, хӯроки чорво ва инчунин боғдорӣ, пиллапарварӣ, чорводорӣ, паррандапарварӣ, моҳипарварӣ машғул мебошанд. Зиёда аз 9,7 фоизи аҳолии қобили меҳнат дар деҳот истиқомат дошта, дар соҳаи кишоварзӣ фаъолият мекунанд.

Аҳолии деҳот қисми зиёди даромади худро аз ҳисоби фурӯши пахта, маҳсулотҳои сабзавот, полезӣ, мевагӣ ва ғалладонагиҳо ба даст меоранд. Истеҳсолкунандагони асосии маҳсулоти кишоварзӣ дар шаҳр кооперативҳои истеҳсолӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), оилавӣ ва инфиродӣ ба ҳисоб мераванд.

### Ҷадвали 2.14. - Гурӯҳбандии аҳолӣ дар вилояти Хатлон

| № пп | Аҳолӣ, ҳаз.нафар | Ноҳияҳо | Масоҳат, ҳаз. км, кв | Аҳоли, хазор нафар | Суръати афзоиши аҳолӣ (% нисбати соли гузашта) | Зичии аҳолӣ дар 1 км мураббаъ (нафар) | Таваллуд ва фавт | | Афзоиши табиии аҳолӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | Таваллуд (нафар ) | Фавт (нафар) | |
| 1 | То 50 | н.Н.Хусрав | 0,8 | 45,1 | 101,8 | 56,4 | 890 | 120 | 770 |
| | | ш.Левакант | 0,1 | 49,7 | 102,5 | 497,0 | 1298 | 184 | 1114 |
| | | н.Балҷувон | 1,3 | 32,7 | 102,5 | 25,2 | 990 | 125 | 865 |
| 2 | Аз 51 то 100 | н.Муъминобод | 0,9 | 99,3 | 102,8 | 110,3 | 2326 | 293 | 2033 |
| | | н.Темурмалик | 1,0 | 75,3 | 101,9 | 75,2 | 2060 | 286 | 1774 |
| | | н.Ховалинг | 1,7 | 58,3 | 102,1 | 34,3 | 1395 | 163 | 1232 |
| | | н.Ш.Шоҳин | 2,3 | 57,7 | 101,6 | 25,1 | 1515 | 184 | 1331 |
| | | ш.Норак | 0,4 | 64,9 | 102,0 | 162,3 | 1551 | 237 | 1314 |
| 3 | Аз 101 то 200 | ш.Бохтар | 0,1 | 126,7 | 101,3 | 142,9 | 2290 | 525 | 1765 |
| | | н.Хуросон | 0,9 | 126,3 | 102,1 | 140,3 | 2789 | 400 | 2389 |
| | | н.Дӯстӣ | 1,2 | 122,0 | 102,4 | 100,0 | 3382 | 475 | 2907 |
| | | н.Қубодиён | 1,8 | 195,1 | 101,8 | 108,4 | 4489 | 693 | 3796 |
| | | н.А.Ҷомӣ | 0,6 | 183,9 | 102,1 | 306,5 | 4821 | 679 | 4142 |
| | | н.Ҷайҳун | 1,0 | 145,6 | 102,2 | 145,6 | 3710 | 491 | 3219 |
| | | н.Панҷ | 0,9 | 124,1 | 101,9 | 137,9 | 2991 | 416 | 2575 |
| | | н.Шаҳритус | 1,5 | 135,7 | 102,1 | 90,4 | 3591 | 578 | 3013 |
| | | н.Восеъ | 0,8 | 228,2 | 102,0 | 285,3 | 6095 | 944 | 5151 |
| | | н.М.С.А.Ҳамадонӣ | 0,5 | 154,3 | 101,7 | 308,6 | 3880 | 644 | 3236 |
| | | н.Фархор | 1,2 | 179,1 | 101,9 | 149,4 | 4770 | 683 | 4087 |
| | | н.Данғара | 2,0 | 171,9 | 102,9 | 86,0 | 5320 | 729 | 4591 |
| 4 | Аз 201 боло | н.Кӯшониён | 0,6 | 260,5 | 101,8 | 434,2 | 5523 | 748 | 4777 |
| | | н.Вахш | 1,0 | 213,0 | 102,2 | 213,0 | 5323 | 634 | 4689 |
| | | н.Ҷ.Балхӣ | 0,9 | 210,5 | 102,0 | 233,9 | 4798 | 702 | 4096 |
| | | н.Ёвон | 0,9 | 248,1 | 102,0 | 275,6 | 6197 | 984 | 5213 |
| | | ш.Кӯлоб | 0,3 | 222,1 | 101,9 | 740,7 | 5520 | 1141 | 4379 |

**Сарчашма:** Маҷмуаи омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 1991-2021. С.17, 19,20, 23,25, 29, 30, Таҳияи муаллиф

Нишондиҳандаи дигар ин суръати афзоиши аҳолӣ бо фоиз нисбати соли гузашта мебошад. Тавре мо аз маълумотҳои ҷадвал мебинем миёни 25 шаҳру ноҳияҳои вилоят суръати аз ҳама бештарро дар ноҳияҳои Данғара 102,9%, Муъминобод 102,8%, Балҷувон 102,5% ва шаҳри Левакант 102,5% ишғол намудааст. Суръати пасти афзоиши аҳолиро мо дар шаҳрҳои Бохтару Кӯлоб ва ноҳияҳои Кушониён, М.С.А. Ҳамадонӣ, Қубодиён ва Ш. Шоҳин мушоҳида менамоем.

Суръати афзоиши табиии аҳолӣ бошад, бештар ба ноҳияҳои Восеъ, Ёвон, Вахш, Кӯшониён, А. Ҷомӣ рост омадааст.

Сарфи назар аз тамоюли пастшавии сатҳи тавлид, вазни хоси баланди кӯдакону ҷавонон дар сохтори аҳолии вилояти Хатлон ба нигоҳдории сатҳи хеле баланди афзоиши аҳолӣ (ҳамасола 2,3% ба ҳисоби миёна) мусоидат менамояд.

Аз нигоҳи аввал, ҳангоми муқоисаи аҳолии фавтидаи вилояти Хатлон аён аст, ки миқдори бештари фавтидагони ба шаҳри Кӯлоб 1141 нафар, ноҳияи Ёвон 984 нафар рост омадааст. Ба андешаи мо ин нишондиҳанда аз бадшавии саломатии аҳолии вилоят ва сатҳи пасти хизматрасонии тиббии он дарак медиҳанд, ки ба раванди ташаккули бозори меҳнат таъсири манфӣ мерасонад.

Ҳангоми муқоиса кардани нишондиҳандаҳои фавт, метавон қайд кард, ки соли 2021 рақамҳои пасттарин дар гурӯҳи 1 ноҳияҳо, вилоят ба монанди н. Балҷувон 121 нафар, н. Н. Хусрав 120 нафар ва ш. Левакант 184 нафар ба назар мерасанд.

Ҳамин тариқ, аз таҳлили ҷадвалҳои 2.13 ва 2.14 хулоса кардан мумкин аст, ки зиёдшавии шумораи аҳолӣ бо талаботҳои афзояндаи он ба камшавии заминҳои корам ба як нафар аҳолӣ дар вилояти Хатлон оварда мерасонад. Дар соҳаи амалӣ якҷоя байни рушди аҳолӣ, табиат ва ҷамъият ин ихтилофи асосии замони ҳозира мебошад.

Агар дар соли 2016 ба як нафар дар ҷумҳурӣ 0,08 га замини корам ва 0,05 га заминҳои корами обӣ рост омада бошад, пас дар соли 2021 ин нишондиҳанда ба 0,07 ва 0,05 га расид. Дар вилояти Хатлон бошад, ба як сокини вилоят 0,7 га замини корам ва 0,06 га заминҳои обӣ дар соли 2021 рост меояд, ки нисбат ба соли 2016 мутаносибан 0,4% замини корам ва 0,1% замини обӣ кам аст.

Дар сурати чунин афзоиши аҳолӣ то соли 2030 миқдори умумии заминҳои кишт дар ҷумҳурӣ ба як нафар аҳолӣ то 0,05 га ва заминҳои обӣ бошанд то 0,03 га мерасад. Дар вилояти Хатлон ин нишондиҳанда мутаносибан 0,07 ба 0,05 га мерасад.

**Ҷадвали 2.15. - Динамикаи сарбории замин ба як сокини вилояти Хатлон (2015-2019)**

| Нишондодҳо | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | Муқоиса соли 206 нисбат ба соли 2021 +- |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҷумҳурӣ | | | | | | | |
| Ҳамаи заминҳои корам | 0,08 | 0.07 | 0,07 | 0,07 | 0,07 | 0,07 | 0,01 |
| Аз он: замини обӣ | 0,05 | 0,05 | 0,05 | 0,06 | 0,05 | 0,05 | - |
| Вилояти Хатлон | | | | | | | |
| Ҳамаи заминҳои корам | 0,11 | 0,10 | 0,10 | 0,07 | 0,7 | 0,7 | 0,04 |
| Аз он: замини обӣ | 0,07 | 0,07 | 0,07 | 0,06 | 0,6 | 0,6 | 0,02 |

**Сарчашма:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2020. -С.8.

Ба ҳамин хотир мо пешниҳод менамоем, ки дар вилояти Хатлон бо назардошти камзаминии хоҷагиҳои кишоварзӣ муҳоҷиронро барои ба гардиши кишоварзӣ даровардани заминҳои қуму-сангдор, шӯрзамин, обҳои зеризаминиашон баланд равона намоянд. Зеро дар сохтори заминҳои таъиноти кишоварзӣ 22% заминҳои санглох, 16% шӯразамин, 8-10% гирифтори эрозияҳои обӣ ва шамолӣ ва боз 10-12% заминҳои обӣ дар заминҳои боир ҷой гирифта истифода мешаванд. 55-60% заминҳои таъиноти кишоварзии обӣ хосиятҳои хуби ҳосилдиҳӣ надоранд. Ин омил метавонад барои шаҳрвандони вилояти Хатлон таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва пешгирӣ барои зиёдшавии муҳоҷирон гардад.

Бо назардошти он омиле, ки дар вилояти Хатлон афзоиши ҳарсолаи аҳолӣ ба ҳисоби миёна 2,3 фоизро ташкил медиҳад ва шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ ва шаҳрвандони бекор аз таъсир холӣ буда наметавонад, чунин вазъият дар дилхоҳ замон метавонад ба номуътадилгардии иҷтимоӣ-иқтисодӣ оварда расонад. Солҳои охир зери таъсири ислоҳоти иҷтимоию иқтисодӣ, аз ҷумла кишоварзӣ дар доираи Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон барои солҳои 2016-2021 дигаргуниҳо ва тамоюлоти наве дар динамикаи бекории аҳолии вилоят оварда расонд, ки аз беҳшавии вазъи бозори меҳнат

дарак медиҳанд. Нишондиҳандаҳои асосии бекорӣ дар ҷадвали 2.16 ҳисоб карда шудааст.

**Ҷадвали 2.16. - Динамикаи бекорӣ дар ҶТ ва вилояти Хатлон барои солҳои 2015-2021**

| Нишондиҳанда | Солҳо | | | | | | | Муқоисаи соли 2021/2015 | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | Бо % | Камшавии бекорӣ бо % | +/- |
| Бекорони дар хадамоти шуғли аҳолӣ ба қайд гирифташуда | | | | | | | | | | |
| Ҷумҳурӣ – ҳамагӣ, ҳаз. нафар | 53,9 | 55,5 | 51,1 | 53,1 | 49,7 | 47,5 | 49,0 | 90,9 | 9,1 | +4,9 |
| Вилояти Хатлон | 22,8 | 24,3 | 21,0 | 18,9 | 16,0 | 15,0 | 14,6 | 64,0 | 36,0 | +8,2 |
| аз рӯйи синну сол | | | | | | | | | | |
| **Ҷумхурӣ – ҳамагӣ, ҳаз. нафар** | **53,9** | **55,5** | **51,1** | **53,1** | **49,7** | **47,5** | **49,0** | **90,9** | **9,1** | **+4,9** |
| то 18 | 2,5 | 2,1 | 2,1 | 2,3 | 2,2 | 2,5 | 2,6 | 104,0 | -4,0 | -0,1 |
| 18 – 24 | 10,7 | 11,5 | 13,0 | 12,0 | 11,6 | 9,7 | 10,3 | 96,2 | 3,8 | +0,4 |
| 25 – 29 | 19,9 | 19,0 | 15,9 | 16,3 | 17,0 | 15,3 | 18,1 | 90,9 | 9,1 | +1,8 |
| пеш аз нафақа | 0,3 | 1,2 | 0,7 | 0,4 | 0,4 | 0,7 | 0,8 | 266,6 | -166,6 | -0,5 |
| дигар | 20,5 | 21,7 | 19,4 | 22,1 | 18,5 | 19,4 | 17,2 | 83,9 | 16,1 | +3,3 |
| **Вилояти Хатлон – ҳамагӣ, ҳаз. нафар** | **22,8** | **24,3** | **21,0** | **18,9** | **16,0** | **15,0** | **14,6** | **64,0** | **36,0** | **+8,2** |
| то 18 | 0,4 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,1 | 0,25 | 75,0 | +0,3 |
| 18 – 24 | 2,6 | 4,0 | 4,2 | 4,2 | 3,4 | 1,5 | 1,5 | 57,6 | 42,4 | +1,1 |
| 25 – 29 | 11,0 | 10,7 | 8,1 | 7,0 | 7,1 | 6,3 | 8,7 | 79,0 | 21,0 | +2,3 |
| пеш аз нафақа | - | - | - | - | 0,09 | - | - | - | - | - |
| дигар | 8,7 | 9,4 | 8,4 | 7,4 | 5,2 | 6,9 | 4,3 | 49,4 | 50,6 | +4,4 |
| **Аз рӯйи дараҷаи маълумотнокӣ** | | | | | | | | | | |
| Ҷумхурӣ – ҳамагӣ, ҳаз. нафар | 53,9 | 55,5 | 51,1 | 53,1 | 49,7 | 47,5 | 49,0 | 90,9 | 9,1 | +4,9 |
| Олӣ | 3,8 | 4,2 | 4,1 | 3,7 | 3,5 | 3,4 | 4,0 | 105 | -5,0 | -0,2 |
| миёнаи касбӣ | 8,5 | 8,0 | 7,4 | 8,1 | 7,5 | 6,3 | 6,3 | 74,1 | 25,9 | +2,2 |
| ибтидои касбӣ | 9,2 | 8,8 | 8,7 | 8,1 | 7,9 | 6,8 | 6,9 | 75,0 | 25 | +2,3 |
| миёнаи умумӣ | 32,4 | 34,5 | 30,9 | 33,2 | 30,8 | 31,0 | 31,8 | 98,1 | 1,9 | +0,6 |
| Вилояти Хатлон – ҳамагӣ, ҳаз. нафар | 22,8 | 24,3 | 21,0 | 18,9 | 16,0 | 15,0 | 14,6 | 64,0 | 36,0 | +8,2 |
| Олӣ | 1,7 | 1,7 | 1,4 | 1,1 | 0,8 | 0,6 | 0,7 | 41,1 | 58,9 | +1,0 |
| миёнаи касбӣ | 3,9 | 3,7 | 2,1 | 1,8 | 1,7 | 1,1 | 1,0 | 25,6 | 74,4 | +2,9 |
| ибтидои касбӣ | 3,1 | 3,1 | 2,1 | 1,3 | 1,2 | 0,9 | 0,8 | 25,8 | 74,2 | +2,3 |
| миёнаи умумӣ | 14,1 | 15,7 | 15,4 | 14,7 | 12,4 | 12,4 | 12,1 | 85,8 | 14,2 | +2,0 |

**Сарчашма:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2020. С.93, 96, 98. Ҳисобҳои муаллиф

Қайд кардан зарур аст, ки дар давраи таҳқиқоти мо тамоюли мусбии кам шудани сатҳи бекорӣ ба назар мерасад, ки ин ҳолат боиси камшаваии муҳоҷират мегардад. Агар дар соли 2015 шумораи бекорон дар вилояти Хатлон 22,8-ро ташкил медод ва дар соли 2021 14,6 ҳазор нафарро ташкил дод, илова бар он поёнравии теъдоди бекорон қариб дар ҳама гурӯҳҳои синну солӣ ва дараҷаи маълумотнокӣ ба амал омадааст. Барои боз ҳам кам намудани сатҳи бекорӣ ва пешгири намудан ба зиёдшавии муҳоҷирон дар соҳаи кишоварзии вилояти Хатлон вазъӣ молиявии корхонаҳои кишоварзӣ низ бетаъсир буда наметавонад.

Дар давраи солҳои 2016-2021 шумораи корхонаҳои кишоварзии зараровар аз 32 то 43 адад зиёд шудаанд. Қарздории дебитории корхонаҳои кишоварзӣ бошад, 49591,5 ҳазор сомонӣ баробар гардид, ки нисбати соли 2016 141,5% зиёд гардидааст.

**Ҷадвалӣ 2.17. - Вазъи молиявии корхонаҳои кишоварзии вилояти Хатлон (ҳазор сомонӣ)**

| Нишондиҳанда | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | **Бо % соли 2021 нисба ба соли 2016** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи корхонаҳои кишоварзии зарардида, адад | 32 | 24 | 46 | 57 | 43 | 43 | 134,3 |
| Ҳаҷми зарар, ҳаз. сомонӣ | 3246,4 | 1441,1 | 4351,6 | 2471,4 | 4237,3 | 2709,9 | 83,4 |
| Қарздории дебитории корхонаҳои кишоварзӣ | 3503,7 | 3366,1 | 2944,4 | 2828,7 | 3127,6 | 49591,5 | 141,5 |

**Сарчашма:** Маҷмуаи омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 1991-2021. С.226-227 Таҳияи муаллиф

Ҳамин тариқ, таҳқиқотҳои гузаронидашуда нишон доданд, ки аҳолии вилояти Хатлон, ниятҳои калони муҳоҷиршавиро надорад. Аммо омилҳои муайяннамудаи мо ба монанди ҳодисаҳои фавқулода, музди меҳнати паст дар соҳаи кишоварзӣ, зиёдшавии аҳолӣ, бекорӣ, зиёдшавии шумораи корхонаҳои кишоварзии зарардида, ки онро дар расми 2.3 тасвир намудаем, водор менамояд, ки аҳолӣ роҳи муҳоҷиратро интихоб намоянд.




**Расми 2.3. - Омилҳои таъсиррасон ба зиёдшавии муҳоҷирон дар соҳаи кишоварзии вилояти Хатлон**
**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф

Инчунин дар баробари афзоиши аҳолӣ талабот ба озуқаворӣ, манзил, майдонҳои коркардшаванда, таъминкунӣ бо об, иқтидори энергетикӣ, инчунин ҷойи кор меафзояд. Аммо имконияти объективии таъмини аҳолӣ хеле кам аст. Афзоиши аҳолӣ, хусусан аҳолии деҳоти вилояти Хатлон имконияти дастрасӣ ба захираҳоро бад мегардонад, чунки 93 фоизи қаламрави Тоҷикистонро кӯҳсор ва танҳо 7 фоизро қаламравӣ барои зисти муносиб ташкил медиҳад. Зичии аҳолӣ дар вилоят ва соҳаҳо торафт меафзояд. Афзоиши босуръати аҳолӣ фишорро ба бозори меҳнат пурзӯр мегардонад ва одамонро на бевосита, балки бавосита, бинобар норасогии ҷойи кор, ба муҳоҷиршавӣ маҷбур месозад.

Ҳарчанде, ки дар вилояти Хатлон фаъолгардонии ҷанбаҳои дигари ҷараёни муҳоҷиршавӣ низ, амсоли шаҳришавӣ, муҳоҷирати байнимитақавӣ, кӯчиши ихтиёрӣ аз минтақаҳои кӯҳӣ ва сераҳолӣ ба водиҳои вилоят, кӯчиши аҳолӣ аз ҳудуд экзогенӣ ба ҷойҳои бехатар мушоҳида мегардад, аммо ҳаҷми ин ҷараёнҳо бо муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хориҷи кишвар баробар шуда наметавонад.

Умуман, муҳоҷирати меҳнатии аҳолии вилояти Хатлон хусусияти мавсимӣ авҷи тарки маҳал ба давраи баҳору тобистон ва бозгашти муҳоҷирон ба давраи тирамоҳу зимистон рост меояд. Ин ҷараёни муҳоҷират бештар беихтиёрона сурат мегирад ва номавҷудияти раводид бо аксари мамлакатҳои ИДМ ба

шаҳрвандони вилоят имкон медиҳад, ки дар қаламрави ин кишварҳо барои ёфтани ҷойи кор озодона ҳаракат намоянд.

**Хулосаи зербоб**

Дар маҷмуъ, аз ҷамъбасти зербоби мазкур чунин хулосаву пешниҳодҳои хусусияти навгонидошта ба даст омаданд:

1. Муайян карда шуд, ки дар вилояти Хатлон соли 2016 693 адад ҳодисаҳои фавқулода ба андозаи 19930,6 ҳазор сомонӣ ба иқтисодиёти вилоят хисорот оварда бошад, ҳамин нишондиҳанда дар соли 2021 580 адад ҳодисаҳои фавқулода ва ба маблағи 96473,1 ҳазор сомонӣ баробар гаштааст. Аз ҳодисаҳои фавқулодаи ба қайд гирифташуда 565 адад дорои хусусияти техногенӣ дошта, ки ин 97,4% ҳодисаҳои фавқулодаи соли 2021-и вилояти Хатлон мебошад. Ин офатҳои табиӣ, ки пешгӯинашаванда мебошад, метавонанд ҳазорҳо нафар одамонро дар як вақт муҳоҷир намояд.

2. Дар раванди таҳқиқот муайян карда шуд, ки фаъолнокии муҳоҷирии аҳолӣ дар соҳаи кишоварзии вилояти Хатлон ба андешаи мо аксаран аз шуғл ва даромад дар шакли музди меҳнати миёнаи кормандон дар ҷойи пештараи муҳоҷирон, ки барои таъмини эҳтиёҷоти худ ва оилаи хеш заруранд, вобастааст, яъне фаъолнокии муҳоҷирии аҳолӣ дар вобастагии мутақобила бо сатҳи шуғл ва даромади аҳолӣ қарор дорад. Гарчанде ки музди меҳнати миёнаи ҳармоҳаи кормандони соҳаи кишоварзӣ нисбат ба соли 2016 183,99% ё 248,9 сомонӣ, кишоварзӣ, шикор ва дигар хизматҳои ба инҳо алоқаманд 244,3 сомонӣ, ҷангалпарварӣ, захираи маҳсулоти ҷангал ва дигар хизматҳои ба инҳо алоқаманд 174,0 сомонӣ, моҳипарварӣ 400,8 сомонӣ зиёд гардида бошад ҳам ин нишондодҳо барои рушди соҳа ва боз ҳам кам намудани сафи муҳоҷирон дар вилоят таъсири начандон зиёд дорад.

3. Муайян карда шуд, ки идоракунии раванди муҳоҷирати меҳнатӣ ва бо ҷойи кор таъмин намудани он мушкилтар ҳисоб меёбад. Зеро вилояти Хатлон минтақаест, ки бо суръати баланди афзоиши аҳолӣ назаррас буда, ин омил дар назди МИҲД-и вилояти Хатлон вазифаи истифодаи оқилонаи чунин сармояи табииро мегузорад. Агар аҳолии вилоят соли 2016 3124,3 ҳаз. нафарро ташкил

медод, пас соли 2021 шумораи он ба 3530,0 ҳаз. нафар расид ва ин нишондиҳандаи мусбии афзоиши аҳолӣ зимни тақсимоти самаранок ва оқилонаи захираҳои меҳнатӣ дар соҳаи кишоварзӣ мебошад.

4. Пешниҳод карда шуд, ки дар вилояти Хатлон бо назардошти камзаминии хоҷагиҳои кишоварзӣ муҳоҷиронро барои ба гардиши кишоварзӣ даровардани заминҳои қуму-сангдор, шӯрзамин, обҳои зеризаминиашон баланд равона намоянд. Зеро, дар сохтори заминҳои таъиноти кишоварзӣ 22% заминҳои санглох, 16% шӯразамин, 8-10% гирифтори эрозияҳои обӣ ва шамолӣ ва боз 10-12% заминҳои обӣ дар заминҳои боир ҷойгирифта истифода мешаванд. 55-60% заминҳои таъиноти кишоварзии обӣ хосиятҳои хуби ҳосилдиҳӣ надоранд. Ин омил метавонад барои шаҳрвандони вилояти Хатлон таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва пешгирӣ барои зиёдшавии муҳоҷирон гардад.

### 2.3. Кластерикунонӣ ҳамчун усули коҳишдиҳии таъсири номатлуби муҳоҷирати қувваи корӣ ба бахши кишоварзии вилояти Хатлон

Самаранокии истеҳсолоти кишоварзии иқтисодиёти вилояти Хатлон ва ҳалли мушкилоти он тавассути истифодаи оқилонаи неруи меҳнатии муҳоҷирон, рушди иҷтимоию иқтисодии деҳот дар асоси татбиқи усули кластерӣ ба даст оварда мешавад. Дар айни замон, дар доираи татбиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, яке аз самти вусъатдиҳии шуғли пурмаҳсул диверсификатсияи муҳоҷирати берунаи меҳнатӣ, аз ҷумла бо назардошти омили гендерӣ ва таҳкими танзими давлатии раванди бозгашти муҳоҷирон мебошад[78]. Дар ин самт афзалиятноки соҳаи институтсионалии бахши аграрии иқтисоди минтақаҳои ҷумҳурӣ диверсификатсияи истеҳсолоти кишоварзӣ мусоидат ба низоми самарабахши муносибати бисёрсоҳавӣ, рушди робитаҳои интегратсионӣ дар комплекси агросаноатӣ, ташаккули зеркомплексҳои хӯрокворӣ ва кластерҳои ҳудудӣ мебошад.

[78] Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 С.15

Бояд қайд кард, ки самараи иқтисодии ҳамкорӣ ва шаклҳои ҳамгироӣ дар доираи агломератсияи пайвандҳо ва бахшҳои ба ҳам алоқаманд, аз ҷумла дар маҷмааи агросаноатӣ аз ҷониби илми иқтисод маълум ва исбот карда шудааст. Ҳатто дар китоби "Принсипҳои илмҳои иқтисодӣ", яке аз асосгузорони мактаби неоклассикии иқтисодиёт Алфред Маршалл самаранокии ҳамгироӣ ва консентратсияи соҳаҳои махсусро дар минтақаҳои алоҳида исбот кардааст. Муҳтавои китоб нишон медиҳад, ки дар натиҷаи ин шаклҳои ташкилӣ падидаҳо ва оқибатҳои омилҳои асосии истеҳсолот зоҳир мешаванд[79]. Масалан, дастрасӣ ба қувваи кории баландихтисос, афзоиши соҳаҳои дастгирикунанда ва ёрирасон, инчунин тахассуси ширкатҳои гуногун дар марҳилаҳо ва бахшҳои гуногуни раванди истеҳсолот таъмин карда мешаванд.

Дар айни замон, истифода дар соҳаи истеҳсолоти кишоварзӣ, дар маҷмааи агросаноатии ҷумҳурӣ ва дар маҷмуъ минтақаҳои он, истифодаи шаклҳои квазитегрегатсионии ташкилиро, ки ба механизмҳои бозоргонӣ ва ҳамкориҳо асос ёфтаанд, беш аз пеш меафзояд. Зеро вазифаи гузариш аз намуди аграрӣ-саноатӣ ба типи индустриалӣ-аграрӣ, барқарорсозии иқтидори истеҳсолии соҳаи кишоварзӣ ҳамчун асоси таъмини амнияти озуқаворӣ таҳияи усулҳои навро ба ҳамгироӣ дар субъектҳои иқтисодии ин бахш, ки ба рафъи парокандагии сохторӣ ва ташкили ҳамкориҳои устувори интегралии байни субъектҳои соҳибкорӣ мусоидат мекунанд. Аз ин рӯ, таҳияи консепсияи самарабахши ҳамгироии субъектҳои хоҷагидорӣ дар соҳаи истеҳсолоти кишоварзӣ аҳамияти муҳим пайдо мекунад. Дар ин самт заминаи объективӣ мавҷуд аст. Дар ин робита изҳороти асосгузори назарияи ташкилот А. Богдановро иқтибос овардан бамаврид аст, ки се марҳалаи ҳамгироиро муайян кардааст[80].

- марҳалаи аввал - бо номуайянӣ хос аст, система дар марҳилаи ташаккул, ҳамгироӣ қарор дорад, аммо дар ин ҷо ҳамгироӣ мустақиман ифода намешавад.

---

[79] Маршал А. Принципы экономической науки. Т.2. М.: «УНИВЕРС»,1993. С. 167.
[80] Богданов А. А. Тектология: (Всеобщая организационная наука). В 2-х кн.: / Редкол. Л.И. Абалкин (отв. ред.) и др. / Отд-ние экономики АН СССР. Ин-т экономики АН СССР. - М.: Экономика, 1989. Кн. 1.- 304 с. Кн. 2. - 351 с.

- дувум, фарқияти системавӣ рух медиҳад, яъне поляризатсияи элементҳои система, афзоиши гуногунии онҳо;

- сеюм - муттаҳидсозии система - тарҳрезии ҳамаҷонибаи системаро дар назар дорад.

Дар соҳаи истеҳсолоти кишоварзии ҷумҳурӣ, минтақаҳои он марҳалаи аввал мебошанд, танҳо зуҳури ҳавасмандӣ ва эҷодкорӣ зарур аст ва дар ин ҷо давлат ҳамчун ниҳоди пешбарандаи муносибатҳои иқтисодӣ нақши ҳалкунанда дорад. Дар оянда, марҳалаҳои дигар таҳия карда мешаванд. Дар таърихи иқтисод ивазшавии табиии ҳамгироӣ ва парокандагӣ дар ҳар як марҳалаи нави рушди иқтисодӣ ба мушоҳида мерасад. Ин чунин маъно дорад, ки дар шароити гузариши ҷумҳурӣ ба марҳилаи нави рушд ва дар марҳалаи ташаккулёбандаи бозор давраи ҳамгироӣ дар иқтисодиёти аграрии ҷумҳурӣ оғоз меёбад.

Шакли муосири бештар маъмули ташаккули квазитеративӣ ва ҳалли масъалаҳои мураккаби иҷтимоию иқтисодӣ дар самти таъсири муҳоҷират ба рушди иқтисодиёти кишоварзиро бо усулҳои гуногун муайян кардан мумкин аст. Яке аз ҳамин усулҳо усули кластерӣ мебошад. Усули кластер мушкилоти амалии раванди муҳоҷиратро дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон ҳал мекунад. Инчунин кластер ин ассотсиатсияи корхонаҳо, таъминкунандагони таҷҳизот, хадамоти махсуси хидматрасонӣ ва истеҳсолӣ, ташкилотҳои таълимӣ ва илмӣ мебошад, ки бо муносибатҳои наздикии ҳудудӣ ва вобастагии функсионалӣ дар соҳаи истеҳсол ва фурӯши маҳсулот пайваст карда мешаванд. Мақсад аз ташкили кластерҳо нигоҳ доштани қувваи кории муҳоҷирон, баланд бардоштани рақобатпазирии корхонаҳо бо як намуди истеҳсолот дар бозорҳои маҳсулот дар асоси мувофиқати манфиатҳои иқтисодӣ мебошад.

Мо, сараввал дар марҳилаи ибтидоии зербоб кластери аграриро мавриди таҳлил ва муайянкунӣ қарор дода, баъдан кластери муҳоҷиратро муайян менамоем. Зеро, кластери аграрӣ механизми муносибатҳоро ба вуҷуд меорад, ки дар он ҳамаи иштирокчиён нисбат ба хароҷот фоидаи бештар ба даст меоранд ва пеш аз якҷояшавӣ фоидаи бештар мегиранд, ки дар натиҷа ҷойҳои кори муҳайё гардида, сафи муҳоҷиронро кам менамояд.

Кластер ба рушди иқтисодиёти кишоварзӣ, ки ба ҷустуҷӯи беҳтарин ҷойгоҳи истеҳсолот, қувваи кории баландсифати муҳоҷирон, инчунин қонеъ намудани афзалиятҳои истеъмолкунандаи аҳолӣ асос ёфтааст, мусоидат мекунад.

Методологияи баланд бардоштани самаранокӣ дар кластери аграрӣ панҷ марҳиларо дар бар мегирад:

Марҳалаи аввал арзёбии ҳамаҷонибаи имкониятҳои ташаккули кластери кишоварзиро дар бар мегирад.

Марҳалаи дуюм-беҳтар намудани ҷойгиркунии субъектҳои хоҷагии қишлоқ дар сохтори соҳавӣ ва ҳудудии кластери кишоварзӣ аз рӯйи нишондиҳандаҳо.

Марҳалаи сеюм муайян кардани захираҳо барои баланд бардоштани самаранокӣ дар кластери аграрӣ мебошад.

Марҳалаи чорум системаи ҳамкорӣ дар кластери кишоварзӣ мебошад, ки ташаккули сохтори оптималии хароҷот ва нархи маҳсулотро таъмин менамояд.

Асосноккунии заминаҳои ташаккули он ба равишҳои методологии олимоне, ки бо масъалаҳои иқтисодиёт ва ташкили истеҳсолоти кишоварзӣ сарукор доранд, асос ёфтааст. Мо усули ҳамгироиро барои арзёбии имкониятҳои ташаккули кластери аграрӣ, ки яке аз унсурҳои он тағйирот дар сохтори аграрӣ мебошад, пешниҳод ва таҳлил намудаем (ҷадвали 2.18).

**Ҷадвали 2.18. - Усулҳои баҳодиҳии имконияти ташаккули кластери кишоварзӣ**

| № | Самт | Хусусият |
|---|---|---|
| 1. | Таҳлили омилҳои тағйирёбии суръати афзоиш (коҳиш) -и маҳсулоти умумии кишоварзӣ | Арзёбии суръати тағйирёбии маҳсулоти умумии кишоварзӣ дар натиҷаи тағйирёбии сохтори аграрӣ. Бо ин мақсад инҳо анҷом дода мешаванд: интихоби омилҳо (нишондиҳандаҳои тағйироти сохторӣ дар фаъолияти молиявию хоҷагии истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ), ки ба маҳсулоти умумӣ таъсир мерасонанд; баҳодиҳии омилҳо бо истифода аз усулҳои иқтисодӣ ва оморӣ ва тафтиши бисёрҷабата; сохтани амсилаи регрессия; баҳодиҳии таъсири ҳар як омил ба нишондиҳандаи самаранок. |
| | | |

**Идомаи ҷадвали 2.18**

| | | |
|---|---|---|
| 2. | Дараҷаи якхелагии сохтори фазоии намудҳои асосии маҳсулот ва “коэффитсиенти андоза” | Дараҷаи якхелагии сохтори фазоии намудҳои асосии маҳсулотро коэффитсиенти маҳаллисозии истеҳсолот дар минтақа муайян мекунад. Мавҷудияти консентратсияи истеҳсолот дар қаламрави минтақа арзиши коэффитсиенти аз 1 боло шаҳодат медиҳад. "Коэффисиенти андоза" ҳиссаи минтақаро дар истеҳсолоти умумии кишоварзии миллӣ нишон медиҳад. Арзиши назарраси коэффитсиент бояд ба 10 фоизи истеҳсолкунандагони калонтарини соҳаи кишвар дохил карда шавад. |
| 3. | Махсусгардонии кишоварзӣ истеҳсолот | Махсусгардонии соҳаи кишоварзӣ як раванди мураккаб ва гуногунҷабҳа мебошад, ки ҷойгиркунии оқилонаи истеҳсолотро дар минтақаҳои табиию иқтисодӣ, махсусгардонии соҳаҳои алоҳида ва зербахшҳо, махсусгардонии корхонаҳои кишоварзӣ ва воҳидҳои истеҳсолии онҳоро дар бар мегирад. Нишондиҳандаи инъикоси махсусгардонӣ сохтори маҳсулоти тиҷоратӣ мебошад: ҳиссаи даромад аз фурӯши намудҳои i-ио маҳсулот нисбат ба даромади умумии фурӯши маҳсулот, сомонӣ. |
| 4. | Консентратсияи ҷуғрофӣ ва "массаи муҳим" | Консентратсияи ҷуғрофии истеҳсолот боиси зуҳуроти таъсири мусбӣ дар кластер мегардад, ки қудрати он бо зиёд шудани масофаи байни иштирокчиён коҳиш меёбад. Аз ин рӯ, аъзои кластер бояд дар тӯли як соати сафар аз якдигар бошанд. Таҷрибаи кишварҳои Аврупо нишон медиҳад, ки "оммаи муҳим" барои эҷоди кластер ҳадди аққал 30-50 созмони аъзо мебошад. Сатҳи баланди пайвасти дохилӣ тавассути амалиётҳои мунтазами хариду фурӯш байни аъзои кластер, мубодилаи иттилоот, иштирок дар чорабиниҳои муштарак ва ғайра амалӣ карда мешавад. |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф

Дар марҳалаи якуми марҳалаи аввал омилҳои тағйирёбии истеҳсоли умумии кишоварзӣ ҳамчун нишондиҳандаи асосии самарабахши ташаккули сохтори кишоварзӣ таҳлил карда мешаванд. Ба омилҳо нишондиҳандаҳои тағйирёбии сохторӣ дар сохтори аграрӣ дохил мешаванд, ки боиси тағйирёбии маҳсулоти умумӣ мегарданд, аз ҷумла:

1. Нишондиҳандаи тағйирёбии сохторӣ дар ҳиссаи истеҳсоли ғалладона, картошкапарварӣ, сабзавоткорӣ, зироати полезӣ дар сохтори маҷмуӣ;

2. Нишондиҳандаи тағйироти сохторӣ (НИ) маҳсулоти умумии корхонаҳои кишоварзӣ, хонаводаҳо, хонаводаҳои деҳқонон (фермерҳо);

3. ISS шумораи категорияҳои дахлдори хоҷагиҳо;

4. ISS майдонҳои кишти категорияҳои дахлдори хоҷагиҳо;

Мо дар инҷо, афзоиши истеҳсоли маҳсулоти умумӣ дар кластери аграрии минтақаро, пеш аз ҳама, афзоиши истеҳсоли пахта, сабзавоти ғалладона, зироатҳои полезӣ дар натиҷаи фаъолияти пурқуввати фермаҳо ташкил медиҳад, мавриди таҳлил қарор медиҳем.

Марҳалаи дуюми марҳалаи аввал арзёбии дараҷаи якхелагии сохтори фазоии намудҳои асосии маҳсулот ва “коэффитсиент”-ро дар бар мегирад. Дар ин ҷо коэффитсиентро бо формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$LQ = \frac{\text{Empig}}{\text{Empg}} - \frac{\text{Empi}}{\text{Emp}}$$

дар куҷо, $Emp_{ig}$ - истеҳсоли маҳсулот дар саноати i дар минтақаи g, ҳазор сомонӣ;

$Emp_g$ - маҳсулоти умумии кишоварзӣ дар минтақаи g, с;

$Emp_i$ - истеҳсоли маҳсулот дар саноати i, с;

Emp - маҳсулоти умумии кишоварзии кишвар.

Мавҷудияти консентратсияи истеҳсолот дар қаламрави минтақа барои чунин намудҳои маҳсулот, ба монанди пахта, картошка, сабзавот, зироатҳои полезӣ аз ҷониби коэффитсиенти маҳаллисозӣ дар давоми солҳои 2017-2021 шаҳодат медиҳад (ҷадвали 2.19).

**Ҷадвали 2.19. - Динамикаи коэффитсиентҳои маҳаллисозии истеҳсоли намудҳои асосии маҳсулоти кишоварзӣ дар вилояти Хатлон**

| Маҳсулот | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 сол. | 2021 сол. |
|---|---|---|---|---|---|
| Ҷуворӣ | 14,6 | 13,7 | 10,8 | 12,1 | 6,3 |
| Пахта | 13,4 | 12,7 | 9,4 | 10 | 13,2 |
| Картошка | 0,6 | 0,5 | 0,2 | 0,2 | 0,5 |
| Сабзавот | 5,3 | 6,8 | 8,4 | 10,6 | 1,3 |
| Харбуза | 4,3 | 5,8 | 6,4 | 6,6 | 2,3 |

Ҳисоби муаллиф дар асоси: Омори вилояти Хатлон - 2021.

Муайян кардани арзиши миёнаи солонаи нишондиҳанда барои солҳои 2017-2021 арзишҳои назарраси коэффитсиенти маҳаллисозӣ ва аҳамияти

нақшро барои иқтисоди вилояти Хатлон аз чунин соҳаҳо, аз қабили: ғаллакорӣ (LQ = 11.7), пахтакорӣ (LQ = 11.7), сабзаворкорӣ (LQ = 6.5), харбуза (LQ = 5, 08) нишон медиҳад.

Ҷадвали 2.20 нишон медиҳад, ки меъёри "коэффисиенти андоза", яъне ҳиссаи минтақа дар истеҳсоли миллии маҳсулоти кишоварзӣ барои маҳсулоти ғаллакорӣ, пахтакорӣ, сабзавот ва полезӣ риоя мешавад. Зеро вазни хоси истеҳсоли ин маҳсулот беш аз 54,5% то 80,0% ҳаҷми умумии истеҳсоли ҷумҳуриро ташкил медиҳад.

**Ҷадвали 2.20. - Ҳиссаи вилояти Хатлон дар истеҳсоли маҳсулоти асосии кишоварзӣ (растанипарварӣ) дар Тоҷикистон (бо %)**

| Навъи маҳсулот | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021. |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Гандум | 66,0 | 68,5 | 70,8 | 69,4 | 69,0 | 70,0 |
| Пахта | 67,8 | 67,0 | 59,5 | 66,1 | 70,0 | 69,4 |
| Картошка | 27,3 | 20,7 | 22,4 | 22,4 | 18,8 | 20,5 |
| Сабзавот | 54,5 | 54,9 | 56,5 | 57,6 | 59,2 | 60 |
| Полизӣ | 78,0 | 76,4 | 79,8 | 80,0 | 77,8 | 78,8 |

**Ҳисоби муаллифӣ дар асоси:** Мамӯаи омори кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон – 1991-2021.- саҳ.143, 156, 171,176

Марҳалаи сеюми марҳалаи аввал муайян кардани махсусгардонии истеҳсолоти кишоварзиро дар бар мегирад. Нишондиҳандаи инъикоси тахассус сохтори маҳсулоти тиҷоратӣ мебошад:

$$Ks = Bi / B$$

ки дар ин ҷо Bi - даромад аз фурӯши навъи i-и маҳсулот, ҳазор сомонӣ;

B - даромади умумии фурӯши маҳсулот, ҳазор сомонӣ мебошад.

Арзёбӣ (ба ҳисоби миёна барои солҳои 2016-2021) нишон дод, ки ҳиссаи калонро дар сохтори маҳсулоти бозорёбии минтақа даромадҳо аз фурӯши маҳсулоти растанипарварӣ 71,9% ишғол кардаанд. Хоҷагиҳои минтақа ҳамчун ташкилотҳои серсоҳа тавсиф мешаванд ва коэффитсиенти тахассусӣ ба 0,4 баробар аз сатҳи миёнаи он шаҳодат медиҳад. Тағйирот дар сохтори маҳсулоти тиҷорӣ ночиз аст (коэффитсиенти фарқияти сохторӣ 0,19), ки ин устувории намуди фаъолияти ташкилотҳоро нишон медиҳад. Бояд қайд кард, ки ҳамеша дар давраи таҳлилшуда ҳиссаи бештарро дар сохтори маҳсулоти фурӯш

даромадҳо аз ҳисоби фурӯши сабзавот, полезӣ ва рағанӣ пахта ишғол мекарданд.

Арзишҳои баланди нишондиҳандаҳои иқтисодӣ ба ду ноҳия - Дӯстӣ ва Қубодиён, ки дар қисми ҷанубии минтақаи Вахш ҷойгиранд, хосанд. Потенсиали назарраси истеҳсолӣ дар ин минтақаҳо мутамарказ карда шудааст ва қисми зиёди зироатҳои минтақа истеҳсол карда мешавад. Ин соҳаҳоро интенсивии бахши аграрии иқтисодиёт номидан мумкин аст.

**Ҷадвали 2.21. - Соҳаҳои рушди аксаран интенсивӣ**

| | Индекс | Дӯсти | Қубодиён | Панҷ |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Маҳсулотро бо нархҳои муқоисавӣ барои 1 ферма ҳазор сомонӣ истеҳсол карданд. | 361,3 | 498,1 | 3545 |
| 2. | Ҳиссаи заминҳои корам дар соҳаи кишоварзӣ замин,% | 66,4 | 72 | 75,1 |
| 3. | Истифодаи заминҳои корам,% | 93,7 | 94,7 | 91,9 |
| 4. | Иқтидори маблағгузорӣ, ҳазор сомонӣ / 100 га | 140,1 | 252,4 | 239,7 |
| 5. | Дар як ферма коргарон, одамон. | 47 | 45,0 | 37,1 |
| 6. | Таъмини ноҳия бо захираҳои меҳнатӣ, одамон / 1 га | 5 | 2,5 | 2,6 |
| 7. | Индекси афзоиши маҷмуи маҳсулот,% | 115,6 | 113,9 | 111,4 |
| 8. | Маҳсулоти умумӣ бо нархҳои муқоисавӣ барои як корманд, ҳазор сомонӣ. | 143,3 | 131,9 | 141,3 |
| 9. | Ҳиссаи даромад аз фурӯши маҳсулот дар маҷмуи маҳсулоти умумӣ,% | 72,3 | 71,2 | 67,1 |
| 10. | Фоида (зарар) аз фурӯши маҳсулот ба ҳисоби 1 хоҷагӣ, ҳазор сомонӣ. | 34,2 | 33,5 | 33,7 |
| 11. | Сатҳи даромаднокии фаъолияти асосӣ,% | 26,2 | 25,4 | 23,9 |

Аз тарафи муаллиф дар асоси маълумоти ҳисоботи солонаи ташкилотҳои кишоварзӣ ҳисоб карда шудааст Маъмурияти комплекси агросаноатии ноҳияҳои вилояти Хатлон

Ин соҳаҳо, қаламрави рушди интенсивии истеҳсолот асосан дар истеҳсоли маҳсулот дар соҳаҳои ғаллакорӣ, пахтакорӣ, сабзавоткорӣ ва полизӣ қайд карда мешавад. Барои ба онҳо додани мақоми истеҳсолоти шадид, ташкили кластери кишоварзӣ бо истеҳсолоти кафолатнок, дастгирии давлатии истеҳсолкунандагони мол, ташкили корхонаҳои технологии коркарди олӣ зарур аст, ки барои такмил додани рушди соҳаи истеҳсолоти кишоварзӣ “такон” хоҳанд дод.

Марҳилаи чоруми марҳилаи дуввум арзёбии консентратсияи ҷуғрофӣ ва “массаи муҳим”-ро дар бар мегирад. Вилояти Хатлон яке аз минтақаҳои калонтарини Тоҷикистон аст, ки дарозии калон дорад. Ин тӯлонӣ нишон медиҳад, ки маҳдудияти ҳаракати аъзои кластер зиёда аз як соат аст ва зарурати муайян кардани гурӯҳҳои кластерро аз рӯйи қисматҳои минтақа собит мекунад. Ин равиш ташаккули “оммаи муҳим” -и ширкаткунандагонро таъмин мекунад.

Мо дараҷаи тафриқаи рушди иқтисодии соҳаҳои ноҳияҳои минтақаро дар ду минтақаи аграрӣ - минтақаҳои Вахш ва Кӯлоб муқаррар кардем. Аз ҷиҳати консентратсияи ҷуғрофӣ ва “оммаи муҳим” дар кластери аграрии минтақа, бахшҳои зеринро ҷудо кардан мумкин аст:

1) пахтакорӣ, сабзавоткорӣ ва зироатҳои полезӣ дар минтақаи Вахш;

2) ғаллакорӣ, картошкапарварӣ дар минтақаи Кӯлоби вилоят.

Марҳалаи панҷуми марҳалаи аввал таҳияи амсилаи кластери кишоварзиро дар бар мегирад. Кластери аграрӣ дар минтақаи Хатлон корхонаҳои кишоварзӣ, хонаводаҳо, хоҷагии деҳқонӣ (хоҷагӣ) ба ҳисоб меравад. Корхонаҳои пешрафтаи кластери аграрӣ метавонанд як ширкати кишоварзӣ, корхонаи зотпарварӣ, осиёби орд, заводи пахта, кремзавод бошанд, ки маҳсулоти онҳо бештар маъруф ва дар байни истеъмолкунандагон талабот дорад. Аҳамияти нақши хонаводаҳо дар бахши аграрии минтақа дар ҳаҷми назарраси истеҳсоли картошка, сабзавот ва ғалладонагӣ мебошад:

- истеҳсолкунандагон ва таъминкунандагони воситаҳои асосӣ, истеҳсолкунандагон ва таъминкунандагони воситаҳои гардиш ва ғайра;
- корхонаҳо ва муассисаҳо, провайдерҳои хидматҳо ва корҳо: хидматҳои давлатӣ оид ба пешниҳоди субсидия, ташкилотҳои молиявию қарзӣ ва ғайра;
- муассисаҳо ва ташкилотҳои илмӣ, донишгоҳҳо, коллеҷҳо;
- мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва ғайра;

Зарурати ташаккули кластери аграрӣ дар минтақа таваҷҷӯҳи тарафайни иштирокчиён ба афзоиши истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир мебошад, ки тақозои самарабахшии он дар бозори дохилӣ пешбинӣ шудааст. Сатҳи рақобатпазирии истеҳсолот тавассути рушди инноватсионӣ ва сармоягузории

кишоварзӣ бо ҷалби муассисаҳои илмӣ, дастгирии молиявии мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ ба даст оварда мешавад.

Марҳилаи дуюм такмил додани ҷойгиркунии корхонаҳои кишоварзиро дар сохтори соҳавӣ ва ҳудудии кластери аграрӣ аз рӯйи нишондиҳандаҳои рушд (майдони заминҳои кишоварзӣ, сатҳи даромаднокӣ (зиён)-и истеҳсолоти корхонаҳои кишоварзӣ) дар бар мегирад. Азбаски дар соҳаҳои картошкапарварӣ таркиби сатҳи самаранокӣ якхела нест ва аксар хоҷагиҳои деҳқонӣ зараровар мебошанд, кам кардани шумораи корхонаҳои кишоварзӣ ва аз нав дида баромадани онҳо дар минтақаҳои дахлдор масалан, кӯҳистони минтақа зарур аст. Коҳиш додани хоҷагиҳои зарарноки инфиродӣ на бо роҳи барҳамдиҳии онҳо (ин метавонад таъсири манфии иҷтимоӣ ба бор орад), балки тавассути муттаҳид кардани онҳо ба заминаи хоҷагии бомуваффақият рушдёбанда ё комплекси агросаноатӣ, яъне васеъ кардани онҳо мувофиқи мақсад аст. Ин ҳамгироӣ ё васеъ кардани истеҳсолот метавонад тавассути инноватсия ва сарфаи миқёси истеҳсолоти кишоварзӣ тавассути консентратсия мусоидат кунад. Иқтисоди миқёсро дар асоси гурӯҳбандии таҳлилии вобастагии сатҳи даромаднокӣ (зиён)-и истеҳсолоти кишоварзӣ аз майдони заминҳои кишоварзӣ муайян кардан мумкин аст.

Ҳангоми омӯзиши хоҷагиҳои минтақа муайян карда шуд, ки сатҳи баландтарини даромаднокӣ барои хоҷагиҳои масоҳати 50-60 гектар 24,1%, 28,2% - аз 30-40 гектар, 17,3% - зиёда аз 60 гектар аст. Сатҳи зараровар дар соли 2021 дар корхонаҳои кишоварзӣ, ки масоҳати заминашон зиёда аз 60 гектарро ташкил медиҳад, ба қайд гирифта шудааст. Ин самаранокии хоҷагиҳои хурдро тасдиқ мекунад, ки ба натиҷаҳои рушди иқтисодии кишоварзии минтақа таъсири мусбат мерасонанд. Дар баробари ин, бояд қайд кард, ки хоҷагиҳои хурд наметавонанд навовариҳоро дар истеҳсолоти кишоварзӣ ҷорӣ кунанд. Аз ин рӯ, бинобар калон шудани истеҳсолот, зарур аст, ки ба консентратсияи захираҳо, истифодаи самаранок ва ба даст овардани онҳо, бо дастгирии меъёрии давлатӣ, қувваи кории иловагӣ, сатҳи даромаднокӣ мусоидат намуда,

ҳадди аққал такрористеҳсолкунии оддӣ, ҳамчун ҳадди аксар - такрористеҳсоли васеъ таъмин карда шавад.

Минтақаҳои дар боло зикргардида асосан минтақаҳои кишоварзӣ ба ҳмисоб рафта, қисми зиёди аҳолии деҳот ба кишоварзӣ машғул буда, барои онҳо кишоварзӣ фаъолияти асосии даромад ба ҳисоб меравад. Ин митнтақаҳо дар мамлакат аз ҳама бештар ахолии деҳот доранд ва барои комплекси агросаноатии мамлакат базаи тавонои захираҳоро ташкил медиҳанд. Дар ин митақаҳо афзоиши табиии аҳолӣ яке аз падидаҳои муҳимтарин мебошад. Дар ин навбат муҳоҷират ба омили муайянкунандаи рушди аҳолии вилоят табдил меёбад. Ҳалли масъалаҳои мураккаби иҷтимоию иқтисодӣ дар самти таъсири муҳоҷират ба рушди иқтисодиёти кишоварзиро бо усули кластерӣ муайян менамоем. Методологияи пешниҳодшудаи таҳлили кластерӣ имкон медиҳад, ки фарқиятҳои мавҷудаи гурӯҳӣ ва инфиродӣ (танҳо ба як минтақаи муайян хос) ҳангоми муайян кардани равишҳои ташаккули стратегияи минтақавии рушди демографӣ, инчунин маҷмуи тадбирҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ки барои беҳтар намудани вазъияти кишоварзӣ заруранд, ба назар гирифта шудааст.

Қайд намудан лозим аст, ки муҳоҷират омил дорад раванди он гуногун аст. Раванди муҳоҷирати ҷорӣ якранг буда, дар ҳар як минтақа барои минтақаҳои қабул ва ирсолкунанда хусусиятҳои хоси худро доранд ва бо мурури замон низ тағйирёбанда мебошанд. Ин зарурати фарқ кардани намудҳои гуногуни ҷараёни муҳоҷиратро пешакӣ муайян мекунад. Мо кӯшиш намудем, ки минтақаҳои додашударо бо усулҳои таҳлили кластерӣ ба гурӯҳҳои зерин тасниф намоем:

кластери 1 - шаҳру ноҳияҳое, ки сатҳи баланди таъсири манфии муҳоҷирати аҳолӣ ба рушди кишоварзӣ доранд.

кластери 2 - минтақаҳое, ки сатҳи сусти таъсири манфии муҳоҷират ба рушди кишоварзиро доранд.

кластери 3 - бо дараҷаи миёнаи таъсири манфии муҳоҷират ба рушди кишоварзиро доранд.

Тартиби таҳлили кластерро метавон бо ду усули асосӣ - усули иерархивии кластеркунӣ ва усули K-миёна анҷом дод. Дар таҳқиқот, мо усули кластерсозии

иерархивии агломеративиро истифода бурдем, ки гурӯҳбандии пайдарпайи объектҳоро ба сегментҳои торафт калонтар дар бар мегирад. Ҳамин тариқ, кластерҳои хурдтар тадриҷан ба кластерҳои калонтар муттаҳид мешаванд. Барои муайян намудан аз усули Уорд ҳамчун усули муайян кардани масофаи байни кластерҳо интихоб шудааст. Ин усул истифодаи равандҳои таҳлили дисперсияро дар бар мегирад. Ҳамзамон, дар ҳар як қадами кластерсозӣ чунин унсурҳо дар як кластер муттаҳид карда мешаванд, ки боиси камтарини афзоиши фарқияти дохиликластер мешаванд. Одатан, бо истифода аз усули Уорд кластерҳои хурд ташкил карда мешаванд, ки ба проблемаи тақсимоти шумораи ками аҳолӣ мувофиқат мекунанд.

Бояд гуфт, ки тартиби кластербандии иерархӣ бо истифода аз тадбирҳо ва усулҳои гуногун барои муайян кардани масофаи байни объектҳо ва кластерҳо - усули пайвасти ягона, пурра ва миёна гузаронида шуд. Диққати махсус ба кластеризатсияи медианӣ дода шуд, зеро паҳншавии арзишҳо дар дохили кластерҳо метавонад хеле калон бошад, ки ин боиси хосиятҳои миёнаи объектҳои омӯхташуда мегардад. Илова бар ин, усули кластерсозии ғайрииерархӣ, аз ҷумла, усули К-миёна низ истифода шудааст, ки дар ҷадвали 2.22 оварда шудааст.

**Ҷадвали 2.22. - Таъсири муҳоҷирати аҳолӣ ба соҳаи кишоварзии вилояти Хатлон**

| Кластери 1 | Кластери 2 | Кластери 3 |
|---|---|---|
| н.Муъминобод,н.Темурмалик н.Ховалинг,н.Ш.Шоҳин, н.Хуросон, н.Дӯстӣ, н.Қубодиён, н.А.Ҷомӣ, н.Ҷайҳун, н.Панҷ, н.Шаҳритус н.М.С.А.Ҳамадонӣ, н.Фархор н.Балҷувон,н.Н.Хусрав | н.Восеъ, н.Данғара, н.Кӯшониён, н.Вахш н.Ҷ.Балхӣ,н.Ёвон | ш.Бохтар, ш.Кӯлоб, ш.Норак, ш.Левакант |

**Таҳияи муаллиф**

Минтақаҳои кластери якум ҳамчун минтақаҳои мушкилие тавсиф карда мешаванд, ки наметавонанд мушкилоти муҳоҷиратро дар бозори меҳнати кишоварзӣ ҳал кунанд ва ё тавонмандии баланди худро мустақилона амалӣ гардонанд. Ин минтақаҳо дар муқоиса бо қисми зиёди минтақаҳо сатҳи зиндагии анъанавӣ паст дорад. Қисми зиёди минтақаҳои ин гурӯҳ дар ҳолати

рукудҳои тӯлонӣ ба монади шиддатнокии паст фаъолияти кишоварзӣ, чорводорӣ, боғдорӣ, иқтидори илмӣ техникӣ қарор доранд. Муҳоҷирати аҳолӣ асосан табиати меҳнатӣ дорад ва маблағҳои интиқолии муҳоҷирон дар минтақаҳои ин кластер пастшавии сатҳи зиндагии аҳолиро, ки ба таназзули доимии иқтисодиёт вобастаанд, ҷуброн намекунад. Муҳоҷирати аҳолӣ дар ин минтақаҳо микдор ва таркиби аҳолӣ ва вазъро дар бозорҳои меҳнати кишоварзии минтақа, сатҳи бекорӣ ва шуғли аҳолиро тағйир медиҳад. Дигар таъсири манфии муҳоҷират аз даст додани кадрҳои соҳибихтисос, коҳиши иқтидори инноватсионию сармоягузории минтақаҳо мебошад. Тағйироти марбут ба муҳоҷират манфӣ аст.

Ба кластери дуюм минтақаҳое дохил мешаванд, ки сатҳи сусти таъсири манфии муҳоҷират ба рушди соҳаи кишоварзиро доранд. Ин кластер 6 ноҳияҳои минтақаро дар бар мегирад. Хуруҷи аҳолӣ дар заминаи рушди нобаробари иқтисодиёти кишоварзии минтақавӣ ба амал меояд. Таъсири манфии муҳоҷират аз ҳисоби рушди кишоварзии ин минтақаҳо ҷуброн карда мешавад. Минтақаҳои кластери дуюм бо таъсири мусбати муҳоҷират ба рушди иҷтимоию иқтисодии ин минтақаҳо хос мебошанд. Муҳоҷират дар ин минтақаҳо рушди иқтисодиро ҳавасманд мегардонад: афзоиши ММД, камшавии бекорӣ ва афзоиши даромади аҳолӣ мушоҳида мешавад. Умуман, муҳоҷират ба коҳиши иқтидори сармоягузории минтақаҳо таъсир намерасонад.

Кластери сеюм - бо дараҷаи миёнаи таъсири манфии муҳоҷират ба рушди кишоварзии минтақа мебошад. Ин кластер 4 шаҳрҳои минтақаро дар бар мегирад. Минтақаҳои кластери сеюм бо таъсири номуайяни муҳоҷират ба рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва соҳаи кишоварзии ин минтақаҳо хос аст. Муҳоҷират ба кам шудани шумора ва зичии аҳолӣ мусоидат мекунад. Аммо муҳоҷират дар ин минтақаҳо то андозае рушди иқтисодиро ҳавасманд мегардонад: афзоиши маҳсулоти дохилӣ, кам шудани бекорӣ, афзоиши даромади хонаводаҳо мушоҳида мешавад. Дар маҷмуъ, муҳоҷират метавонад ба коҳиши иқтидори сармоягузории минтақаҳо таъсир расонад. Муҳоҷирати меҳнатӣ метавонад ҳамчун воситаи афзоиш ва рушди минтақаҳои қабулкунанда

ва фиристодашаванда баромад кунад. Дар минтақаҳои қабулкунанда, воридшавии муҳоҷирони корӣ метавонад ба пур кардани норасоии қувваи корӣ ва паст кардани шиддати бозори меҳнат мусоидат кунад.

Таҳлили таъсири муҳоҷирати аҳолӣ ба соҳаи кишоварзии вилояти Хатлон имкон медиҳад, ки таъсири мусбати муҳоҷирати меҳнатӣ дар сатҳи хеле паст боқӣ монад. Дар натиҷа то ҳол шароити мусоид барои ташаккули сармояи инсонӣ, гардиши неруи зеҳнӣ ва сармоягузорӣ камрушдёфта мебошад. Умуман, ба муҳоҷирати дохилӣ тамоюлҳои зерини номусоид хос аст. Аз як тараф, ҳаракатҳои «марказпарастии» аҳолии вилояти Хатлон, дар якчанд шаҳрҳои калон ва ноҳияҳои обод гирд омадани ахолӣ. Аз тарафи дигар, муҳайё будани шароити корӣ ва музди меҳнат мушоҳида карда мешавад. Дар давраи миёнамуҳлат тавозуни тақсимоти ҳудудии аҳолӣ дар вилоят, инчунин татбиқи стратегияҳои устувор дар соҳаи кишоварзии вилояти Хатлон зарур аст.

**Хулосаи зербоб**

1. Дар истеҳсолот дигаргунсозиҳои технологӣ, иқтисодӣ, ташкилиро дар як вақт такмил дода, ба соҳаи иҷтимоии меҳнатӣ, ки қисми муҳимтарини истеҳсолоти кишоварзӣ мебошад, диққати махсус додан лозим аст.

2. Музди кори кишоварзӣ дар иқтисодиёти соҳаи каммуздгиранда буда, дар баъзе субъектҳо хатто ба сатҳи зиндагӣ намерасад. Он вазифаҳои асосии худро иҷро намекунад. Ин вазъият аҳолии қобили меҳнати деҳоти худро маҷбур месозад, ки дар ҷустуҷӯи кор ва манбаи даромад тарк шаванд, боиси афзоиши муҳоҷират, бекорӣ, таназзули нерӯйи корӣ, афзоиши нарасидани кадрҳои соҳибихтисос, мегардад.

3. Сифати қувваи корӣ истифодашаванда, ҳосилнокии меҳнат дар деҳот паст аст, бо мақсади баланд бардоштани самаранокии истифодабарӣ системаи маълумоти олӣ ва касбӣ-техникиро барои тайёр кардани кадрҳои деҳот аз нав дида баромадан, ҷалби мутахассисони ҷавон, фароҳам овардани шароити мусоид барои оғози кор ва ҳаёти оилавӣ барои муҳоҷирон (қарзҳои имтиёзнок барои гирифтани манзил, соҳибкории хурд дар соҳаи кишоварзӣ) ва ғайра зарур аст.

4. Аз сабаби ноустувории молиявии корхонаҳои кишоварзӣ ва ноустувори иқтисодиёти аграрӣ суръати пасти навсозии фондҳои асосии истеҳсолӣ, дар бисёр минтақаҳои ҷумҳурӣ дараҷаи баланди бекуршавии фондҳо, паст гардида дар натиҷа ба зиёдшавии муҳоҷирон оварда мерасонад.

Проблемаҳои дар боло зикршуда ба тараққиёти интенсивии кишоварзӣ ва иқтидори меҳнатии аҳолии деҳоти вилояти Хатлон халал мерасонанд. Стратегияи рушди минбаъдаи минтақаҳои деҳот бояд ба кластеркунонии иқтисодиёти деҳот, васеъ намудани намудҳои алтернативии фаъолияти ғайридеҳотӣ бо мақсади ҷалби мутахассисони ҷавони баландихтисос ва пешгири афзоиши муҳоҷиршавии аҳолӣ самтҳои ҳалли мушкилотро муайян намудан лозим аст, ки мо ин масъаларо дар зербоби 3.1 баррасӣ менамоем.

# БОБИ 3.
# РОҲҲОИ ТАКМИЛДИҲИИ МЕХАНИЗМИ ИДОРАКУНИИ РАВАНДҲОИ МУҲОҶИРАТ ДАР БОЗОРИ МЕҲНАТИ МИНТАҚАВӢ ВА КОҲИШДИҲИИ ТАЪСИРИ ОН БА БАХШИ КИШОВАРЗӢ

## 3.1. Самтҳои афзалиятноки идоракунии муҳоҷират дар бозори меҳнати кишоварзӣ

Таҳқиқот ва таҳлилҳои равандҳои муҳоҷират дар зербобҳои боби 2-юми диссертатсия нишон медиҳад, ки имкониятҳои рушди минтақаҳои кишвар бештар аз фаъолияти муваффақонаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ (МИҲД) дар танзими ҳаракати меҳнатии аҳолӣ вобаста аст.

Вобаста ба ҳамин гуфтан ба маврид аст, ки дар банди 4.1.2. Консепсияи муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хориҷа мақсадҳои иқтисодии мамлакат ба чунин тарз қайд карда шудаанд: “Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо сабабҳои объективӣ сатҳи бекории аҳолӣ ниҳоят зуд афзоиш меёбад, сиёсати судманди муҳоҷирати меҳнатӣ ба хориҷа яке аз омилҳои муҳимми паст кардани теъдоди бекорон мебошад. Дар натиҷаи паст кардани сатҳи бекорӣ бошад, ҷиҳати афзоиши даромади аҳолӣ ба самараи хуб ноил шудан мумкин аст[81]”. Аз ин хотир, танзими давлатии равандҳои муҳоҷират ва истифодаи самараноки он дар рушди иқтисодиёти кишоварзии вилояти Хатлон яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ мебошад.

Дар ин навбат ҳамаи раёсату вазорату идораҳои ҷумҳуриявӣ дар сатҳи минтақаҳо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва шаҳру ноҳияҳои вилоят, раёсатҳо ва идораҳои кишоварзӣ, ташкилоту созмонҳои ҷамъиятӣ, ғайридавлатӣ, шарикони иҷтимоӣ, воситаҳои ахбори умум, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва дигар ниҳодҳо бевосита аз шакли моликияташон бояд дарк намоянд, ки ҳалли масъалаҳои муҳоҷират танҳо ба мақомоти ваколатдори давлатӣ дар ин самт дар симои Раёсати хадамоти меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии вилояти

---

[81] Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 июни соли 2001, №242 “Дар бораи Консепсияи муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хориҷа.

Хатлон дахл надорад ва ин идораи давлатиро дар танҳоӣ бо иҷрои вазифаҳои зиёд, ки баъзе аз онҳо аз салоҳияти ин идора берун аст, гузоштан мумкин нест. Масъалаҳои муҳоҷират гуногунпаҳлу мебошад ва ҳалли мушкилиҳои он ба ҳамаи идораҳои давлатию ғайридавлатӣ, сар карда аз Ҳукумати мамлакат, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳо ва то корхонаҳои хурду хусусӣ вобастагӣ дорад. Агар мо тавонем ҳарчи тезтар чунин масъалагузориро дар вуҷудамон дарк ва қабул намоем, ҳамон қадар тезтар вазъи муҳоҷират дар вилоят ва таъсири он дар беҳтаршавии соҳаи кишоварзӣ эҳсос карда мешавад.

Қайд намудан ба маврид аст, ки вазъи соҳаи кишоварзии вилояти Хатлон аз кам муҳоҷир шудани аҳолии вилоят низ вобаста мебошад. Дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам аз ҷиҳати имкониятҳои дохилии қабули муҳоҷирони корӣ ва ҳам аз рӯйи нияти сокинони маҳаллӣ ба муҳоҷират ба таври назаррас фарқ мекунанд. Вобаста ба иқтидори дохилии вилояти Хатлон барои истифодаи захираҳои меҳнатӣ ва дараҷаи хавф мо се намуди шаҳру ноҳияҳои вилоятро ҷудо намудаем.

Навъи якум - ин шаҳру ноҳияҳои дорои иқтидори пасти истифодаи захираҳои меҳнатӣ ва дараҷаи баланди хавф мебошанд. Вазъияти рушди ноустувории истеҳсоли маҳсулотҳои асосии кишоварзӣ ғалладона (ш. Бохтар, Левакант, Кӯлоб, Норак ва ноҳияҳои Панҷ, М.С.А. Ҳамадонӣ, Ховалинг)[82], истеҳсоли картошка (шаҳрҳои Бохтар, Кӯлоб ва ноҳияҳои Кӯшониён, Вахш, Хуросон, Дӯстӣ Қубодиён, А. Ҷомӣ, Ҷайҳун, Шаҳритус, Ёвон, М.С.А. Ҳамадонӣ), истеҳсоли полезиҳо (ноҳияи Ховалинг) сатҳи баланди ҷинояткорӣ (7087 ҳолати ҷиноят)[83], ва дигар ҳодисаҳои номатлуб шароити номусоиди зиндагии мардумро ба вуҷуд меорад. Аз ин рӯ, ин гуна шаҳру ноҳияҳо қисми фаъолтарини аҳолии қобили меҳнати худро аз даст медиҳанд. Дар ин ҳолат ба ин ноҳияҳо дараҷаи баланди хавфи меҳнатӣ хос мегардад.

[82] Омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 1991-2021. С.89,90,91.
[83] Маҷмӯиа омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 1991-2021. С.91.

Ба навъи дуюм - шаҳру ноҳияҳое дохил мешаванд, ки иқтидори миёнаи истифодаи захираҳои меҳнатӣ ва дараҷаи миёнаи хавф доранд. Чунин минтақаҳо, гарчанде ки бо нишондиҳандаҳои демографӣ (шаҳри Норак ва ноҳияҳои Қубодиён, А. Ҷомӣ, Ҷайҳун, Шаҳритус) муътадил мебошанд, дар давраҳои буҳрони иқтисодӣ афзоиши хуруҷи захираҳои меҳнатӣ, асосан аз ҳисоби муҳоҷирони корӣ мушоҳида мешавад.

Ба гурӯҳи сеюм ҳудудҳои дорои потенсиали баланд барои татбиқи қобилияти меҳнатӣ ва дараҷаи пасти хатар, ҷалби муҳоҷирони меҳнатии дорои имкониятҳои васеъ (ноҳияҳои Кӯшониён, Вахш, Ҷ. Балхӣ, Ёвон, Восеъ, Данғара, шаҳри Бохтар ва Кӯлоб) барои шуғл, эҳтимоли баланди татбиқи бомуваффақияти имкониятҳои меҳнатӣ дохил мешаванд.

Ҳамин тариқ, ба эътидол овардани на танҳо вазъи соҳаи кишоварзӣ, балки демографии минтақаҳо низ ба динамикаи равандҳои муҳоҷират вобаста аст. Барои нигоҳ доштани шумораи аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол, нигоҳ доштани қувваи кории муҳоҷирон дар вилоят зарур аст.

Вобаста ба ҳамин олими ватанӣ Мирзоева М.У. дар дисертатсияи худ дар мавзуи “Муҳоҷирати меҳнатӣ ва нақши интиқоли маблағҳои муҳоҷирон дар рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон” қайд менамояд, ки «...Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд оид ба танзими давлатии равандҳои муҳоҷират ва паст кардани сатҳи номуташаккилии муҳоҷирати меҳнатии берунаи аҳолӣ, чораҳои иловагии байнидавлатиро амалӣ намояд»[84].

Вазъи соҳаи кишоварзии минтақа, бевосита аз шаклҳои гуногуни муҳоҷирати меҳнатӣ ва истифодаи самараноки неруи инсонӣ вобаста аст. Шароити муносиби кори босифат ва зиндагии рӯзмарра на танҳо қобилияти нигоҳ доштани аҳолӣ дар қаламрави худ, балки ҷалби захираҳои баландихтисосро аз дигар минтақаҳо низ муайян мекунад.

[84] Мирзоева М.У Муҳоҷирати меҳнатӣ ва нақши интиқоли маблағҳои муҳоҷирон дар рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон / барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ. Душанбе, 2023. – С.147

Фароҳам овардани шароит барои муҳоҷират бо мақсади боздошти захираҳои меҳнатии баландсифат дар вилояти Хатлон, ки иқтидори онҳо метавонад дар татбиқи яке аз ҳадафҳои стратегӣ яъне таъмини амнияти озуқаворӣ истифода шавад, тадбирҳо заруранд. Дар ин ҳолат рушди соҳаи кишоварзӣ ва деҳоти вилояти Хатлон метавонанд мушкилиҳоро оид ба паст кардани ҷараёни муҳоҷирати меҳнатӣ ба хориҷа ҳал намоянд ва ҳамзамон қувваи кории дохилиро аз ҳисоби муҳоҷирони меҳнатии баргашта дар рушди иқтисодиёти вилоят самаранок истифода баранд. Бо ин роҳ душвориҳои ҷойдошта аз қабили камбизоатии аҳолии деҳот, норасоии амнияти озуқаворӣ, нобаробарӣ дар байни аҳолии кишвар, бекорӣ, сатҳи пасти ҳифзи иҷтимоӣ, ҳаҷми ночизи нафақаи шаҳрвандон, музди меҳнати ниҳоят кам барои бурдани зиндагии арзанда ва дигар душвориҳо ҳалли худро пайдо мекарданд.

Зеро таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки рушди соҳаи хоҷагии қишлоқ ва деҳот дар масъалаи аз байн бурдани сабабу мушкилиҳои муҳоҷират аҳамияти калидӣ дорад. То соли 2050 зиёда аз 50 фоизи аҳолии давлатҳои тараққикардаистода мисли давраи ҳозира зиндагии худро дар деҳот давом медиҳанд[85]. Бо мақсади ҳалли душвориҳо ва идоракунии равандҳои муҳоҷирати аҳолӣ дар вилояти Хатлон, Ҳукумати мамлакат дар давраи истиқлолияти давлатӣ як қатор қонунҳо ва санадҳои меъёрию ҳуқуқии миллиро дар соҳаи муҳоҷирати аҳолӣ қабул намуд. Инчунин, Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конвенсияҳои зиёди байналхалқӣ оид ба муҳоҷират, бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ, ҳуқуқи инсон ва пешгирии одамрабоӣ, муҳоҷирати ғайриқонунӣ ва дигарҳо шомил гардида, ӯҳдадориҳои худро ба қадри имкон иҷро менамояд.

Дар ин давра чорабиниҳои зиёди давлатӣ, байналмилалӣ ва байниидоравӣ оид ба танзими равандҳои муҳоҷират гузаронида шуданд, лекин, бо сабабҳои объективию субъективӣ баъзе масъалаҳо ҳалли саривақтии худро намеёбанд ва аз ин хотир, самти фаъолият халалдор мегардад.

---

[85] Миграция, сельское хозяйство и развитие сельских районов. // Продовольственная и сельскохозяйственная организация Объединенных Наций. ФАО. 2016. - С.4.

Ҳамин тариқ, вилояти Хатлон дорои иқтидори хуб барои ҳал намудани мушкилоти идоракунии раванди муҳоҷират ва таъсири он ба соҳаи кишоварзии минтақа аз самтҳои зерин иборат мебошад, ки мо онро дар расми 3.1 тасвир намудаем.




**Расми 3.1. - Самтҳои афзалиятноки идоракунии раванди муҳоҷират дар бозори меҳнати кишоварзии вилояти Хатлон**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф

Самтҳои афзалиятноке, ки дар расми 3.1 оварда шудааст, ба таври муфассал дида мебароем.

**1. Зиёд намудани муассисаҳои таълимӣ, аз ҷумла донишгоҳу донишкадаҳо ва коллеҷҳо бо мақсади тайёр намудани кадрҳои болаёқат дар соҳаи кишоварзии вилояти Хатлон аз ҳисоби муҳоҷирон.**

Барои мустаҳкам кардани ҳамкориҳои байниидоравӣ ва фаъолияти пай дар ҳам оид ба самаранок истифода бурдани равандҳои муҳоҷират дар рушди соҳаи кишварзи вилояти Хатлон, тайёр намудани кадрҳои болаёқат дар донишгоҳу донишкадаҳо ва коллеҷҳо аз ҳисоби муҳоҷирон бо мақсади татбиқи сиёсати

давлатии муҳоҷират зарур ва саривақтӣ мебошад. Иқтисодчӣ А.В. Козлов қайд менамояд, ки дар шароити иқтисоди бозорӣ нақши сиёсати соҳавии кадрҳоро, бахусус дар масъалаҳои ҳамкории он бо зерсистемаҳо, аз қабили бозори меҳнати деҳот, ҳавасмандгардонии меҳнат дар соҳаи кишоварзӣ, инфрасохтори иҷтимоӣ ва захираҳои демографии деҳотро пурзӯр менамояд[86].

Бояд иқрор шуд, ки Раёсати кишоварзии вилояти Хатлон ҳамаи проблемаҳои соҳаи кишоварзиро, ки дар давоми даҳсолаҳо дар бобати бо кадрҳо таъмин намудани деҳот ҷамъ шуда буд, ҳал карда наметавонад. Аз ин рӯ, ҳалли бисёр вазифаҳои баланд бардоштани сифати зиндагии аҳолии деҳот вазифаи на як идора, балки тамоми сохторҳои дахлдори соҳа мебошад.

Ба ҳамин хотир мо чор марҳилаи раванди омодакунии кадрҳо аз ҳисоби муҳоҷирати меҳнатиро ҷудо намудем:

- фаъолияти роҳнамоии касбӣ;
- тайёр намудани кадрҳо;
- ҷалб ва тақсимоти кадрҳо;
- нигоҳ доштани кадрҳо дар ҷои кор.

Ба ин муносибат мо ба мақсад мувофиқ мешуморем, ки барои такмил додани кадрҳои соҳаи кишоварзӣ тадбирҳои аввалиндараҷа андешида шаванд.

1. Марҳалаи якум такмил додани системаи роҳнамоии касбӣ мебошад, ки он бояд ба ташаккули тайёрии муҳоҷирон ба таълими ихтисосҳои соҳаи кишоварзӣ мусоидат кунад. Инчунин вохуриҳои мунтазами роҳбарону мутахассисони корхонаҳои кишоварзӣ низ самарабахш мегарданд. Ҷиҳати расидан ба мақсадҳои гузошташуда, тавсия менамоем, ки ҷорӣ намудани омӯзиши фанни муҳоҷират дар донишгоҳҳои олии вилоят, литсейҳо, коллеҷҳо, инчунин дар курсҳои такмили ихтисос барои хизматчиёни давлатӣ, ки дар ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқи вилоят фаъолияти корӣ мебаранд, ба роҳ монда шавад.

---

[86] Козлов А.В. Проблемы формирования кадровой политики в аграрном секторе экономики // Известия Тул Г.У. Экономические и юридические науки. 2009. № 2-1. С. 53–60.

2. Дар марҳилаи дуюми тайёр кардани кадрҳо аз ҳисоби муҳоҷирон мо самтҳои зеринро қайд мекунем:

• таъсис додани маркази омӯзиши масъалаҳои муҳоҷират ба мақсад мувофиқ мебошад, ки ин гуна дастгирии давлатӣ имконият медиҳад ҳавасмандӣ ва муносибати коршиносону олимон нисбати таҳлилу таҳқиқотҳои илмию амалӣ дучанд ҷиддию воқеона ба роҳ монда шуда, натиҷаҳои дилхоҳ дар идоракунии давлатии равандҳои муҳоҷират ва истифодаи самараноки он дар рушди иқтисоиёти кишоварзӣ ба даст оварда шаванд.

- ташаккули системаи тайёр намудани кадрҳо аз ҳисоби муҳоҷироне, ки дар соҳаи кишоварзӣ мутобиқи талаботи замон ва стратегияи рушди минтақа фаъолият намудан мехоҳанд;
- ташкили низоми мунтазами такмили ихтисоси муҳоҷирон;
- ташаккули инфрасохтори иттилоотӣ ва рушди захираҳои иттилоотӣ ва технологияҳои аҳолии деҳот, ки имкони дастрасии доимӣ ба иттилооти заруриро таъмин менамояд.

3. Дар марҳалаи сеюм ҷалб ва тақсим намудани кадрҳое, ки аз ҳисоби муҳоҷирон омода карда мешавад, мувофиқи мақсад аст:

- эҳё ва инкишоф додани низоми фармоиши мақсадноки давлатии тайёр кардани мутахассисон ва тақсимоти минбаъдаи онҳо мутобиқи талаботи соҳаи кишоварзии шаҳру ноҳияҳои вилоят;
- тадбирҳои мавҷудаи таъминоти иҷтимоию иқтисодии муҳоҷирон ва мутахассисони ҷавон такмил дода, таҳия карда шаванд.

4. Дар марҳалаи чорум дар ҷои кор нигоҳ доштани муҳоҷирон корҳои зеринро ба ҷо овардан лозим аст.

- муқаррар намудани музди меҳнати муҳоҷироне, ки дар соҳаи кишоварзӣ кор мекунанд, такмил додани системаҳои ҳавасмандгардонии моддию маънавии меҳнат ва такмили ихтисос;

- беҳтар намудани шароити меҳнати муҳоҷирон аз ҳисоби нав кардани истеҳсолот, аз нав таҷҳизонидани техникӣ ва технологии он, таъмини шароити бехавфи меҳнат;

Тамоми чорабиниҳо бояд дар доираи барномаҳои мақсадноки таҳияшуда оид ба кам намудани раванди муҳоҷират ва истифодаи он дар соҳаи кишоварзӣ дар сатҳи корхонаҳои кишоварзӣ, шаҳрҳо ва ноҳияҳои вилоят амали карда шаванд. Дар амали гардонии ин ҳолат ба андешаи мо зиёд намудани теъдоди муассисаҳои таҳсилоти олии касби ба маврид аст. Айни ҳол бошад фаъолияти таълимӣ дар вилояти Хатлон аз ҷониби 7 муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, аз ҷумла 4 донишгоҳ, 2 донишкада, 1 филиали донишгоҳ инчунин 27 коллеҷҳо ба роҳ монда шудааст[87]. Боз ҳам зиёд намудани чунин иқтидор дар вилояти Хатлон барои баланд бардоштани сатҳи таҳсилии ҷавонон боиси рушди тамоми соҳаҳо, аз ҷумла соҳаи кишоварзӣ мегардад. Ба андешаи Ятимов А.Ҷ. вилояти Хатлон бо теъдоди аҳолиаш байни минтақаҳои ҷумҳурӣ дар мадди аввал меистад, аммо бо доштани муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар ҷойи сеюм. Ҳол он, ки дар давраи ҷанги шаҳрвандӣ вилояти Хатлон минтақаи зарардидатарин дар сатҳи ҷумҳурӣ ҳам аз лиҳози иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва неруи инсонӣ маҳсуб меёфт. Ба андешаи муҳақиқ, ҳоло бунёди ҳадди ақал 4 муассисаи дигар дар вилоят заруратро пеш овардааст[88]. Мо низ андешаи мазкурро ҷонибдорӣ менамоем.

Иқтисоддонҳои Британиё олимон Анна Валеро аз Мактаби иқтисодии Лондон ва Ҷон ван Риненро аз Донишкадаи технологии Массачусетси Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, афзоиши шумораи донишгоҳҳо ва таъсири он ба рушди иқтисодиро аз соли 1950 то соли 2010 дар 1,5 ҳазор минтақаи 78 кишвари ҷаҳон мавриди таҳлил қарор доданд. Таҳлилҳои муаллифон нишон дод, ки ифтитоҳи ҳар як донишгоҳи нав дар оянда 0,4 дарсад ҳаҷми иқтисоди минтақаеро, ки ин донишгоҳ воқеъ аст, афзоиш медиҳад. Дар баробари ин, ММД ба ҳар сари

---

[87] Маҷмӯиа омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 1991-2021. С.60.

[88] Ятимов А.Ҷ. Ташаккул ва такмили иқтидори илмӣ-техникии инноватсионии минтақа дар шароити муосир / диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ Бохтар – 2023. 68-69

аҳолии тамоми кишвар аз ҳар як донишгоҳи нав кушодашуда ба ҳисоби миёна 0,05% меафзояд[89].

Ба ҳамин хотир, дар ҳолати амалӣ намудани ин ҳолат як қатор таъсири мусбӣ ба монанди, кам шудани сафи муҳоҷирон аз вилояти Хатлон, ҳал намудани норасоии мутахассисон дар соҳаи кишоварзӣ, афзоиши савдои дохилӣ дар шаҳру ноҳияҳо, зиёд шудани даромади андоз ба буҷети маҳаллӣ боис мегардад.

**2. Таъсиси ҷойҳои корӣ барои муҳоҷирон дар соҳаи кишоварзӣ.**

Вилояти Хатлон мисли дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ ҷиҳати ҳалли мушкилиҳо дар самти муҳоҷират ва танзими равандҳои он тадбирҳои зарурӣ андешида истодааст. Айни замон бештар масъалаҳо оид ба кӯчида рафтани шаҳрвандони минтақа ба хориҷа ва ихроҷи зеҳнҳо, ҷалби маблағ ва сармояҳои муҳоҷирони меҳнатӣ, дар рушди соҳаи кишоварзии вилоят, паст кардани шиддати муҳоҷирати меҳнатӣ тавассути таъсис додани ҷойҳои корӣ бо маоши арзанда, ҳалли душвориҳои муҳоҷирони меҳнатии баргашта ва паст кардани ҷараёни муҳоҷирати меҳнатии занони вилоят ба хориҷа, инчунин дигар масалаҳо ҳалталаб ба ҳисоб меравaнд ва дар мадди назари мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон Раёсати хадамоти муҳоҷирати Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии дар вилояти Хатлон қарор доранд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади аз нав зинда гардонидани технологияи аз ҷиҳати экологӣ манфиатбахш будани маҳсулотҳои кишоварзон ва мақсаднок истифода бурдани заминҳои кишоварзӣ, гирифтани се ҳосил аз як майдон, ҷорӣ кардани коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва сохтани ҷойҳои навӣ кориро дастур додаанд.

Сарвари давлат ба хотири боз ҳам рушд намудани ҳунарҳои ниёгон оид ба ҳалли масъалаҳои иҷтимоии аҳолӣ бо роҳи беҳтар намудани сатҳи зиндагӣ ва

---

[89] Ятимов А.Ҷ. Ташаккул ва такмили иқтидори илмӣ-техникии инноватсионии минтақа дар шароити муосир / диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ Бохтар – 2023. 69

ифрасохтор, пеш аз ҳама, дар соҳаҳои кишоварзӣ, маорифу тандурустӣ, таъсиси ҷойҳои корӣ, таъмин кардани аҳолии деҳот бо меваи тару тозаи арзон, бунёду таҷдиди боғҳои ганҷовар, инкишофи ҳунарҳои мардумӣ, ба талаботи муосир мутобиқ сохтани сатҳи хизматрасонӣ ва баланд бардоштани некуаҳволии мардум дар ҳар як деҳа ва маҳалли аҳолинишин арзёбӣ намуданд[90].

Вобаста ба ҳамин дар вилояти Хатлон ҳамасола гузаронидани ярмаркаҳои ҷойҳои кории холӣ ва таъсиси он афзоиш меёбад. Агар гузаронидани ярмаркаҳои ҷойҳои кории холӣ дар соли 2019 282 адад бошад, ҳамин нишондиҳанда дар соли 2021 303 адад ё худ 7,4% афзудааст. Дар натиҷи гузаронидани чунин ярмаркаҳо 66817 ҷойҳои кори дар соли 2021 ташкил карда шудааст, ки нисбат ба соли 2019 16120 адад ҷойҳои кори зиёд мебошад (ҷадвали 3.1).

**Ҷадвали 3.1. - Гузаронидани ярмарка ва таъсиси ҷойҳои корӣ дар вилояти Хатлон**

| Нишондиҳанда | 2019 | 2020 | 2021 | 2021/2019 Бо % |
|---|---|---|---|---|
| Гузаронидани ярмаркаҳои ҷойҳои кории холӣ | 282 | 302 | 303 | 107,4 |
| Таъсиси ҷойҳои корӣ | 50697 | 62987 | 66817 | 131,7 |

**Сарчашма:** Вазъи иҷтимоию-иқтисодии вилояти Хатлон январ-декабри солҳои 2019,2020,2021.-С.105, 107,108,109,

Аз ин рӯ, шаҳру ноҳияҳое, ки барои захираҳои меҳнатии кордон мубориза мебаранд, зарур аст, ки барои баланд бардоштани сифати ҷойҳои мавҷуда дар асоси ҷузъи инноватсионӣ ва таъсиси ҷойҳои нави ояндадор, ки захираҳои меҳнатии баландсифатро ҷалб мекунанд, кор кунанд. Айни ҳол дар соҳаи кишоварзии вилояти Хатлон 181 ҷои кори холӣ мавҷуд аст, ки метавон муҳоҷиронро дар ин самт ҷалб намуд.

---

[90] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон [манбаи электронӣ].URL: http://prezident.t (санаи истифодабарӣ: 11.02.2023).

**Ҷадвали 3.2. - Ҷойҳои кории холӣ дар соҳаи кишоварзии вилояти Хатлон барои солҳои 2019-2021**

| Шаҳру ноҳияи вилояти Хатлон | 2019 | 2020 | 2021 | +/- 2019/2021 |
|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ дар вилоят | 83 | 186 | 181 | 98 |
| ш.Бохтар | 2 | | 10 | 8 |
| н.Кӯшониён | - | | 5 | 5 |
| н.Хуросон | 35 | 154 | 135 | 100 |
| н.Қубодиён | 30 | | 4 | -26 |
| н.А.Ҷомӣ | - | | 2 | 2 |
| н.Ҷайҳун | 7 | 5 | | 2 |
| н.Шаҳритуз | - | 17 | 9 | -8 |
| н.Ёвон | 2 | | 5 | 3 |
| ш.Левакант | - | | 2 | 2 |
| н.Восеъ | - | | 2 | 2 |
| н.Данғара | 7 | 10 | 2 | 5 |
| н.Балҷувон | - | | 5 | 5 |

**Сарчашма:** Вазъи иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон январ – декабр соли 2019,-С.108,, 2020.-с. 107, 2021.-с.106

Тавре ки аз ҷадвал айён аст, аз ҳама бештари ҷойҳои кории холӣ дар соҳаи кишоврзии ноҳияи Хуросон мушоҳида мешавад ва сол то сол зиёд гардида истодааст. Соли 2019 35 ҷойҳои кории холӣ бошад, он дар сои 2021 ба 135 расидааст, ки зиёдшавии он 100 ададро ташкил медиҳад.

Ба андешаи Гулов А.Б дар чунин сурат муносибати барномавию мақсаднок, тақвияти танзими давлатии равандҳои мувофиқакунии таҷдиди ҳудудии захираҳои меҳнатии деҳот, омодасозӣ ва баландбардории тахассуси кормандон бо инкишофи системаи ҷойҳои корӣ, мукаммалсозии сохтор ва сифати онҳо, ташаккули муқаррароти устувори иҷтимоӣ ба истифодаи шадиди баландмузди қувваи корӣ зарур мебошад[91].

Дар чунин ҳолат ба андешаи мо, дастгирии молиявӣ ва қарзиро ба шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон ҷиҳати рушди ҷойҳои нави корӣ расонидан зарур мебошад. Аз ҷумла дар ноҳияҳои Хуросон, Қубодиён, Шаҳритус ва Данғара, ки дар он ҷо вазъият шадидтар аст, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои вилоятро зарур аст, ки аз болои ҷойҳои нави корӣ назорат барад. Дар ноҳияҳои ба меҳнати муҳоҷирони меҳнатӣ ниёзманд сиёсати таҳия кардан ва

[91] Гулов А.Б. Рушди иқтидори меҳнатӣ дар бахши аграрии минтақа / диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ. Душанбе – 2021. С.163

нигоҳ доштани ҷойҳои корӣ ба ворид кардани технологияҳои замонавӣ барои таъмин кардани сарфаи максималии иқтидори меҳнатии муҳоҷирон инҳо зарур мебошанд:

- сохтани низоми самараноки ҷойҳои корӣ, ки баланд бардоштани сатҳи шуғли муҳоҷирон ва истифодабарии оқилонаи қувваи кориро дар соҳаи кишоварзӣ таъмин менамояд;
- беҳтаргардонии сохтори соҳавӣ, институтсионалӣ ва касбию тахассусии муҳоҷирон дар соҳаи кишоварзӣ;
- зиёд намудани корхонаҳои кишоварзӣ, фермерӣ ва соҳибкории хурд, шаклҳои мутамаддини шуғл дар деҳот, бо мақсади пешгирӣ намудани афзоиши муҳоҷирати аҳолии вилояти Хатлон.

Дигар ин, ки муҳайё кардани шароит барои фаъолияти занҳо дар соҳаи чорводорӣ бо баланд бардоштани сатҳи фурӯши он варианти беҳтар намудани мавқеи занон шуда метавонад. Чорводорӣ яке аз навъҳои муҳимми моликияти деҳот буда, манбаи даромад, сарват ва омили муҳимми вазъи иҷтимоӣ мебошад. Ташкил намудани ҷойҳои корӣ дар ноҳияҳои тараққиёбанда чорводорӣ, аз ҷумла ноҳияҳои Кӯшониён, Вахш, Қубодиён, Ҷ. Балхӣ, Ёвон, Муъминобод, Восеъ, Фархор, Данғара дар парвариши парранда ва чорвои майда, нигоҳубини ҳайвоноти бемор, коркард ва фурӯши шир, парранда, гӯшт ва тухм метавонад садди роҳи зиёдшавии занони муҳоҷир шаванд. Ба андешаи Козова О.А. дараҷаи фаъолияти меҳнатии занҳо дар синну соли асосии меҳнатӣ бо дараҷаи фаъолияти меҳнатии мардон баробар мебошад[92].

Мо дар ин ҷо асосан фермаҳои хурди чорводорӣ дар қитъаҳои наздиҳавлигӣ, ки барои истеъмоли оилавӣ ва дар бозори маҳаллӣ фурухтан пешбинӣ шудаанд, дар назар дорем. Ин ҳолат барои занҳои деҳот, аз ҷумла онҳое, ки бо системаи таъминоти иҷтимоӣ фаро гирифта нашудаанд, роҳҳи беҳтарини таъмини зиндагӣ мебошад. Таҳқиқотҳои гузаронидашуда нишон

---

[92] Козова О.А. Женская занятость: проблемы, тенденции и перспективы развития / Экономика региона №2/2005. С.163

доданд, ки иштироки фаъолона дар фаъолияти чорводорӣ мавқеи занонро дар қабули қарорҳо дар сатҳи хонавода мустаҳкам мекунад.

Ҳамин тариқ, шаклҳои чунин дастгирӣ метавонанд аз пешниҳод кардани имтиёзҳои андозӣ, қарзӣ ва дигар имтиёзҳо ва бартариятҳо ҳангоми таҳия сохтани ҷойҳои корӣ барои муҳоҷирон дар соҳаи кишоварзӣ, махсусан дар соҳибкории хурд, пеш аз пардохт кардани хароҷотҳо аз рӯйи пардохти меҳнат ва омодасозии касбии муҳоҷирони бо кор таъминшуда аз ҳисоби воситаҳои буҷетӣ гуногун бошад.

**3. Омӯзиши муҳоҷирон ба технологияиҳои инноватсионӣ ва ҷорӣ намудани он дар соҳаи кишоварзии минтақа**

Соҳаи кишоварзии вилояти Хатлон асосан бо қисми зиёди меҳнати дастӣ, махсусан дар ҷамъоварии ҳосил, ки теъдоди зиёди муҳоҷирони баргаштаро банд менамояд, алоқаманд аст. Барои коҳиш додани вобастагӣ ба меҳнати дастӣ дар қаламрави вилояти Хатлон омӯзиши муҳоҷирон оид ба навсозии техникии истеҳсолоти кишоварзӣ ва дар натиҷа ҷорӣ намудани комбайнҳои муосири сабзавоту картошка, ба манфиати кор мебошад. Зеро муҳоҷирони меҳнатии баргашта имконияти ҳамроҳ шудан ба технологияҳои инноватсионӣ ва стандартҳои байналмилалӣ, этикаи муайяни меҳнатиро доранд. Ҳамин ҳолат дар бисёр кишварҳои хориҷи дуру наздик раванди муҳоҷиратро бо роҳи татбиқи сиёсати мақсаднок ва самараноки муҳоҷиратӣ, дар рушди иқтисодию иҷтимоӣ ва инноватсионӣ истифода мебаранд. Ба андешаи олимони ватанӣ Аминҷонов Р.М., Бобоҷонов Р.М., Муқимова Н.Р. баланд гардидани касбу тахассуси муҳоҷирон ҳангоми будубоши онҳо дар хориҷа ва ворид кардани инноватсия ва техникаю технологияи муосир дар вақти баргаштан ба ватани аҷдодиашон, бечунучаро ба рушди иқтисодию иҷтимоии кишварашон таъсир мерасонад”[93].

[93] Аминджанов Р.М., Бабаджанов Р.М., Мукимова Н.Р., Хошмухамедова П.С. Возможность и необходимость диверсификации миграционных потоков из Таджикистана (результаты социо-экономического исследования). Аналитический центр «Наво». Душанбе. 2017. - С.75-76

Ҳамин тариқ, ин ҷараён аз тариқи механизми рушд додани соҳибкории инноватсионӣ дар соҳаи кишоварзӣ дар замина сафарбар намудани муҳоҷирони баргашта хело таъсирбахш шуда метавонад. Хусусан, васеъ ба роҳ мондани коркарди ашёи хоми ватанӣ, ба роҳ мондани истеҳсоли молу маҳсулоти ватанӣ ва васеъ намудани майдони содиротии он аз ҳисоби такмили механизми ҳуқуқӣ ва иқтисодии истифодаи захираҳои ҷойдошта дар минтақа, ҳимоя ва ҳифзи манфиати иштирокчиёни бозори меҳнатӣ ба роҳ монда шавад.

**4. Сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ, бо мақсади ташкили ҷойҳои корӣ ва кам намудани сафи муҳоҷиршавии аҳолии минтақа**

Баъзе аз муҳоҷирони меҳнатии баргашта барои ташкил кардани фаъолияти сармоягузорӣ ва ё дигар намуди фаъолият, маблағҳои кофӣ доранд. Дар ин ҳолат ба онҳо дастгирии давлатӣ лозим аст ва барои амалӣ намудани мақсадҳои гузошташуда ҷиҳати дар дохили мамлакат таъсис додани ҷойҳои кории арзанда ва ба шуғли пурмаҳсул фаро гирифтани шаҳрвандони вилояти Хатлон, саҳмгузории ҳамаи мақомотҳои давлатӣ дар сатҳи минтақа зарур мебошад.

Зеро, ҳангоми бо фаъолияти кории доимӣ ва шуғли пурмаҳсул фаро гирифтани ҳамаи шаҳрвандони вилоят, шиддат ба муҳоҷирати меҳнатии беруна паст мегардад ва ин омил пеши роҳи афзоиши муҳоҷиршавии аҳолиро гирифта метавонад.

Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 қайд гардидааст, ки «таъмини шуғли пурмаҳсул ба афзоиши истеъмолот, пасандозҳо ва сармоягузориҳо мусоидат мекунад[94].

Аммо ҷалби сармоягузорӣ бо маҷмуи омилҳои гуногуни пешгӯишаванда, рӯйхат ва таъсири он вобаста аз ҳайати сармоягузорон, хусусиятҳои соҳа, сиёсати сармоягузории давлат дар минтақа ва ғайраҳо метавонад фарқ кунад. Омилҳои объективии боздорандаи фаъолияти сармоягузорӣ, махсусан дар соҳаи кишоварзӣ, ки гардиши ҳаракати сармоягузориро суст менамояд, омили табиӣ-иқлимӣ мебошад. Дар ҳалли проблемаи фаъолгардонии фаъолияти

---

[94] Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. – Душанбе: 2016. - С. 100.

сармоягузорӣ ва маблағгузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ ташаккули фазои мусоиди сармоягузорӣ мавқеи асосиро ишғол менамояд. Он аз унсурҳои зиёди таркибӣ ташаккул меёбад, ки пеш аз ҳама, аз омилҳои молиявӣ вобастаанд, ки шиддатнокии буҷаи минтақа ва даромаднокии он барои муҳоҷирон, дастрас будани қарз, рушди низоми бонкӣ – қарздиҳӣ, сатҳи сармоягузории муҳоҷиронро дар муассисаҳои молиявӣ, даромади корхонаҳои кишоварзӣ ва сатҳи даромаднокии онҳоро инъикос менамояд. Қарзҳои бонк барои дастгирии муҳоҷирон яке аз манбаъҳои муҳимтарини сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ мебошанд.

Ба андешаи Саъдулозода Н.С. сиёсати муҳоҷират на танҳо бо низоми интиқоли маблағ маҳдуд аст, инчунин ҷанбаҳои дигари молиявӣ низ мавҷуданд, ки дар Тоҷикистони муосир, масалан, қарзҳои дохилиро истифода бурдан мумкин аст[95].

Ҳамин тариқ, афзоиши минбаъдаи ҳавасмандгардонии фаъолияти сармоягузорӣ дар шароити захираҳои молиявии маҳдуд, ташкили фазои мусоиди сармоягузорӣ ва низоми самарабахши идоракуниро талаб менамояд, ки сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ барои ташкили ҷойҳои корӣ ва кам намудани муҳоҷирон дар вилояти Хатлон бештар карда шавад.

Зеро, айни замон дар ҳудуди вилояти Хатлон бо сабаби ба амал омадани зуҳуроти нави муҳоҷират, даҳҳо ҳазор нафар муҳоҷирони меҳнатии баргашта будубош доранд ва нисбати ҷалби онҳо ба фаъолияти доимии корӣ, омӯзиш ва бозомӯзӣ ба касбҳои замонавӣ, ҷудо кардани заминҳои наздиҳавлигӣ ва қарзҳои имтиёзнок, фаро гирифтан ба кӯмаки иҷтимоӣ ва ҷиҳати ҳалли дигар масъалаҳо, бояд мақомотҳои давлатӣ чораҳои амалиро ба роҳ монад. Татбиқ намудани чораҳои зарурии давлатӣ имконият медиҳанд, ки механизмҳои амалисозии тадбирҳо доир ба идора кардани равандҳои муҳоҷирати аҳолӣ дар

[95] Саъдулозода Н.С. Танзими муҳоҷирати байналмилалии қувваи корӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ / диссертатсия барои дарёфти дараҷаи доктори фалсафа (Ph.D).-Душанбе – 2020, С.137

вилояти Хатлон мавриди амал қарор дода шавад ва вазъи муҳоҷирон бо аъзои оилаашон беҳтар гардад.

**Хулосаи зербоб**

Дар ҷамъбаст мо таъкид менамоем, ки ҳангоми амалигардонии самтҳои пешниҳодшуда, суръати рушди истеҳсолот дар соҳаи истеҳсолоти кишоварзӣ, ҳаҷми маҳсулоти кишоварзӣ, ҳиссаи асосии афзоиши ҳарсолаи ММM таъмин намуда, ҷиҳати танзими давлатии равандҳои муҳоҷират ва паст кардани сатҳи номуташаккилии муҳоҷирати меҳнатӣ мусоидат менамояд. Дар ҳолате, ки чораҳои иловагиро бо истифода аз усулҳои муосир ба монанди ташкил кардани механизми ҳамгироии муҳоҷирони баргашта ба иқтисодиёти минтақа, баланд бардоштани фаъолияти иқтисодии аъзоёни оилаи муҳоҷирони меҳнатӣ тавассути омӯзиши касбӣ, тиҷоратӣ, ҷудо кардани қарзҳои хурд ва фаро гирифтан ба худиштиғолии расмӣ, коркард ва татбиқи лоиҳаҳои иқтисодӣ бо мақсади баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ ва паст кардани сатҳи камбизоатии муҳоҷирони меҳнатӣ, коркарди пакети лоиҳаҳои иҷтимоӣ барои ҷалб намудани сармоягузорон амалӣ намояд.

## 3.2. Такмили механизми идоракунии раванди муҳоҷират дар бозори меҳнати кишоварзии вилояти Хатлон

Идоракунии раванди муҳоҷират дар бозори меҳнати кишоварзии минтақа ҳамчун қисми ҷудонашавандаи системаи идоракунии давлатӣ мебошад. Самаранокии идоракунии давлатиро пеш аз ҳама дуруст интихоб кардани механизму воситаҳои идоракунӣ муайян мекунад. Зеро, омӯзиши механизмҳо ва омилҳои муҳоҷирати аҳолӣ, дар маҷмуъ муайянкунандаи равандҳои муҳоҷират мебошад. Механизмҳои иқтисодие, ки дар байни падидаҳои гуногуни иқтисодӣ ба вуҷуд меоянд, ба намуди кушода ва пӯшида ҷудо мешаванд. Агар механизм натиҷаи такрористеҳсолкунии ҳодисаи ибтидоии иқтисодӣ бошад, пас ин механизми типи пӯшида мебошад. Ва баръакс, агар механизме, ки натиҷаи падидаи аслии иқтисодӣ набошаду силсилаи нави падидаҳоро ташкил диҳад, пас ин механизми намуди кушод мебошад.

Механизми идоракунии давлатии муҳоҷирати меҳнатӣ дар бозори меҳнати кишоварзӣ системаи мураккабест, ки тартиби аз ҷиҳати институтсионалӣ муқарраргардидаи истифодаи воситаҳо аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва иҷрои вазифаҳои маъмурию идоракуниро бо мақсади таъмини истифодаи самараноки нерӯйи зеҳнию меҳнатии муҳоҷиронро дар соҳаи кишвоварзӣ инъикос менамояд, ки дорои чунин хусусиятҳо мебошад.

- ҷудонашавандагии ҳуқуқи моликият ба мол - меҳнат - аз муҳоҷир. Дар бозори меҳнат харидор (корфармо) танҳо ҳуқуқи истифода ва қисман ихтиёрдории қобилияти меҳнатиро (қувваи меҳнатии муҳоҷирро), ки муддати муайян амал мекунад, ба даст меорад;
- давомнокии назарраси робитаи байни фурӯшанда ва харидори меҳнат, ки дар муносибатҳои меҳнатӣ ва таъмини устувории корхонаҳои кишоварзӣ нақши муҳим дорад;
- мавҷудияти шумораи зиёди сохторҳои институтсионалии навъи махсус (системаи васеи қонунгузорӣ, барномаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, хадамоти шуғли аҳолӣ ва ғайра);
- дараҷаи баланди фардикунонии муомилоти марбут ба сатҳи гуногуни касбӣ ва тахассусии қувваи кории муҳоҷирон, технологияҳои гуногун ва ташкили кор ва ғайра;

Ба талабот ва пешниҳоди қувваи кории муҳоҷирон дар бозори меҳнати кишоварзӣ нуктаҳои зерин хосанд:

- таваҷҷӯҳ барои фароҳам овардани шароити мусоид барои инкишофи омилҳои биологии истеҳсолот, организмҳои зиндаи хок, наботот ва ҳайвонот. Дар баробари ин дар вақти иҷрои амалиёти алоҳида дар истеҳсолоти кишоварзӣ меъёрҳои бевоситаи баҳодиҳии миқдор ва сифати меҳнат амалан вуҷуд надоранд;
- вобастагии самаранокии истифодаи меҳнат ба омилҳои табиӣ, ба ҳосилхезии замин ва шароити обу ҳаво. Дар ин ҷо омили табиӣ (офати табиӣ хушксолӣ, обхезӣ, сӯхтор) нақши муайян мебозад. Таъсири омили табиӣ, ки

ислоҳи доимӣ, пайдарпайии амалиётҳои технологӣ, мухлати иҷрои онҳо ва риояи талаботи агротехникиро талаб мекунад;

- якҷоя кардани якчанд вазифаҳои меҳнатии муҳоҷирони соҳаи кишоварзӣ ва маҷмӯи гардондани онҳо, дар натиҷаи гуногунии намудҳои меҳнат ва мухлатҳои кӯтоҳи иҷрои онҳо ба амал омада. Тақсимоти фаврии меҳнат дар соҳаи парвариши маҳсулоти зироат ва чорво нисбат ба соҳаи саноат ҳадду имкониятҳои фарққунанда дорад. Маҷмӯи гардондани меҳнати муҳоҷирон дар соҳаи иқтисодиёти кишоварзӣ нисбат ба сифатҳои кордонии муҳоҷирон талаботи баландтар мегузорад;

- мавсимӣ будани истифодаи қувваи кории муҳоҷирон дар корҳои кишоварзӣ бо мухлатҳои кӯтоҳ ифода меёбад. Дар давраи кори тобистон талабот ба қувваи коргарӣ зиёд ва дар зимистон кам мешавад. Аз ин ҷост, ки мавҷудияти талаботи зиёдатӣ асимметрияи талабот ва пешниҳодро ташкил медиҳад. Ба ин муносибат структураи соҳавии иқтисодиётро дар асоси таносуби оқилонаи ҳиссаи соҳаҳои зироаткорӣ, чорводорӣ, тараққи додани соҳаи хизматрасонӣ, такмил додан ва дараҷаи ҳаракати касбро баланд бардоштан зарур аст.

Таҳлили намудҳои механизми фаъолияти бозори меҳнат имконияти ба чунин хулоса омаданро медиҳад, ки дар соҳаи кишоварзӣ асосан механизми типи пӯшида бартарӣ дошта, дар он бо беҳаракатии қувваи корӣ ва маҳдудияти бозор, инчунин беҳаракатии нисбии захираҳои дигар - замин, сармоя хос аст. Дар баробари ин, аз сабаби мавсимӣ будани кори соҳаи кишоварзӣ, дар авҷи мавсим механизми пӯшида ба механизми нисбатан кушод табдил меёбад. Ҷорӣ намудани унсурҳои тағйирпазири шуғл барои муҳоҷирон ба механизми фаъолияти бозори меҳнат дар як давраи муайян хусусияти чандирӣ медиҳад.

Дар ин ҳолат зарурати идоракунии давлатии раванди муҳоҷиротро дар бозори меҳнати кишоварзии минтақа пеш меорад. Зеро, механизми танзими давлатии муҳоҷирати меҳнатӣ дар бозори меҳнати кишоварзии минтақа системаи мураккабест, ки тартиби аз ҷиҳати институтсионалӣ муқарраргардидаи истифодаи воситаҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ

ва иҷрои вазифаҳои маъмурию идоракуниро бо мақсади таъмини истифодаи босамари нерӯи зеҳнию меҳнатии муҳоҷирон инъикос менамояд. Ба андешаи таҳқиқгари ватанӣ Мирзоева М.У. «мақомотҳои дахлдори давлатӣ низ бояд ҷиҳати коркарди механизми муосири муҳоҷирони меҳнатӣ ва фаъолияти ҳамватанони бурунмарзиро дар рушди мамлакат пурзур намоянд, илова бар ин, оид ба қабули қонунгузории миллӣ дар самтҳои афзалиятноки ҷомеа саҳмгузор бошанд».

Вобаста ба ҳамин гуфтаҳо мо алоқамандии байни унсурҳои механизми идоракунии раванди муҳоҷирати меҳнатиро дар расми 3.2 пешниҳод намудаем.




**Расми 3.2. - Алоқамандиии байни унсурҳои механизми идоракунии раванди муҳоҷирати меҳнатӣ**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф

Айни ҳол ниҳоди асосии амалкунандаи ҳокимияти иҷроия, ки барои таҳия ва татбиқи сиёсати муҳоҷират ва танзими ҳуқуқӣ дар соҳаи муҳоҷирати вилояти Хатлон масъул аст, ин Хадамоти муҳоҷират мебошад, ки дар доираи Низомномаи Хадамоти муҳоҷирати Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз «04» июни соли 2014, тахти №390 тасдиқ шудааст, чунин вазифаҳоро иҷро менамояд:

- татбиқи сиёсати давлатии муҳоҷирати аҳолӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ, созмонҳои байналмилалӣ, ҷамъиятӣ ва дигар ташкилотҳо дар соҳаи муқарраршудаи фаъолият;
- ҳамоҳангсозии байниидоравӣ ва ҷалби донорҳо ҷиҳати ташаккули низоми таҳлили бозори меҳнат барои муайян намудани дурнамои раванди муҳоҷирати меҳнатӣ ба хориҷа, инчунин барои аз худ кардани бозорҳои нави меҳнат дар хориҷи кишвар;
- тибқи муқаррарот ба роҳ мондани ҳамкориҳо бо мақомоти ваколатдор дар соҳаи муҳоҷират бо кишварҳои хориҷи дуру наздик, ташкил намудани шурои ҳамоҳангсоз ва ё дигар мақомот ҷиҳати дар якҷоягӣ ҳал намудани душвориҳои ҷойдошта дар самти муҳоҷирати аҳолӣ;
- тавассути субъектҳои хоҷагидор, ки ба интиқоли муҳоҷирони меҳнатӣ машғул мебошанд, ташкил ва амалӣ намудани фаъолият дар самти сафарбаркунии муташаккилонаи муҳоҷирони меҳнатӣ ба хориҷа;
- иштирок дар татбиқи низоми самараноки суғуртаи иҷтимоӣ, тиббӣ ва нафақаи муҳоҷирони меҳнатӣ;
- мувофиқи тартиби муқарраршуда амалӣ намудани фаъолият оид ба назорати риояи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони хориҷӣ;
- дар доираи салоҳияти худ дар ҳамкорӣ бо мақомоти дахлдор пешбурди фаъолият оид ба пешгирии муҳоҷирати ғайриқонунӣ дар қаламрави кишвар;
- дар якҷоягӣ бо мақомоти дахлдори давлатӣ иштирок дар гузаронидани амалиётҳои махсус оид ба пешгирӣ ва мубориза бар зидди муҳоҷирати ғайриқонунӣ, ки дар доираи давлатҳои аъзои ИДМ, Созмони Ҳамкории Шанхай ва Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ гузаронида мешавад;
- баҳисобгирии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба муҳоҷирати меҳнатӣ ба хориҷа мераванд ва бармегарданд, инчунин баҳисобгирии муҳоҷирати шаҳрвандони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- ҳамкории самарабахш ва ҳамоҳангсозии масъалаҳо бо намояндагиҳои Вазорат дар хориҷи кишвар, диаспораҳо, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ҳамватанони бурунмарзӣ дар соҳаи муқарраршудаи фаъолият;

- дар ҳамкорӣ бо мақомоти дахлдори давлатӣ фароҳам овардани шароити мусоид барои ҷалби муҳоҷирони меҳнатӣ ва ҳамватанони бурунмарзӣ дар рушди ҷомеа;

- дар якҷоягӣ бо мақомоти дахлдори давлатӣ гузаронидани ярмаркаҳои ҷойҳои холии корӣ бо мақсади мусоидат ба муҳоҷирони меҳнатӣ – шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти ҷойи кор дар хориҷи кишвар;

- мусоидат ба ҳамоҳангсозии масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ бо мақсади ташкили фазои ягонаи муҳоҷирати меҳнатии давлатҳои аъзои ИДМ, Созмони ҳамкории иқтисодии Аврупову Осиё ва дигар давлатҳо;

- ба роҳ мондани ҳамкориҳои судманд ва самарабахш бо ҳамватанони бурунмарзӣ, диаспораҳои тоҷик ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи муқарраршудаи фаъолият бо мақсади ҷалби онҳо дар рушди ҷомеа;

- расонидани хизматҳои машваратӣ, ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ ва дигар намуди хизматрасониҳоро ба муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо;

- ҳамкорӣ бо Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ваколатдорҳо оид ба ҳуқуқи инсони давлатҳои бокортаъминкунанда бо мақсади ҳифзи ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатӣ – шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- бо тартиби муқарраргардида ташкили фаъолият вобаста ба иҷозатномадиҳӣ дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ ва назорати шартҳои иҷозатномадиҳӣ;

- бо тартиби муқарраргардида додани иҷозат барои кор ба шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- дар ҳамкорӣ бо дигар мақомоти дахлдори давлатӣ ташкили корҳо оид ба реинтегратсия ва реабилитатсияи муҳоҷирони меҳнатӣ, шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба Ватан баргаштаанд;

- иҷрои дигар вазифаҳое, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудаанд.

Дар соҳаи муҳоҷирати дохилӣ (ихтиёрӣ) бошад чунин вазифаҳоро иҷро мекунад:

- ҳамкорӣ бо вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар татбиқ ва ҳамоҳангсозии чорабиниҳо доир ба масъалаи муҳоҷирати дохилӣ (ихтиёрӣ);
- дар ҳамкорӣ бо дигар мақомоти дахлдори давлатӣ, байналмилалӣ, ҷамъиятӣ ва ғайридавлатӣ амалӣ намудани чорабиниҳо оид ба кӯчонидани муҳоҷирони дохилӣ (ихтиёрӣ) аз минтақаҳои кӯҳӣ ва наздикӯҳӣ, сераҳолӣ ва камзамин ба ноҳияҳои дорои заминҳои бекорхобида бо мақсади рушди соҳаи хоҷагии қишлоқ, баланд бардоштани инфрасохтори деҳот, ҷалб намудани ҷавонон ба кори доимӣ, паст гардонидани сатҳи бекорӣ ва пешгирии муҳоҷирати дохилии ғайриқонунӣ;
- масъалагузорӣ дар назди мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ оид ба таъмини чорабиниҳо барои қабули муҳоҷирони дохилӣ (ихтиёрӣ), ҷобаҷокунӣ, таъмини онҳо бо кори доимӣ, манзил ё замин барои сохтмони хонаи истиқоматӣ, оби нӯшокӣ, барқ, роҳ ва ҳалли дигар масъалаҳои иҷтимоӣ;
- банақшагирии давра ба давра кучонидани муҳоҷирони дохилӣ (ихтиёрӣ) дар ҳудуди ҷумҳурӣ дар асоси пешниҳоди мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо;
- тавассути Бонки давлатии амонатгузории “Амонатбонк” тибқи тартиби муқарраргардида пардохт намудани қарзҳои имтиёзнок ба муҳоҷирони дохилӣ, барои сохтмони хонаҳои истиқоматӣ ба оилаҳои муҳоҷирон;
- анҷом додани вазифаҳои фармоишгари давлатии барномаҳо ва лоиҳаҳои мақсадноки илмӣ-техникӣ ва сармоявӣ ҷиҳати бунёд намудани инфрасохтори деҳот дар маҳалҳои зисти муҳоҷирони дохилӣ (ихтиёрӣ);
- бо мақсади амалӣ намудани чорабиниҳо ҷиҳати ҳалли масъалаҳои муҳоҷирати дохилӣ (ихтиёрӣ) ва фароҳам овардани шароити хуби зист барои

муҳоҷирон, ташкил кардани ситоди доимоамалкунанда бо намояндагии мақомоти дахлдори давлатӣ ва ғайридавлатӣ[96];

Яъне, аз вазифаҳои Хадамоти муҳоҷират бармеояд, ки давлат заминаҳои ҳуқуқиро барои будубоши бомуваффақияти муҳоҷирони меҳнатии кишварамон дар дохилу хориҷ омода кардааст ва кӯшиш менамояд, ки татбиқи механизмҳои идоракунии муҳоҷират ва рушди институтсионалӣ дар самти соҳаи кишоварзии минтақаҳо ба амал бароварда шаванд.

Чунин механизм ба ташаккули малака ва муносибатҳои иҷтимоии муҳоҷирон, ҷамъ овардани таҷрибаи кории зарурии онҳо мусоидат намуда, барои муҳоҷирон ва корфармо имкони ба даст овардани ҷои кори зарурӣ ва пешбурди онро фароҳам меорад.

Моҳияти таъсири механизми институтсионалӣ дар муносибатҳои танзимшавандаи бидуни низоъ байни контрагентҳои бозорӣ тибқи қоидаҳо ва анъанаҳои қабулшуда зуҳур ёфта, аз тарзи махсуси ташкил ва танзими фаъолияти иқтисодии агентҳо дар доираи муайяне, ки бо замон маҳдуд аст, иборат мебошад[97].

Дар механизми институтсионалӣ талаботҳои шартномаи меҳнатӣ, музди кор, шароитҳои корӣ ҳамчун унсурҳои асосии механизми бозори меҳнат дар соҳаи кишоварзӣ амал мекунанд. Онҳо вазифаҳои мутобиқгардонии низоми иқтисодӣ, ҳалли проблемаҳои ҳамкорӣ, кам кардани номуайянии субъектҳои бозори меҳнатро таъмин намуда, ҳамчун воситаи ҳамоҳангсозии интизориҳо ва манфиатҳои иқтисодии муҳоҷирон амал мекунанд.

Субъектҳои иқтисодии бозори меҳнат имкони қонеъ гардонидани талаботи шахс ва ҷомеаро фароҳам мёоранд. Онҳо дар фаъолияти бозори меҳнат, фаъолияти субъектҳои асосии он: кормандон ва корфармоён нақши асосиро

[96] Низомномаи Хадамоти муҳоҷирати Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «04» июни с. 2014 №390 тасдиқ шудааст, С.2-4
[97] Барфиев Қ.Х. Таҳқиқи омории таъсири равандии муҳоҷирати меҳнатӣ ба сатҳи зиндагии аҳолӣ [Матн] / Қ.Х. Барфиев, С.С. Мирзоев, Ф.М. Аҳмадов // Кишоварз. – 2019. – № 3. – С. 131-137.

мебозанд. Нақши ин ниҳодҳои иқтисодӣ аз танзими муносибатҳои иҷтимоӣ ва меҳнатӣ, амалӣ намудани манфиатҳои иҷтимоию иқтисодии субъектҳои бозори меҳнат ва таъмини ҳифзи иҷтимоӣ иборат аст.

Ба андешаи Бобоев А.А. ҳукуматдорон, иқтисоддонон ва олимони соҳаи илми демография ба хубӣ медонанд, ки муҳоҷирати меҳнатӣ дар ҳар давру замон буд ва хоҳад монд, зеро он масъалаи иҷтимоӣ ва иқтисодӣ буда, барои пешрафти ҷомеа ва фаъолияти инсон бевосита мусоидат менамояд[98].

Аз гуфтаҳои таҳқиқгари ватанӣ бармеояд, ки асоси институтсионалии механизми мубодила дар бозори меҳнатро муомилоти меҳнатӣ – муомилоти субъектҳои иқтисодӣ ташкил медиҳанд, ки танзимгарони асосии онҳо муассисаҳо, фирмаҳо, коллективҳои меҳнатӣ, иттифоқҳои касаба мебошанд.

Муҳити ташаккулёфтаи институтсионалӣ имкон медиҳад, ки самаранокии шуғли аҳолӣ афзоиш дода, шумораи робитаҳо ва муомилот дар бозори меҳнат зиёд карда шавад. Хусусияти муносибатҳои меҳнатӣ дар он аст, ки ниҳоди давлат дар баробари нигоҳ доштани мавқеъи фаъол дар ин самт ба афзоиши фаъолияти механизми бозории худтанзимкунӣ мусоидат мекунад. Татбиқи вазифаҳои механизми институтсионалӣ ва нархгузории бозори меҳнат амали принсипи асосии бозор – эквивалентии мубодиларо таъмин менамояд.

Тақсимоти мавҷудаи ҳуқуқи моликият, вақте ки корфармоён воситаҳои истеҳсолот ва идоракуниро доранд ва кормандон қувваи кории худро идора мекунанд, вазъиятеро ба вуҷуд меорад, ки ҳам корфармоён ва ҳам кормандон метавонанд дар асоси манфиатҳои худ амал кунанд, аммо на комилан ба манфиати якдигар. Масъалаҳои маҳдуд кардани ҳуқуқи моликият танҳо дар асоси бастани шартнома ва созишномаҳои дахлдори меҳнатӣ бо назардошти хусусиятҳои касбӣ ва шароити меҳнат ҳал карда мешаванд.

Дар байни механизмҳои асосии идоракунии муҳоҷират дар бозори меҳнати кишоварзӣ инҳоро ҷудо кардан мумкин аст: ҷалби қувваи кории дохилӣ,

---

[98] Бобоев А.А. Таҷрибаи муҳоҷирати меҳнатӣ дар Филиппин. /А.А. Бобоев //“Меҳнат ва рушди иҷтимоӣ”. Нашрияи илмӣ-оммавии Муассисаи давлатии “Пажӯҳишгоҳи меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон”. Душанбе. 2009. №3. – С. 69-70

ҳавасмандгардонии истифодаи оқилонаи қувваи кории дохилӣ, баланд бардоштани ҷолибияти муҳоҷиратии минтақа, ҳифзи бозори минтақавии меҳнат, мубориза бо коррупсия дар соҳаи муҳоҷират (расми 3.3).




**Расми 3.3. - Механизми идоракунии муҳоҷират дар бозори меҳнати кишоварзӣ.**
**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф

Тағйир додани яке аз механизмҳои идоракунии муҳоҷират ба фаъолияти механизмҳои дигар таъсир мерасонад. Ин ба назар гирифтан ва мутобиқ кардани фаъолиятии сохторҳои гуногуни институтсионалиеро, ки дар як фазои иқтисодӣ амал мекунанд, талаб мекунад.

Ҳар як механизм вазифаҳои муайянро иҷро мекунад ва воситаҳои худро барои идоракунии муҳоҷират дорад. Бо вуҷуди ин, як воситаро дар як вақт дар механизмҳои гуногун истифода бурдан мумкин аст, аз ин рӯ баҳодиҳии як восита бояд ба муносибати систематикӣ асос ёбад, ки тамоми доираи оқибатҳои мусбат ва манфии пешбинишудаи татбиқи онро ба назар гирад. Дар расми 3.4, ки муносибати механизмҳои иқтисодӣ ва воситаҳои идоракунии давлатии муҳоҷирати меҳнатиро инъикос менамояд, имкон медиҳад, ки самаранокии истифодаи воситаҳои танзими давлатӣ, ки ба фаъолияти механизмҳои гуногун дохил мешаванд, таҳлил карда шавад.




**Расми 3.4. - Сохтори механизми идоракунии раванди муҳоҷират дар бозори меҳнати кишоварзии минтақа**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф

Дар иқтисодиёти вилояти Хатлон, бо рушди механизмҳои ҳамоҳангсозии бозор, раванди ташаккули институтҳои мутамаддини бозори меҳнатро суръат бахшидан лозим аст. Бояд дар назар дошт, ки бозори меҳнат қисми муҳимми иқтисодиёти кишвар ва унсури мураккаби иқтисоди бозорӣ мебошад. Таъминоти аҳолӣ бо маҳсулоти саноатӣ ва кишоварзӣ аз истифодаи самараноки захираҳои меҳнатӣ вобаста аст[99]. Набудани сохторҳои институтсионалие, ки барои фаъолияти пурраи бозори меҳнат заруранд, ба хусусиятҳои муҳимми иқтисодӣ табдилдиҳанда вобаста мебошад, аз ҷумла:

- ташаккули бозори хизматрасонии шуғли аҳолӣ;
- ташкили муассисаҳои ҳифзи ҳуқуқи моликият дар соҳаи меҳнат (арбитражи меҳнатӣ);

Рушди нобаробари институтҳои бозори меҳнат, набудани мушаххасоти ҳуқуқи моликият ва рушди сусти институтҳои ҳифзи онҳо дар иқтисоди давраи гузариш ба чунин падидаҳо, аз қабили рушди бозори ғайрирасмии меҳнат, пардохт нашудани музди меҳнат, рушди шаклҳои пинҳонии шуғл ва бекорӣ оварда мерасонад.

Афзоиши муносибатҳои ғайрирасмӣ дар бозори меҳнати кишоварзӣ аз ҳисоби рушди худидоракунии меҳнат ва чунин шаклҳои хоҷагидорӣ, монанди хоҷагии деҳқонӣ ва хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ вобаста аст.

Ивазшавии сохти сиёсӣ ва иқтисодӣ, рушди бозори ғайрирасмии меҳнат ва баландшавии сатҳи иқтисодиёти ғайриқонунӣ сабаби пастшавии мақоми иҷтимоии муҳоҷирон мегардад. Камтағйирдиҳии касбӣ ба фоидаи касбҳое шуд, ки мамлакат, маълумот ва ғайраро талаб намекунанд. Масалан, ҳоло дар байни муҳоҷирон онҳое вомехӯранд, ки маълумоти олӣ ва мақоми баланд дар ҷомеа дошта, дар соҳаи кишоварзӣ дар мақоми пасттари иҷтимоӣ ба сифати коргари оддӣ (барои маълумоти олидор ин мақоми номувофиқатӣ ҳисоб меёбад) кор мекунанд, зеро ин даромади онҳо дар қиёс бо даромаде, ки онҳо аз рӯйи мақоми

[99] Ахмадов Ф.М. Статистический анализ трудовых ресурсов Республики Таджикистан [Текст] / Ф.М. Ахмадов, М.А. Эргашева // Вестник Таджикского национального университета. Серия экономических наук. – 2019. – № 4 (Ч. 1). – С. 164-167.

худ бояд гиранд, хеле паст аст (бо маоши хеле ночиз, ки он некуаҳволи иҷтимоии оиларо таъмин наменамоянд, инчунин, ба таҷдиди оддии сармояи инсониро имкон намедиҳад, фарқ мекунад).

Тасодуф нест, ки дар сотсиология номувофиқатии мақом чун шиддатнокии иҷтимоӣ дар низоми мақомии ҷамъият фаҳмида мешавад. Ҳамин тариқ, номувофиқатии мақом ба омили мутаҳаррикии иҷтимоӣ-амудӣ ва уфуқӣ, баландшаванда табдил меёбад.[100]

Ин ба муҳоҷирати баъдинаи фаъоли аҳолӣ, ки манфиатҳои иқтисодиро дар назар дошт, асос гузошт. Яъне дар ин вақт механизмҳои бозоргонӣ амал мекарданд ва онҳо мутаҳаррикии аҳолиро ба бор оварданд.

Дар иқтисоди вилояти Хатлон тамоюли институтсионализатсияи соҳаи иҷтимоӣ ва меҳнатӣ - пурзӯр шудани таъсири кӯҳна ва пайдоиши институтҳои нав, ки равандҳои меҳнат ва муносибатҳои шуғли аҳолии деҳотро муайян мекунанд, мушоҳида мешавад.

Ба фикри мо, сохтори механизми фаъолияти бозори меҳнат дар соҳаи кишоварзӣ бояд дар асоси механизмҳои махсуси ба ҳам алокаманд ташаккул дода шавад. Ин пеш аз ҳама:

- механизми бозори нарх. Бозори меҳнат механизми умумии муқаррар ва нашри нархҳо ва мусоидат ба фурӯши хизматрасониҳои меҳнатиро дар бар мегирад. Ин механизми ба ном нархест, ки хариду фурӯши қувваи кориро тавассути музди меҳнат танзим мекунад;
- механизми муомилот, ки аз тартиб ва бастани шартномаҳои меҳнати иборат аст;
- механизми танзими давлатӣ, ки таъсиси институту сохторҳои алоҳидаи давлатиро дар сатҳҳои гуногун таъмин менамояд;
- механизми хусусии назорати қувваи корӣ;
- коидаҳое, ки дар дохили фирмаҳои дар бозорҳои хориҷӣ амал мекунанд (коидаҳои тартиботи дохилии меҳнат ва ғайра) муқаррар карда шуда, унсурҳои

[100] КравченкоА.И. Социология: учеб - М.: ТКВелби, Изд-воПроспект, 2008. - С. 75-77.

ин механизм мебошанд. Бозорҳои меҳнат дар ин ҷо асосан на бо механизми нарх, балки бо «маҷмӯи қоидаҳо ва расмиёти маъмурӣ» дар дохили институти фирма идора карда мешаванд;

- механизми рақобат дар бозори меҳнат дар шакли институти бартариҳои рақобатии қувваи корӣ зоҳир мешавад;
- механизми шарикии иҷтимоӣ ҳамчун шакли танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ ва ҳамоҳангсозии манфиатҳои иқтисодии кормандон ва корфармоён амал мекунад;
- механизми институтҳои иҷтимоие, ки ҳифзи анъанаҳои оилавию меҳнатии маҳаллиро таъмин менамояд.

Танҳо чунин сохтори механизми идоракунии раванди муҳоҷират дар бозори меҳнати кишоварзӣ возеҳият, пешбинишаванда ва эътимоднокии фаъолияти субъектҳои бозори меҳнат – иштирокчиёни муомилоти меҳнатиро таъмин менамояд. Барои амалӣ намудани вазифаҳои бозори меҳнат муҳити институтсионалиро ташаккул додан лозим аст: биржаҳои меҳнат, марказҳои шуғли аҳолӣ (хизматрасонӣ), иттифоқҳои касаба, хадамоти муҳоҷират, хадамоти таълими кадрҳо, хадамоти ҳалли баҳсҳои меҳнатии коллективӣ ва ғайра) ва инфрасохтори ҳамгирошудаи чандир, ки метавонад дар шароити маҳаллӣ самаранок фаъолият кунад.

Принсипҳои асосии фаъолияти ин механизм инҳоянд:

- таъмини муносибати тафриқавии ҷалби муҳоҷирон дар соҳаи кишоварзӣ;
- риояи муқарраროти асосии тартиби ҷалби муҳоҷирон, ки қонун муқаррар кардааст.

Дар шароити бӯҳрони иқтисодии минтақавӣ масъалаи истифодаи захираҳои меҳнатӣ барои вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти муҳим пайдо мекунад. Мувофиқи маълумоти дурнамои Агентии омор ва назарияи М.Нурмаҳмадов, «теъдоди мутлақи аҳолии Ҷумҳурӣ то соли 2025 - 12,1 млн, соли 2050 – 18,7 млн, соли 2060 ба 21,1 млн. нафар мерасад». Тибқи дурнамои Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамин нишондиҳанда 25-27 млн. нафарро ташкил медиҳад.

Тамоюлҳои мазкур дар навбати худ ба афзоиши теъдоди аҳолии қобили меҳнат мусоидат мекунанд. Агар захираҳои меҳнатӣ тақрибан 47-50 фоизи аҳолиро ташкил диҳанд, дар ин ҳолат теъдоди захираҳои меҳнати дар соли 2025 ба ҳисоби миёна – 5,8 млн, соли 2050 – 9 млн ва соли 2060 зиёдтар аз 10 млн. нафарро ташкил хоҳад дод.

Тоҷикистон имрӯз қувваҳои коргарии беихтисосро ба хориҷи кишвар содир мекунад. Маҷрои асосии муҳоҷирати Тоҷикистон ба давлатҳои иштирокчии ИДМ, пеш аз ҳама ба Россия ва Ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ рост меояд. Мувофиқи маълумоти нопурра нишондиҳандаи мазкур аз 250 то 500 ҳазор коргарро дар бар мегирад.

Сабабҳои иқтисодии муҳоҷирати қувваи коргарӣ дар Тоҷикистон иборатанд:

1. Набудани миқдори кифояи ҷои кор;
2. Сатҳи ақали даромадҳо ва дараҷаи пасти музди меҳнат;
3. Дурнамои номафҳуми гирифтани ихтисоси зарурӣ;
4. Шароити номатлуби иқтисодӣ, ки ба талаботу қобилияти соҳибкорон ҷавобгӯ намебошад.

Муҳоҷирати қувваи коргарӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон инчунин характери ғайрирасмӣ (пинҳонӣ) дорад, гарчанде, ки солҳои охир барои назорати давлатии он чорабиниҳои зарурӣ андешида мешаванд. «Сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи ҳиҷрати хориҷии меҳнатӣ, - менависад академик Р.К. Раҳимов, - асоснок кардани мақсадҳои асосӣ, вазифаҳои ҷорӣ ва дурнамои ҳиҷрати хориҷии меҳнатиро бо назардошти анъанаҳо, урфу одатҳо, хусусиятҳои миллӣ ва таърихии аҳолии Тоҷикистон дар назар дорад». Характери гузариш доштаи иқтисодиёти Ҷумҳуриро ба назар гирифта, академик Р.К. Раҳимов, се мақсади асосии чунин сиёсатро ҷудо мекунад: иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва стратегӣ. Ба ақидаи вай мақсадҳои иқтисодии сиёсати ҳиҷрати хориҷии қувваи коргарӣ иборат аст аз:

- паст кардани сатҳи бекорӣ;

• баланд бардоштани ҳиссаи музди меҳнат дар даромадҳои пулии аҳолӣ ва маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ;

• баланд бардоштани сатҳи касбӣ ва фарҳангии қувваи коргарӣ тавассути барномаҳои тайёрии касбии муҳоҷирон дар мамлакатҳои хориҷӣ;

• афзоиши андозаи пасандози пулии муҳоҷирон.

Хусусиятҳои гузариш ба муносибатҳои бозорӣ ва бартарияти нисбии Тоҷикистон дар соҳаи захираҳои меҳнатӣ, менависад академик Р.К. Раҳимов, «зарурияти коркарди сиёсати муҳоҷирати хориҷии қувваи коргарӣ ва самаранок амалӣ намудани он, ҳамчунин танзими мақсадноки давлатии онро талаб мекунад».

Муҳоҷирати берунии қувваи коргарӣ дар сатҳи макроиқтисодиёт ва микроиқтисодиёт хусусиятҳои ба худ хос дорад. Воридоти маблағҳои калони асъори хориҷӣ (ба ҳисоби миёна дар як сол 1 млрд.долл.) яке аз воситаҳои устувор намудани қурби асъори миллӣ хизмат мекунад. Дар шароити норасоии асъори миллӣ дар нуқтаҳои мубодилаи асъор омили мазкур аҳамияти беҳамто пайдо мекунад.

Аз тарафи дигар, вусъат ёфтани интиқоли асъори хориҷӣ воридоти молро ривоҷ медиҳад, чунки хариди мол дар бозорҳои берунӣ тавассути асъори бадалшаванда ва фурӯши он ба воситаи асъори миллӣ сурат мегирад.

Воридоти пул аз ҷониби муҳоҷирон ҳамчунин сарчашмаҳои асъори миллиро мустаҳкам намуда, активҳои системаи бонкиро вусъат медиҳад ва ба зиёдшавии иқтидори қарздиҳии бонкӣ мусоидат менамояд. Дар ҳамин асос мо метавонем аз ҳисоби воридоти мошину таҷҳизот иқтисодиёти воқеиро аз нав барқарор намуда, сохтори технологии такрористеҳсоли сармояи асосиро тағйир диҳем. Дар ҳамин ҳолат интиқоли пул аз ҷониби муҳоҷирон яке аз манбаҳои воқеии сармоягузорӣ баромад мекунад.

Бинобар ин тасодуфӣ нест, ки масъалаи муҳоҷирати берунии қувваи коргарӣ дар зери назорати доимии Ҳукумати Тоҷикистон қарор мегирад. Солҳои пеш аз бӯҳрони молиявӣ ба Ҷумҳурӣ аз ҷониби муҳоҷирон то 1,8 млрд доллари ИМА ворид мешуд, ки ин бештар ба Россия, Қазоқистон ва дигар

давлатҳои иштирокчии ИДМ рост меояд. Қисми муайяни ҳамин маблағ барои сохтмони хонаҳои истиқоматӣ, хариди воситаҳои нақлиёт, ташкили тиҷорати хусусӣ истифода мешавад. Лекин қисми дигари он самаранок истифода нашуда, дар «ҷӯробҳо» хоб меравад.

Бонкҳо бошанд то имрӯз масъалаи пасандоз ва ба инвеститсия мубаддал кардани пули воридшударо ҳал накарда, ба боварии мардум надаромадаанд. Бинобар ин пасандози аҳолӣ дар бонкҳо афзоиш намеёбад.

Маблағҳои пулии тавассути бонкҳо ирсол карда шуда, ба депозити бонкӣ табдил намешаванд. Агар боварии кофии аҳолӣ ба бонкҳо барқарор мегардид, он вақт муҳоҷирон пули интиқол шударо метавонанд дар бонк ҳамчун депозитҳои фаврӣ нигоҳ доранд, ки ин иқтидори маблағгузории бонкҳо ва сохторҳои молиявии ғайрибонкиро якчанд маротиба зиёд хоҳад кард. Мувофиқи пешгӯии иқтисодшиносон дарояндаи наздик маблағҳои мазкур тахминан аз 400 млн. то 1,2 млрд. доллари ИМА-ро ташкил хоҳанд дод. Аз ҳисоби ҳамин маблағҳо Ҷумҳурии мо метавонад сохтмонҳои нотамоми аз давраи Иттифоқи Шӯравӣ боқӣ мондаро давом дода, аз қарзҳои берунӣ ва кӯмаки башардӯстона даст кашад ва масъалаи маблағгузориро мустақилона ҳал намояд.

Бо вуҷуди ин, бояд қайд кард, ки имрӯз мо аз имкониятҳои иқтидории муҳоҷирати берунӣ пурра истифода намебарем. Масалан, аксарияти муҳоҷирони тоҷик дар кишварҳои хориҷӣ ғайриқонунӣ кор ва зиндагӣ мекунанд. Мутахассисон дар як ақидаанд, ки ҳар як муҳоҷир ба ватан дар як моҳ ба ҳисоби миёна 140 доллари ИМА-ро интиқол медиҳад. Дар сурати расмигардонии пурраи муҳоҷирон вазъият ба таври қатъӣ таъғир хоҳад ёфт. Нишондиҳандаҳои ниҳоят пасти интиқоли пул аз ҷониби муҳоҷирони тоҷик асосан ду сабаб доранд:

Якум, баланд будани вазни қиёсии муҳоҷирати ғайриқонунӣ. Намояндагони муҳоҷирати мазкур одатан ба корҳои бенуфузи дорои музди меҳнати ночиз машғул мебошанд. Қисми зиёди даромади онҳо аз тарафи сохторҳои ҳокимият ва ҷиноятӣ бо зӯрӣ кашида гирифта мешавад ва дар дасти

муҳоҷир маблағи кам боқӣ мемонад. Инчунин маълум аст, ки муҳоҷирони ғайриқонунӣ на ҳама вақт озод бо кор таъмин мегарданд.

Дуюм, муҳоҷирони тоҷик асосан дар Федератсияи Россия ва Қазоқистон кор мекунанд. Дар кишварҳои номбурда музди меҳнати миёна нисбати кишварҳои мутараққӣ ва дорои рушди миёна паст мебошад. Вай то ҳол аз 1000 доллари ИМА кам аст. Аз ин лиҳоз ҳукумат бояд низоми муосири ба кор таъминкунии шаҳрвандони тоҷикро дар хориҷа аз нав дида барояд ва механизми бештар самароноки ҳали масъалаи мазкурро пешниҳод намояд.

Ҳар як муҳоҷир бояд тавассути хадамоти муҳоҷирати меҳнатии назди Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бюроҳои дахлдор ба хориҷа равон карда шавад. Сафоратҳои Тоҷикистон дар хориҷа бояд дар бораи шумора ва ҷуғрофияи ҷойҳои холии кор маълумоти пурра дошта бошанд ва ба муҳоҷирон онро дастрас намоянд.

Барои нигоҳ доштани маблағҳои пулии муҳоҷирон дар бонкҳо чораҳои зарурӣ андешида шаванд. Пеш аз ҳама муҳоҷир бояд барои нигоҳ доштани депозит дар бонк ҳавасманд бошад. Умуман зиёд кардани пасандозҳои аҳолӣ, аз ҷумла муҳоҷирон ва ба сармоя (инвеститсия) мубаддал кардани онҳо яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи низоми бонкӣ ва мақомоти молиявӣ ба шумор меравад.

Қисми дигари интиқол, ки ба соҳаи муомилоти мол ворид мешавад, ба афзудани даромади буҷети давлатӣ мусоидат мекунад. Ҳамин ҳолат ҳам як аломати ба сармоя табдил додани маблағҳои муҳоҷирон баромад мекунад.

Воридоти маблағҳои муҳоҷирон бояд тавассути бонкҳои тиҷоратӣ сурат гирад. Барои ин бонкҳои Тоҷикистон бояд ҳамаи фишангҳои пулию молиявиро истифода бурда, интиқоли маблағро аз ҷониби ҳар як шаҳрванд тавассути ташкилотҳои бонкӣ ба роҳ монанд. Дар ин ҳолат фаҳмондадиҳии аҳамияти чорабинии мазкур барои муҳоҷирон, ташкили ташвиқоту таблиғот байни оилаҳои онҳо аҳамияти муҳим пайдо мекунад.

Ҷамъ овардани иттилооти объективӣ оиди меъёрҳои ҳақиқии муҳоҷирати қувваи коргарӣ, маҷмӯи даромади муҳоҷирон, маблағе, ки ба Тоҷикистон ворид

мешавад ва истифодаи он зарур дониста мешавад. Дар асоси маълумотҳои мазкур мо метавонем эътиборнокии пешгӯиҳои иҷтимоию иқтисодиро тафтиш намуда, танзими самараноки маълумоти пулиро ба роҳ монем. Ҳамаи ин ба пастшавии сатҳи таваррум (инфлятсия), таъмини зарурии иқтисодиёт бо воситаҳои пулӣ ва захираҳои қарзӣ мусоидат менамояд.

Шумораи воқеии муҳоҷирон, аз он ҷумла муҳоҷироне, ки берун аз марзи Тоҷикистон кор мекунанд, бояд дар асоси тадқиқотҳои илмию сотсиологӣ аниқ карда шавад. Маълумот оиди муҳоҷирон бояд аломатҳои зеринро дар бар гирад: характеру таркиби ҳаракати муҳоҷирон, синну сол, дараҷаи ихтисос, маърифатнокӣ, ҷуғрофияи тақсимшавии онҳо дар мамлакатҳо, губернияҳо, ноҳияҳо ва соҳаҳои истеҳсолот, таркиби оила ва дигар.

Баъзе иттилоотро тавассути раъйпурсии сотсиологии аъзои оилаи муҳоҷирон оиди расмӣ ба кор қабул шудани онҳо, шуғли доимӣ, дараҷаи аз кор таъмин будан,  тахассус ва намудҳои кор дастрас кардан мумкин аст. Барои мақомотҳои ҳукумат ва идоракунанда, инчунин маълумот оиди муносибатҳои ҷудошавии муҳоҷирон, вазни қиёсии онҳо, қайду никоҳ, шаҳрвандӣ хеле зарур аст .

Дар соҳаи интиқоли пул маълумотҳои зерин зарур ҳисобида мешаванд: таносуби интиқоли бонкӣ ва ғайрибонкӣ; маблағи интиқоли пул ба ҳисоби миёна дар як моҳ; маблағи интиқоли пул ба ҳисоби миёна ба ҳар як муҳоҷир; ҷараёни нишондиҳандаҳои мазкур дар давоми 2-3 сол; андозаи мутлақи интиқоли пул; андозаи мутлақи воридоти ғайрипулӣ (либос, ашёи рӯзғор, асбоби электронӣ, автомобилҳо, таҷҳизоти технологӣ ва ҳоказо); то гирандагони охирин расонидани пул.

Дастрас намудани иттилооти зайл низ ба мақсад мувофиқ мебошад таносуби тақсими маблағи интиқолшуда байни пасандози шахсӣ ва хароҷоти истеъмолӣ; сохтори интиқоли пул аз рӯи асъор, устувории асъори миллӣ, сохтори воқеӣ аз рӯи фурӯши мол ва хизматрасонӣ; таносуби маблағ дар шакли пули нақд, депозити бонкӣ ва пасандозҳо метавонанд сатҳи зиндагии

муҳоҷиронро, ки истеҳсоли соҳаи кишоварзиро бо ин маблағҳо бароҳ мемонанд беҳтар созанд.

## Хулосаи зербоб

Қайд кардан зарур аст, ки солҳои охир Хадамоти муҳоҷират дар вилояти Хатлон дар ҳамбастагӣ бо Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон талош доранд, ки вазъи муҳоҷиратро дар ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он хубтар намуда, бо ин роҳ будубоши муҳоҷирон дар дохили мамлакат мӯътадил гарданд. Бо мақсади танзими равандҳои муҳоҷират ва татбиқи механизмҳои идоракунии давлатӣ дар ин самт, ташаббуси Вазорат бо дастгирии бевоситаи Ҳукумати ҷумҳурӣ оид ба таҳияи Стратегияи миллии муҳоҷирати аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2040, боиси эҳтиром ва хушнудии ҷомеаи шаҳрвандӣ, олимону коршиносони ватанию хориҷӣ, созмонҳои байналхалқӣ ва худи муҳоҷирон мебошад, ки ин гуна иқдом аз ҷониби ҳамаи тарафҳо хуб пазируфта шудааст. Зеро, қабули Стратегияи номбурда имкониятҳои навро доир ба татбиқи сиёсати самараноки муҳоҷират фароҳам меоварад.

Барои муваффақ гардидан дар ҳалли душвориҳои идора кардани равандҳои муҳоҷират ва интихоби механизмҳои муосир ҷиҳати татбиқи сиёсати давлатӣ дар ин самт, ҳар як минтақа бояд мавқеи худро бо дарназардошти манфиатҳои давлатию мардумӣ муайян созад. Дар асоси омӯзиши гуфтаҳои боло, ба фикри мо барои вилояти Хатлон дар амал татбиқ намудани панҷ масъалаи асосии зерин зарур мебошад:

- хоҳиш ва омодагии мақомотҳои дахлдори давлатӣ ҷиҳати интихоб ва татбиқи сиёсати самараноки муҳоҷират ва муайян намудани таъсири он дар соҳаи кишоварзии вилоят.
- қабул ва такмили доимии барномаҳои минтақавӣ ва дигар ҳуҷҷатҳо бо дарназардошти эътироф намудани санадҳои меъёрию ҳуқуқии ҷумҳурӣ.
- рушди ҳамкориҳои байниминтақавӣ дар соҳаи муҳоҷират, рақобатпазир будан дар бозори меҳнати минтақавӣ.

- татбиқи сиёсати давлатии муҳоҷират тавассути сохтори калидии давлатӣ оид ба муҳоҷират дар симои Хадамоти муҳоҷират дар вилояти Хатлон, ки онро ҳамаи вазорату идораҳо эътироф менамоянд ва таҳти ҳамоҳангсозии ин мақомот ҷорӣ кардани механизми муосири идоракунии давлатӣ дар ин самт, рушди институти муҳоҷират.

- фароҳам овардани шароит ҷиҳати ҷалб ва равона намудани иқтидори муҳоҷирон, дар рушди иқтисодиёти кишоварзӣ ва инноватсионии минтақат.

Баъзе аз масъалаҳои гузошташуда айни замон мавриди амал қарор доранд ва дар ҳолати расидан ба мақсадҳои муайяншуда, вилояти Хатлон метавонад дар самти муҳоҷират ба натиҷаҳои дилхоҳ муваффақ гардад ва дар қатори минтақаҳои пешқадам оид ба татбиқи сиёсати самаранок ва танзими равандҳои муҳоҷират, инчунин таъмин намудани ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои муҳоҷирон ва аъзои оилаи онҳо ҷойи намоёнро ишғол намояд.

# ХУЛОСА

## Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

Таҳқиқоти гузаронидашуда имкон дод, ки чунин хулоса ва пешниҳодҳо манзур карда шаванд:

1. Муайян карда шуд, ки дар адабиёти иқтисодӣ таърифи мушаххас оид ба бозори меҳнат дар бахши кишоварзии минтақа аз ҷониби таҳқиқгарони соҳа то ҳол пешниҳод нагардидааст. Аз ин лиҳоз, муайян карда шуд, ки бозори меҳнат пайванди муносибатҳои хариду фурӯши молҳои махсус буда, ба шакли қувваи корӣ инчунин, бозоре, ки мубодилаи меҳнат бо маош имкон дорад, зоҳир мегардад. Ташаккули талабот, пешниҳод ва нархҳо ба қувваи корӣ, яъне хизматрасониҳои меҳнатӣ дар бозори меҳнат ба вуҷуд меоянд [5-М].

2. Таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ аз ҷумла ИМА, Канада, Мексика, Юнон, Шветсия, Норвегия, Ирландия, Дания, Олмон, Фаронса, Британияи Кабир, Испания, Федератсияи Россия оид ба идоракунии муҳоҷират дар бахши кишоварзии минтақа мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор дода шуд. Муайян карда шуд, ки дар робита ба паҳн шудани беморechii COVID-19 алоқаҳои зиёде дар низоми ҷаҳонӣ кандаву хароб шуданд. Маҳдуд намудани ҳаракати аҳолӣ дар байни кишварҳо ва ҳатто дар дохили давлатҳо, маҷрои муҳоҷирати меҳнатиро маҳдуд сохт ва ин ҳолат боиси норасоии қувваи корӣ дар соҳаи кишварзӣ гашт. Ин масъала аз ҳама бештар таъсири худро ба соҳаи мевапарварӣ ва сабзавоткорӣ расонид, чунки дар ин ду соҳа меҳнати дастӣ зиёдтар ба кор гирифта мешавад ва хислати мавсимӣ доранд. Дар як қатор мамлакатҳо Барномаҳои махсусе барои ҷалби коргарони мавсимӣ ҷиҳати корҳои деҳқонӣ аз хориҷи мамлакат, бобати ҷуброни норасоии қувваи корӣ дар авҷи мавсими корҳои кишоварзӣ амалӣ карда шуданд [7-М].

3. Зимни таҳқиқот аниқ карда шуд, ки дар давраи солҳои 2016-2021 ҳаҷми маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ аз 13839,0 то 20694,5 млн. сомонӣ ё бештар аз 48,5% афзуд. Вазни хоси маҳсулоти растанипарварӣ дар соли 2021 74,3% ва дар қиёс бо 72,7% соли 2016 ташкил дод, яъне, ҳиссаи истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ дар маҳсулоти умумии кишоварзӣ 1,6% зиёд гардидааст.

Афзоиши ҳаҷми маҳсулоти чорвопарварӣ низ нисбати соли пешин, яъне соли 2020 ба андозаи 8,2% низ зиёд гардидааст. Инчунин дар давраи таҳлилшаванда ҳаҷми истеҳсоли ғалладона 18,6% , истеҳсоли пахта 39,8%, меваҳо ба 136,0%, ангур низ мувофиқан 8,5% афзоиш ёфтааст [10-М].

4. Муайян карда шуд, ки афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар давраи таҳлилӣ нишондиҳандаҳои рушди устуворро дар вилояти Хатлон таъмин намудааст. Яке аз сабабҳои асосии ин, ба андешаи диссертант, паҳншавии бемории COVID-19 мебошад. Хулоса шудааст, ки тадбирҳои сахтгиронаи кишварҳои ҷаҳон ҷиҳати пешгирии паҳншавии COVID-19 боиси буҳрони шадид дар иқтисоди ҷаҳонӣ гардида, ба тамоми соҳаҳои ҳаёти ҳаррӯзаи мардум, новобаста аз вазъи иҷтимоӣ ва мақоми онҳо, таъсир расониданд. Ин амалҳо боиси тағйироти ҷиддӣ дар соҳаи кишоварзии вилояти Хатлон шуд. Зеро маҳдудиятҳо ва низомҳои карантинии кишварҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ, ки қабулкунандаи муҳоҷирон аз вилояти Хатлон мебошанд, ҳанӯз аз моҳи феврали соли 2020 ҷорӣ гардида, то охири моҳи марти соли 2020 сарҳадҳо барои дохил ва хориҷ аз ҷониби ҳамаи кишварҳои ИДМ баста шуданд. Дар ин ҳолат дар вилояти Хатлон барзиёдии қувваи корӣ ба вуҷуд омад [10-М].

5. Муайян карда шуд, ки шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ дар соли 2021 дар муқоиса бо соли 2016 коҳиш ёфтааст. Агар муҳоҷирон соли 2016 229,8 ҳазор нафар бошад, ҳамин нишондиҳанда дар соли 2021 ба 161,0 ҳазор нафар баробар гардидааст, ки нисбат ба соли 2016 68,8 ҳазор нафар кам мебошад. Занҳо, аз ҳама бештар бо мақсади ёфтани кор занони 18-29 сола, ба хориҷа мераванд. Агар соли 2016 21535 зан ба хориҷи кишвар рафта бошад, пас соли 2021 шумораи онҳо ба 13277 нафар расид, баъд аз шаш сол шумораи занҳо то 8258 нафар кам гардид ва ин муҳоҷират босуръат камшавии занонро исбот мекунад [8-М].

6. Тадқиқотҳои гузаронидашуда нишон дод, ки аҳолии вилояти Хатлон, ниятҳои калони муҳоҷиршавиро надорад. Аммо омилҳои муайяннамудаи унвонҷӯ ба монанди ҳодисаҳои фавқулода, музди меҳнати паст дар соҳаи кишоварзӣ, зиёдшавии аҳолӣ, бекорӣ, зиёдшавии шумораи корхонаҳои

кишоварзии зарардида, аҳолии вилояти Хатлонро водор менамояд, ки роҳи муҳоҷиратро интихоб намоянд. Умуман, муҳоҷирати меҳнатии аҳолии вилояти Хатлон хусусияти мавсимӣ дошта, авҷи тарки маҳал ба давраи баҳор-тобистон ва бозгашти муҳоҷирон ба давраи тирамоҳ-зимистон рост меояд. Ин ҷараёни муҳоҷират бештар беихтиёрона сурат мегирад ва набудани реҷаи раводид бо аксари мамлакатҳои ИДМ ба шаҳрвандони вилоят имкон медиҳад, ки дар қаламрави ин кишварҳо як муддати муайян барои ёфтани ҷойи кор озодона ҳаракат намоянд [2-М].

7. Зимни таҳқиқот аниқ карда шуд, ки фаъолнокии муҳоҷирии аҳолӣ дар соҳаи кишоварзии вилояти Хатлон аксаран аз шуғл ва даромад дар шакли музди меҳнати миёнаи кормандон дар ҷойи пештараи муҳоҷирон, ки барои таъмини эҳтиёҷоти худ ва оилаи хеш заруранд, вобастааст. Яъне, фаъолнокии муҳоҷирони аҳолӣ дар вобастагии мутақобила бо сатҳи шуғл ва даромади аҳолӣ қарор дорад. Гарчанде ки музди меҳнати миёнаи ҳармоҳаи кормандони соҳаи кишоварзӣ нисбат ба соли 2016 183,99 фоиз ё 248,9 сомонӣ, кишоварзӣ, шикор ва дигар хизматҳои ба инҳо алоқаманд 244,3 сомонӣ, ҷангалпарварӣ, захираи маҳсулоти ҷангал ва дигар хизматҳои ба инҳо алоқаманд 174,0 сомонӣ, моҳипарварӣ 400,8 сомонӣ зиёд гардида бошад ҳам, ин нишондодҳо барои рушди соҳа ва боз ҳам кам намудани сафи муҳоҷирон дар вилоят таъсири начандон зиёд дорад [1-М].

8. Муайян карда шуд, ки идоракунии раванди муҳоҷирати меҳнатӣ ва бо ҷойи кор таъмин намудани он мураккабтар маҳсуб меёбад. Зеро вилояти Хатлон минтақаест, ки бо суръати баланди афзоиши аҳолӣ назаррас буда ва ин омил дар назди мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар вилояти Хатлон вазифаи истифодаи оқилонаи чунин сармояи табииро мегузорад. Агар аҳолии вилоят соли 2016 3124,3 ҳаз. нафарро ташкил медод, пас соли 2021 шумораи он ба 3530,0 ҳаз. нафар расид ва ин нишондиҳандаи мусбии афзоиши аҳолӣ зимни тақсимоти самаранок ва оқилонаи захираҳои меҳнатӣ дар соҳаи кишоварзӣ мебошад [4-М].

9. Шакли муосир ва бештар маъмулбудаи ташаккули квазитеративӣ ва ҳалли масъалаҳои мураккаби иҷтимоию иқтисодӣ дар самти таъсири муҳоҷират ба рушди иқтисодиёти кишоварзиро бо усулҳои гуногун муайян кардан мумкин аст. Яке аз ҳамин усулҳо усули кластерӣ мебошад. Усули кластерӣ мушкилоти амалии раванди муҳоҷиратро дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлонро ҳал мекунад [11-М].

10. Зиёд намудани муассисаҳои таълимӣ аз ҷумла донишгоҳу донишкадаҳо ва коллеҷҳо бо мақсади тайёр намудани кадрҳои болаёқат дар соҳаи кишоварзии вилояти Хатлон аз ҳисоби муҳоҷирон, таъсиси ҷойҳои корӣ, омӯзиши муҳоҷирон ба технологияиҳои инноватсионӣ ва ҷорӣ намудани он дар соҳаи кишоварзии минтақа, сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ бо мақсади ташкили ҷойҳои корӣ ва кам намудани сафи муҳоҷиршавии аҳолӣ, ҳамчун самтҳои афзалиятноки идоракунии муҳоҷират дар бозори меҳнати кишоварзии вилояти Хатлон ҳисобида шуданд [6-М].

11. Солҳои охир Хадамоти муҳоҷират дар вилояти Хатлон дар ҳамбастагӣ бо Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон талош дорад, ки вазъи муҳоҷиратро дар ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он хубтар намуда ва бо ин роҳ будубоши муҳоҷиронро дар дохили мамлакат муътадил гардонад. Бо мақсади танзими равандҳои муҳоҷират ва татбиқи механизмҳои идоракунии давлатӣ дар ин самт, ташаббуси Вазорат бо дастгирии бевоситаи Ҳукумати ҷумҳурӣ оид ба таҳияи Стратегияи миллии муҳоҷирати аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2040, боиси эҳтиром ва хушнудии ҷомеаи шаҳрвандӣ, олимону коршиносони ватанию хориҷӣ, созмонҳои байналхалқӣ ва худи муҳоҷирон мебошад, ки ин гуна иқдом аз ҷониби ҳамаи тарафҳо хуб пазируфта шудааст. Зеро, қабули Стратегияи номбурда имкониятҳои навро доир ба татбиқи сиёсати самараноки муҳоҷират фароҳам меоварад [11-М].

**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот:**

1. Бо такя ба афкори омӯхташудаи олимони иқтисодшинос чунин таърифи бозори меҳнат дар бахши кишоварзии минтақа пешниҳод мегардад:

«...бозори меҳнати соҳаи кишоварзии минтақа як системаи динамикӣ мебошад, ки маҷмуи муносибатҳои иҷтимоию меҳнатиро оид ба шароити киро, истифода ва ивази қувваи корӣ барои воситаҳои зиндагӣ ва механизми худтаъминкунии он (механизми талабот ва пешниҳод), ки дар асоси он фаъолият мекунад, дар бар мегирад»[5-М].

2. Муаллиф методологияи таъсири раванди муҳоҷират ба соҳаи кишоварзии минтақаро дар асоси ҳамгироии дастгоҳи методии соҳаҳои баррасишавандаи илм пешниҳод намудааст. Методологияи пешниҳодшуда ба омӯзиши равандҳои муҳоҷират асос ёфта, самаранокии тадқиқотро зиёд намуда, дурустии интихоби дастгоҳи методӣ дар доираи ҳалли вазифаҳоро муайян мекунад. Истифодаи методологияи таҳлили таъсири равандҳои муҳоҷират ба соҳаи кишоварзӣ инҳоро дар бар мегирад: муносибати маҷмуӣ, равиши функсионалӣ; равиши интегралӣ ва моделсозии сатҳи ҳадди қобили қабули муҳоҷират. Ин методология бо истифода аз усулҳои таҳлили коррелятсионӣ-регрессионӣ, усули интегралӣ ва ғайра имкон медиҳад, ки муқаррароти назариявии мавҷуда таҳия ва вижагиҳои сифатии равандҳои муҳоҷират ва андозагирии таъсири он ба соҳаи кишоварзии минтақа муқаррар карда шаванд [3-М].

3. Тавсия карда шуд, ки истифодаи механизми идоракунии раванди муҳоҷират дар соҳаи кишоварзии кишварҳои хориҷӣ (Олмон, Фаронса, Россия), барои ҷалби коргарони маҳаллӣ ба корҳои мавсимӣ сохтани платформаи онлайн бо ҷой додани эълон дар он дар бораи ҷойҳои кор ва дигар маълумоти марбут ба корҳои саҳроӣ ба роҳ монда шавад. Мутобиқ ба ин таҷриба дар сомонаҳои Вазорати кишоварзӣ ва Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, сохтани онлайн-платформаҳо барои ҷой додани маълумот дар бораи ҷойҳои холии кор дар соҳаи кишоварзӣ лозим аст, ки ин сомонаҳо дар баробари намудҳои кор дар бораи теъдоди коргарон ва дигар маълумотҳои лозимаро дошта бошанд [7-М].

4. Тавсия карда шуд, ки барои истифодаи самараноки захираҳои меҳнатӣ, таъмини шуғли кории занон ва кам намудани динамикаи муҳоҷирати занон дар

давраи мавсимӣ бояд дар вилояти Хатлон якчанд масъалаҳо ҳал карда шавад, аз ҷумла:

1) афзоиши минбаъдаи интенсивии истеҳсолоти кишоварзӣ бо зиёд кардани ҳиссаи соҳаҳои меҳнатталаб ва зироат;

2) афзоиши шумораи корхонаҳои хурди коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар деҳот (сехҳои ҳасибӣ, панир, гармхона, фермаҳои хурди чорводорӣ ва ғайра);

3) ташкили ҳунарҳои гуногун ва соҳаҳои саноати сабук, ки мӯҳлати кораш ба мавсимӣ ва ғайримавсимӣ рост меояд;

4) инкишофи минбаъдаи соҳаи хизматрасонӣ дар деҳот;

5) дастгирии хоҷагиҳои фермерӣ [10-М].

5. Пешниҳод карда шуд, ки дар вилояти Хатлон бо назардошти камзаминии хоҷагиҳои кишоварзӣ, муҳоҷиронро барои ба гардиши кишоварзӣ даровардани заминҳои қуму-сангдор, шӯрзамин, обҳои зеризаминиашон баланд равона намоянд. Зеро дар сохтори заминҳои таъиноти кишоварзӣ 22 % заминҳои санглох, 16 % шӯразамин, 8-10 % гирифтори эрозияҳои обӣ ва шамолӣ ва боз 10-12 % заминҳои обӣ дар заминҳои боир ҷойгирифта истифода мешаванд. 55-60 % заминҳои таъиноти кишоварзии обӣ хосиятҳои хуби ҳосилдиҳӣ надоранд. Ин омил метавонад барои шаҳрвандони вилояти Хатлон таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва пешгирӣ барои зиёдшавии муҳоҷирон гардад [10-М].

6. Унвонҷӯ ноҳияҳои вилоятро бо усули таҳлили кластерӣ ба гурӯҳҳои зерин ҷудо намудааст: кластери 1 – шаҳру ноҳияҳое, ки сатҳи баланди таъсири манфии муҳоҷирати аҳолӣ ба рушди кишоварзӣ доранд. Кластери 2 - минтақаҳое, ки сатҳи сусти таъсири манфии муҳоҷират ба рушди кишоварзиро доранд. Кластери 3 - бо дараҷаи миёнаи таъсири манфии муҳоҷират ба соҳаи рушди кишоварзиро доранд [8-М].

7. Ҳангоми амалигардонии самтҳои пешниҳодшуда андешидани чораҳои иловагӣ бо истифода аз усулҳои муосир, ба монанди ташкил кардани механизми ҳамгироии муҳоҷирони баргашта ба иқтисодиёти минтақа, баланд

бардоштани фаъолияти иқтисодии аъзоёни оилаи муҳоҷирони меҳнатӣ тавассути омӯзиши касбӣ, тиҷоратӣ, ҷудо кардани қарзҳои хурд ва фаро гирифтан ба худиштиғолии расмӣ, коркард ва татбиқи лоиҳаҳои иқтисодӣ бо мақсади баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ ва паст кардани сатҳи камбизоатии муҳоҷирони меҳнатӣ, коркарди бастаи лоиҳаҳои иҷтимоӣ барои ҷалб намудани сармоягузорон тавсия карда мешавад [1-М].

